ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 34(575.3)+342+343+343.34

**ТКБ:** 67.99(2тоҷик)93+67.99(2)8+67.99(2)94

**М** – 14

**МАДВАЛИЗОДА КОМЁР МАДВАЛӢ**

# ИСБОТКУНӢ ДАР МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА МУШКИЛОТИ АМАЛӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Маҳмудов И.Т.

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**..........................3

**МУҚАДДИМА**...........................................................................................4-19

**БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПАДИДАИ ИСБОТКУНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**.........................................................................20-100

1.1. Исботкунӣ ва мақсади он дар мурофиаи ҷиноятии муосири Тоҷикистон..................................................................................................20-45

1.2. Предмети исботкунӣ..........................................................................45-78

1.3. Субъектони исботкунӣ ва таснифбандии онҳо дар назария ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................78-100

**БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ УНСУРҲОИ ИСБОТКУНӢ**.................................................................101-189

2.1. Ҷамъ овардани далелҳо....................................................................101-125

2.2. Таҳлили назарӣ, амалӣ ва танзими ҳуқуқии тафтиши далелҳо........125-151

2.3. Баҳодиҳии далелҳо...........................................................................151-187

**ХУЛОСАҲО**.........................................................................................188-191

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.....................................................................................192-193

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................194-222

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..................................................................................................224-226

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ОМСҶ** – Оиномаи мурофиаи судии ҷиноятӣ

**КМҶ ҶШС** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии

**КМҶ ҶШС** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии

**ШКХ** – Шурои комиссарони халқӣ

**КМҶ ФР** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КМҶ ҶҚ.** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**ҶШСТ** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с**. – саҳифа

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Эълони соҳибихтиёрӣ, ба даст овардани истиқлолият ва дар ин замина қабули Конститутсия (соли 1994) яке аз дастовардҳои муҳимтарини халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Ин қабил равандҳо дар бунёди давлатдории муосири тоҷик, низоми ҳуқуқӣ, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа тағйиротҳои назаррас ба миён оварданд. Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи ҷомеи ҷаҳонӣ эътироф гардида, роҳи таъсиси давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти худ интихоб намуд, ки он ба принсипҳои қонуният, волоияти ҳуқуқ ва арзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон асос ёфтааст.

Конститутсияи амалкунандаи кишвар барои тағйир додани низоми судии кишвар тавассути гузаронидани доираи васеи ислоҳот замина гузошт. Аз ҷумла, ислоҳоти мазкур ба низоми қонунгузорӣ, ки фаъолияти танзимкунандаи судҳоро, инчунин қонунгузории мурофиавиро танзим менамояд, таъсир расонд. Он тибқи талаботи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва мурофиаи судии ҷиноятӣ гузаронида шудааст. Тағйиротҳои мазкур мутаносибан ба мурофиаи судии ҷиноятӣ низ таъсир расониданд, ки ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс эътироф шудааст ва ба принсипҳои асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ, ба монанди мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои кор, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ғ. такя менамояд. Ин омилҳо беихтиёр заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро аз воситаи муҳимми мубориза ба ҷинояткорӣ будани мурофиаи ҷиноятиро ба шакли ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият фароҳам оварданд.

Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки ҳимояи самараноки манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро дар доираи ин намуди пешбурд маҳдудиятҳои муайян ба миён меоянд. Аз ин хотир, масъалаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор меравад.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ маҷмуи муайяни механизмҳо мавҷуданд, ки тавассути онҳо мубориза бо ҷинояткорӣ сурат мегирад. Дар баробари ин, дар ҳамаи давраҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ заминаи далелҳои ҷамъовардашуда ва пешниҳодшуда, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар асоси қонун амалӣ карда мешаванд, аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. Танҳо дар чунин шароит шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, бояд ҷазо дода шавад. Зарур аст, ки бо мақсади муайян кардани ҳолатҳои кор ва мавзуи (предмети) исботкунӣ амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ва мурофиавӣ аз ҷониби шахсони босалоҳият қонунӣ гузаронида шуда, ҳама гуна эҳтимолияти беасос дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусофират пешгирӣ карда шаванд.

Исботкунӣ яке аз падидаҳои марказии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, бо мурури пешрафти давлатдорӣ ва ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа дар ҳоли рушд ва такмил қарор дорад. Тағйиротҳои куллие, ки дар шароити муосир дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ падид омадаанд, тақозо менамоянд, ки дар доираи фаъолияти дарккунӣ ва исботкунӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ тақвият дода шаванд. Зарур аст, ки дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ аз тамоми имконият ва усулҳои бо қонун манъанашуда ҷиҳати бартараф кардани зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа самаранок истифода бурда шаванд.

Бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав оид ба падидаи далел ва исбот тағйиротҳои ҷашмрас падид омаданд. Дар қиёс ба КМҶ-и қаблан амалкунанда дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии амалкунанда дар масъалаи танзими ҳуқуқии далел ва исбот дигаргуниҳои назаррас вомехӯранд. Яке аз хусусиятҳои фарққунанда дар он зоҳир мегардад, ки дар Кодекси

амалкунанда дар доираи як фасл (фасли 3) ба масъалаи далел ва исбот бобҳои алоҳида бахшида шудааст. Боби 9-уми Кодекс «Далелҳо» ном дошта моддаҳои 72-84-ро дар бар мегирад. Боби 10-ум бошад «Исбот» ном дошта фарогири моддаҳои 85-90 мебошад. Дар боби исбот масъалаи ҳолатҳое ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд (м.85), ҷамъ овардани далел (м.86), тафтиши далелҳо (м.87), баҳодиҳии далелҳо (м.88), далелҳои ғайри қобили қабул (м.88.1), преюдитсия (м.89) ва ҳолатҳое, ки доир ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бояд муқаррар карда шаванд (м.90), мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст.

Ҳамин тариқ, бояд таъкид намуд, ки бори нахуст дар КМҶ ҶТ дар пайвандӣ ба падидаи исбот баъзе муқаррарот ва падидаҳои нави ҳуқуқӣ рӯйи кор омаданд. Аз қабили истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, преюдитсия ва эҳтимолият дар раванди исботкунӣ, намудҳои нави далел ва ғ. Гузашта аз ин, бо дарназардошти принсипи баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, дақиқ шудани функсияҳои мурофиавӣ, мақсади исбот, ҷараёни исботкунӣ ва доираи ҳуқуқу ваколатҳои субъектони раванди исботкунӣ низ тағйир ёфтанд._Чунин ҳолат дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ табиист, ки мушкилиҳои муайянро рӯйи кор оварда, тақозо менамояд, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо тавсияҳои судманд ва илман асоснок коркард ва пешниҳод карда шаванд.

Ҳамзамон, хотирнишон бояд сохт, ки масъалаи такмили падидаи далел ва исбот дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои барномавии ҳаёти ҳуқуқии кишвар таъкид мешавад[1].

---

[1] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 / Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005. Аз ҷумла, дар банди 55 консепсия зикр шудааст, ки бо мақсади таъмини низоми қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно намудани далелҳои ғайриқонунӣ таҳия ва ба Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ворид карда шуда, ҳамзамон ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун фаъолияти муҳимми мусоидаткунанда ба мурофиаи ҷиноятӣ муносибат карда шуда, ҷанбаҳои мурофиавии он коркард карда шаванд [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/node/843 (санаи муроҷиат: 14.01.2023).

Гузашта аз ин, тавре ки амалияи фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳои кишвар бо парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, то ҳанӯз ҳолатҳои алоҳидаи бидуни ҷамъоварии далелҳои кофиву боэътимод ва дуруст ба роҳ намондани фаъолияти исботкунӣ ҳолатҳои ғариқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон аз байн нарафтаанд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 оид ба мавҷудияти камбудиҳои шабеҳ дар давраи тафтишоти пешакӣ таваҷҷӯҳи кормандони прокурориро ҷалб сохта, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мақомоти прокуратура 1215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор намуданд. Илова бар ин, 228 қарори дигар мақомоти тафтиш дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби беасос оғоз карда шуданашон қатъ карда шудаанд[2].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ноил шудан ба ҳалли мусбати мушкилот ва проблемаҳои ҷойдошта танҳо дар сурати ҳамоҳанг сохтани кӯшишҳои муштараки намояндагони назария ва амалия имконпазир аст. Аз ин рӯ, зарурат пеш омадааст, ки як қатор муқаррарот ва нуктаҳои назариявӣ дар шароити муосир аз диди нав мавриди бознигарӣ қарор дода шавад.

Ҳамин тариқ, проблемаҳои наве ба миён омаданд, ки аз нигоҳи илмӣ таҳқиқоти тозаю фарогирро тақозо менамоянд. Дар умум, омилҳои болозикр мубрамияти мавзуи таҳқиқотро собит менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар пайвандӣ ба падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ як зумра олимони ватанӣ ба монанди Н.А. Абдуллоев[3],

---

[2] Ниг.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 14.09.2019).

[3] Ниг.: Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми якум: воситаи таълимӣ. –Душанбе, 1979. – 150 с.

П.С. Абдуллоев[4], А.Л. Арипов[5], З.Ҳ. Искандаров[6], И.Т. Маҳмудов[7], Х.М. Мирзамонзода[8], А.А. Муҳитдинов[9], А.Э. Раҳматуллоев[10], Н.Б. Хоҷаева[11], Р.Р. Юлдошев (Р.Р. Раҳмадҷонзода)[12] ва дигарон осори арзишманд ва мақолаҳои илмӣ нашр намуда, роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи он мароқ зоҳир намуданд.

Дар баробари ин, масъалаи мазкур дар меҳвари фаъолияти як гурӯҳ олимони маъруфи рус қарор дошта, аз ҷониби онҳо таҳқиқоти амиқ ва фарогири илмӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, А.В. Агутин[13], В.С.

---

[4] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 252; Абдуллоев П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджик. нац. ун-та. Сер. гуманитарных наук. – 2013. – №3/4 (115). – С. 113-122; Абдуллоев П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4 (12). – С. 74; Абдуллоев П.С. Истина как цель доказывания в уголовном процессе / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №3/3 (87). – С. 103-111.

[5] Ниг.: Арипов А.Л. Деятельность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 226 с.

[6] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Ташкент, 2010. – 50 с.; Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд / З.Ҳ. Искандаров // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 21-22.

[7] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Қонуният (Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Нашри махсус. – 2014. – №5. – С. 35-41; Маҳмудов И.Т. Нақши прокурор дар исботкунӣ / И.Т. Маҳмудов // Нақши конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2012. – С. 38-46.

[8] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 63 с.

[9] Ниг.: Муҳитдинов А.А. Процессуальное положение следователя (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 2009. – 24 с.

[10] Ниг.: Раҳматуллоев А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.

[11] Ниг.: Ходжаева Н.Б. Понятие субъекта доказывания в уголовном судопроизводстве / Н.Б. Ходжаева // Законодательство. – 2015. – №1 (17). – С. 19-22.

[12] Ниг.: Рахмаджонзода Р.Р., Арипов А.Л., Самиев Н.М., Махмадализода А.М., Касимова М.А. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 44 с; Юлдошев Р.Р. О понятии доказательств и доказывании в уголовном судопроизводстве Таджикистана / Р.Р. Юлдошев // Доказательства и доказывание по новому УПК Украины (в честь 75-летия доктора юридических наук, профессора М.М. Михеенко): материалы международной научно-практической конференции (г. Киев, 6-7 декабря 2012 г.). – Х.: Видавець Строков Д.В., 2013. – С. 365-369.

[13] Ниг.: Агутин А.В. Мировоззренческие идеи в уголовно-процессуальном доказывании: дис. ... д-ра юрид. наук. – Нижний Новгород, 2005. – 448 с.

Балакшин[14], Ю.Ю. Воробёва[15], С.Э. Воронин[16], И.В. Грибов[17], А.Н. Гушин[18], Т.З. Егорова[19], С.А. Зайтсева[20], И.В. Зверев[21], Н.П. Кузнетсов[22], О.В. Левченко[23] ва дигарон асарҳои қобили мулоҳиза ба нашр расонида шудаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти доираи васеи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба масъалаи исботкунӣ онҳо дар умум кулли мушкилоти илмӣ-назариявиро оид ба падидаи исботкунӣ фаро нагирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Муаммоҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, тақвияти ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» рӯйи кор омадааст.

---

[14] Ниг.: Балакшин В.С. Доказательства в теории и практике уголовно-процессуального доказывания (важнейшие проблемы в свете УПК Российской Федерации): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Екатеринбург: [б.и.], 2005. – 64 с.

[15] Ниг.: Воробьева Ю.Ю. Современные проблемы процесса доказывания в российском уголовном судопроизводстве: дис. … канд. юрид. наук. – Оренбург, 2006. – 187 с.

[16] Ниг.: Воронин С.Э. Проблемно-поисковые следственные ситуации и установление истины в уголовном судопроизводстве: дис. ... д-ра юрид. наук. – Барнаул: [б.и.], 2001. – 404 с.

[17] Ниг.: Грибов И.В. Доказывание как способ разрешения противоречий уголовного судопроизводства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород: [б.и.], 2006. – 22 с.

[18] Ниг.: Гущин А.Н. Проблемы использования результатов оперативно-розыскной деятельности в.доказывании по уголовным делам: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов: [б.и.], 2002. – 180 с.

[19] Ниг.: Егорова Т.З. Средства доказывания и их оценка в судебных стадиях российского уголовного процесса: дис. ... канд. юрид. наук. – Ижевск: [б.и.], 2002. – 162 с.

[20] Ниг.: Зайцева С.А. Оценка доказательств в российском уголовном процессе: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 1999. – 177 с.

[21] Ниг.: Зверев И.В. Субъекты доказывания в уголовном судопроизводстве: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2005. – 195 с.

[22] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., Воронеж, 1998. – 444 с.

[23] Ниг.: Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2004. – 418 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ихтилофот дар қонунгузорӣ ва амалияи соҳаи исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ ифода мегардад. Асосноккунии назариявӣ ва амалии онҳо имкон медиҳанд, ки пешниҳодҳои судманд манзур карда шуда, ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гарданд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади зикргардида ҳалли вазифаҳои зайлро тақозо менамояд:

– асосноккунии назариявии категорияи «исбот дар мурофиаи судии ҷиноятӣ»;

– таҳлили сохторӣ ва мазмунии хусусиятҳои мавзуи (предмети) исбот;

– муқаррар намудани таърифи муаллифонаи категорияи «субъекти исботкунӣ» ва таснифоти онҳо;

– дар заминаи такмилёбии меъёрҳои диспозитивӣ муайян намудани мақоми суд дар раванди исбот;

– муайян намудани ҷанбаи мафҳум ва муҳтавои категорияи «ҷамъоварии далелҳо» ва ошкор намудани хусусиятҳои асосии он;

– дар асоси муқаррароти КМҶ ҶТ омӯзиши воситаҳои тафтиши далелҳо;

– таҳлил ва муайян намудани табиати ҳуқуқии баҳодиҳии далелҳо ва маҳакҳои он тибқи КМҶ ҶТ.

**Объекти таҳқиқот** аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки дар соҳаи танзими падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҶТ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро қонуниятҳои раванди исботкунӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки раванди исботкуниро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба танзим медарорад, ҳамчунин, амалияи мақомот ва шахсони мансабдоре, ки вазифаи исботкунӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар заминаи маводҳои солҳои 2009-2024 ба амал бароварда шудааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2014 оғоз гардида, то имрӯз идома ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро корҳои илмии олимону муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ дар соҳаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳамчунин корҳои илмӣ дар риштаи фалсафа, мантиқ, криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои оммавӣ ва хусусӣ ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ методи диалектикӣ (таҳлили падидаи исботкунӣ чун шакли даркнамоӣ) таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ (таҳлили муқоисавии қонунгузории ватанӣ ва кишварҳои ИДМ), таърихӣ (таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии хориҷӣ ва ватанӣ дар давраҳои муайян), оморӣ, омӯзиши амалия, синтез ва ғ. васеъ истифода шудааст.

Заминаҳои ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро муқарраротҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутусионӣ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти мазкурро натиҷаҳои амалия ва омори Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2017-2023 ташкил дода, аз ҷониби муаллиф ба таври паҳновар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар раванди солҳои ишорагардида аз ҷониби муаллиф зиёда аз 120 парвандаҳои ҷиноятӣ омӯхта шуда, бархе аз онҳо дар кори таҳқиқоти диссертатсионӣ манзур шудаанд.

Илова бар ин, роҷеъ ба масъалаҳои ҳалталаби таҳқиқоти диссертатсионӣ ба воситаи усули пурсишгузаронӣ бо кормандони амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, аз ҷумла бо 27 судя, 24 прокурор (айбдоркунандаҳои давлатӣ) ва 41 муфаттиш суҳбат гузаронида шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар омӯзиши мукаммал ва мустақили илмӣ, ки дар заминаи қабули Кодекси ҷадиди мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ сурат гирифтааст, ифода меёбад.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои ҳалталаб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз қабили ҷанбаҳои мантиқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ доштани падидаи исботкунӣ, падид омадани мафҳуми исбокунӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ ва равонӣ, истифода гардидани предмети исботкунӣ чун «барномаи корӣ» аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, нақшҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар раванди исботкунӣ ва ғ. Ҷанбаҳои болозикр аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба омӯхта шудаанд ва назари муаллифонаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Бо мақсади боз ҳам мукаммал намудани назарияи далеловарӣ ва вусъат бахшидан ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ, самаранок ба роҳ мондани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии исботкунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ диссертант зарур мешуморад, ки таълимот дар ин ҷода такмил дода шуда, ба муқарраротҳои ҷорӣ тағйиру иловаҳои судманд ворид карда шаванд.

Бо эътимоди комил гуфтан мумкин аст, ки пешниҳодҳои манзурнамудаи диссертант метавонад баҳри тақвияти назарияи далеловарӣ, исботкунӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ такони ҷиддӣ диҳад:

### I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:

1. Даркнамоӣ ва исботкунӣ зуҳуроти яксон нестанд ва аз рӯйи табиат ва хусусиятҳои худ фарқ менамоянд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи зуҳуроти даркнамоӣ аз исботкунӣ ин дар субъектони онҳо ифода мегардад. Даркнамоӣ нисбат ба исботкунӣ аз бисёр ҷиҳат паҳновару васеъ буда, исботкунӣ танҳо яке аз шаклҳои он маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, даркнамоӣ на танҳо исботкунӣ, балки василаҳои дигари ба даст овардани маълумотҳои воқеиро

ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ дар бар мегирад.

2. Раванди исботкунӣ аз ҷанбаҳои амалӣ ва мантиқӣ иборат аст. Зикр мегардад, ки танҳо дар ҳамбастагию муттаҳидӣ ҷанбаҳои амалӣ ва мантиқӣ метавонанд фаъолияти исботкуниро мақсаднок ва судманд намоянд.

3. Зикр мегардад, ки дар сатҳи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ байни мафҳумҳои субъекти исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ фарқият гузошта мешавад.

4. Тафтиши далелҳо аз шакли ягонаи фаъолият, ки ду ҷанба – амалӣ ва зеҳнӣ (интелектуалӣ) дар бар мегирад, ташаккул меёбад.

5. Пажуҳиши унсури тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо собит месозад, ки тафтиш аз фаъолияти амалӣ ва равонӣ иборат буда, унсури баҳодиҳии далелҳо сирф фаъолияти ақлонӣ мебошад.

6. Маҳз ҷанбаи сирф фаъолияти равонӣ баҳодиҳиро аз ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ тафриқа менамояд. Баҳодиҳӣ дар фарқият аз ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо аз ҷанбаҳои эмпирикӣ ва амалҳои ҷисмонӣ (физикӣ) орӣ мебошад.

## II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидаанд:

1. Мафҳуми пешниҳодгардидаи «исботкунӣ» дар м.85 КМҶ ҶТ воҷиб аст таҷдиди назар карда шавад. Муаллиф мафҳуми исботкуниро дар моддаи алоҳида дар таҳрири зайл пешниҳод менамояд: – «Исботкунӣ – ин тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба амал баровардa мешавад».

Ҳамчунин, дар қисми 2 моддаи мазкур талаботи зерин мустаҳкам карда шавад: – «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Дар раванди исботкунӣ

гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд».

2. Пурра ва ҳамаҷониба омӯхтани шахсияти айбдоршаванда, яке аз вазифаҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш ва судя (дар ҷараёни тафтишот ва муҳокимаи судӣ) ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки муқаррароти сархати 2 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ ниёз ба такмил дорад. Бино ба сархати 4 қ.3 м.293 КМҶ дар протоколи маҷлиси судӣ маълумот дар хусуси шахсияти судшаванда қайд карда мешавад, яъне дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ҳолатҳои муайян кардани шахсияти судшаванда бояд омӯхта шаванд.

Дар ин замина, рисоланавис ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки ба сархати 2 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ калимаҳои судшаванда ва гумонбаршуда илова карда шуда, ин сархат бояд «Ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро муайян мекунанд» номгузорӣ карда шавад.

3. Бо мақсади рафъ намудани мушкилотҳои ҷойдошта вобаста ба падидаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан боби 4, инчунин мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст боби 4 КМҶ ҶТ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири зерин манзур карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ин боб ишора намуд.

4. Айбдоркунанда тибқи талаботи м.15 КМҶ ҶТ субъекти асосиест, ки исбот кардан ба уҳдадории ӯ дохил мешавад. КМҶ ҶТ калимаи айбдоркунандаро пешбинӣ намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Аз ҳамин нуқтаи назар, муаллиф бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ пешниҳод менамояд, ки ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», «айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ» ворид карда шавад.

5. Иштирокчиёне, ки дар м.86 КМҶ ҶТ зикр ёфтаанд, ҳуқуқ доранд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва минбаъд ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ

пешниҳод намоянд. Ба назари диссертант айбдоркунандаи хусусӣ низ бояд дар қ.4 м.86 КМҶ ҳамчун иштирокчии пешниҳодкунандаи далелҳо ишора карда шавад. Зеро айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҷабрдида истифода мебарад. Ҳолати ишора накардани айбдоркунандаи хусусӣ дар моддаи зикрёфта собит менамояд, ки КМҶ ҶТ то кунун ба иштирокчии нави мурофиа, баҳои ҳуқуқии муносиб ва сазовор нагузоштааст.

6. Омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳанд, ки амалҳои тафтишӣ – ягона воситаи ҷамъоварии далелҳо нестанд. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин хотир, диссертант зарур мешуморад ки қ.1 м.86 КМҶ ҶТ дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад».

7. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур ба чунин хулоса омадааст, ки салоҳияти ҳимоятгар (м.53 КМҶ ҶТ) бояд мавриди боздид қарор дода шавад. Дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи ҷамъ овардани далел диссертант ба чунин хулосае омадааст, ки бояд ба ҳимоятгар ҳуқуқи гузаронидани мусоҳибаро бо дилхоҳ шахсе, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти аҳаммиятдоштара соҳиб аст, дода шавад, бахусус, дар мавриде, ки он шахс аз ҷониби муфаттиш бинобар омилҳои объективӣ ё субъективӣ пурсида нашудааст. Ба назари диссертант, ҳуқуқи гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби ҳимоятгар то андозае тавозуни тарафҳоро (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дар мурофиаи судии ҷиноятӣ нигоҳ медорад. Бинобар ин, дар КМҶ ҶТ дар баробари дигар ҳуқуқҳо – ҳуқуқи мусоҳиба ба шарти ризоияти худи шахс муқаррароте пешбинӣ карда шавад.

8. Бо мақсади аз байни бурдани духӯрагӣ ва гуногунфаҳмӣ муаллиф ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки дар матнҳои КМҶ ҶТ ибораи «тафтиши далелҳо» ё ин ки «таҳқиқи далелҳо» истифода карда шавад.

9. Таҳлил ва омӯзиши эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳӣ далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз, муаллиф зарур мешуморад, ки ба боби 2 КМҶ (принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи алоҳида бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад».

10. Бо дарназардошти танҳо ҷанбаи ақлонӣ (равонӣ) доштани ҷараёни саҳеҳияти далелҳо қ.4 м.88 КМҶ бояд мавриди боздид қарор дода шавад. Ҷиҳати такмил ва инкишофи муқарраротҳои КМҶ ҶТ муаллиф зарур мешуморад, ки вожаи «саҳеҳ» ба «боэътимод» ва «тафтиш» ба «баҳодиҳӣ» иваз карда шавад. Ҳамин тариқ, қ.4 м.88 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зерин таҳия карда шавад: «Далел боэътимод эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи баҳодиҳӣ маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст».

**III. Пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд:**

1. Барнома ва стратегияи сатҳҳои гуногун, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ ё ин ки коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҳудуди ҶТ ба тасвиб мерасанд: зарур аст амалишавии ин қабил ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти Прокуратураи генералии ҶТ мунтазам назорат карда шаванд.

2. Ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бояд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо танҳо маълумотнома ба корхона, ташкилот, муассиса, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод мегардаду халос. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҷиҳати ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда

шудааст, бояд инъикос карда шавад. Ба назари муаллиф, риоя намудани ин таклифот ба падидаи ҷамъ овардани далелҳо ривоҷу тақвият мебахшад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар хулоса ва пешниҳодҳои илмии таҳияшуда, ки моҳият ва аҳаммияти исботкуниро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян менамояд, ифода мегардад. Бархе аз натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти диссертатсиониро ҷиҳати такмил додани падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии амалиявӣ бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои аҳаммиятноки парванда, ҳамчунин дар коркарди минбаъдаи назариявии проблемаҳои илмии падидаи исботкунӣ истифода намудан мумкин аст. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо роҷеъ ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва тавсияҳои амалӣ барои фаъолияти кормандони мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ таҷассум мегардад.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ дар раванди омӯзиши фанҳои «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», курсҳои махсуси «Назарияи далел ва исбот», «Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мурофиавии давраҳои тосудӣ» ва ғ. истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф гузаронидашуда, тавассути истифода шудани усулҳои таҳқиқи умумиилмӣ ва махсус муайян карда шудааст. Дар баробари ин, роҷеъ ба мавзуи таҳқиқшаванда диссертант ба рисолаҳои олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷӣ, ки масоили вобаста ба падидаи исботкуниро бо ин ё он шакл таҷассум менамоянд, такя намудааст. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2021 ва Қарорҳои Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, маҷмуи хулосаҳо, мафҳум, таърифҳо ва навгонии илмии диссертатсия инъикос мегардад. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар чорабиниҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ рӯйи кор омадаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, дар ҷаласаи кафедра санаи 31 майи соли 2017 тасдиқ гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи навбатии кафедра санаи 14 марти 2024 мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатисонӣ дар интишороти илмӣ, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ инъикоси худро пайдо намудаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» – маъруза дар мавзуи «Проблемы правового положение специалиста в уголовном процессе» (Душанбе, 2016);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– «Рушди ҳуқуқи судӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ» (Душанбе, 2015);

– «Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» – маърӯза на тему «Соотношение процессуального познания и доказывания» (Душанбе, 2017);

– «Рушди падидаҳои адолатӣ судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои назариявии ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 2019);

– «Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистн: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон» (Душанбе, 2020).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар иртибот бо мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ 11 маводи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 226 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПАДИДАИ ИСБОТКУНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## 1.1. Исботкунӣ ва мақсади он дар мурофиаи ҷиноятии муосири Тоҷикистон

Дар таълифоти илми ҳуқуқшиносӣ исботкунӣ ва далел аз қабили масоилҳои мубрам ва ҳамзамон ҳасос арзёбӣ гардида, меҳвари тамоми мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Аз рӯзмарра будани падидаи исботкунӣ корҳои афзуни олимону муҳаққиқони риштаи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика дарак медиҳанд. Аз ин рӯ, дар зербоби нахустин роҷеъ ба ҷанбаҳои мубоҳисаталаби падидаи исботкунӣ ва ҳамчунин пайдо намудани раҳёфтҳои мухталиф ба мафҳум ва моҳияти исботкунӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамзамон ҷиҳати такмил додани муқарраротҳои ҷудогонаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар пайвандӣ ба падидаи исбот фикру мулоҳиза, таклифу пешниҳодҳои илман асоснок манзур шудаанд. Дарвоқеъ, дар шароити кунунӣ коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалии падидаи исботкунӣ бо дарназардошти тамоюлҳои муосири рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад.

Аслан, таъиноти мурофиаи ҷиноятӣ ду паҳлу дорад. Он аз як ҷониб ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон ва ташкилотҳое, ки аз ҷиноят зарар дидаанд (ҷабрдида, даъвогари гражданӣ) нигаронида шудааст, аз ҷониби дигар бошад, талаботи қонун оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад[24]. Бинобар ин, воҷиб аст, ки фаъолияти исботкунӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ҳақиқат вобаста ба парванда муқаррар карда шуда, ҳамзамон манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз мадди назари субъектони ваколатдор дур нагардад.

---

[24] Ниг.: Рыжаков А.П. Уголовный процесс: учебник для вузов. – 3-е изд. испр. и доп. – М.: Издательство НОРМА, 2004. – С. 10-11.

Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки мурофиаи ҷиноятӣ низоми мураккаби бисёрсатҳии фаъолияти мурофиавии мақомот, шахсони мансабдор ва дигар шахсони дар қонун пешбинишуда мебошад, ки аз рӯйи якчанд ҷанба баррасӣ карда мешавад:

1) ҳамчун низоми марҳилаҳои (давраҳои) алоҳида, ки пай дар пай якдигарро иваз мекунанд;

2) ҳамчун низоми функсияҳои гуногун, ки ба фаъолияти субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқи вазифа ё манфиатҳои онҳо хос мебошанд;

3) ҳамчун низоми амалҳои гуногуни мурофиавӣ, ки ба ҷамъоварӣ, тафтиш, баҳодиҳии далелҳо ва асосноккунии қарорҳои дахлдор оид ба парванда, инчунин таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва дигар амалҳо нигаронида шудаанд (чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, ирсоли парвандаҳо аз рӯйи тобеият, тамдид намудани муҳлати тафтиш пешакӣ ва ғ.)[25].

Бо вуҷуди фаъолияти мунтазам ва самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати огоҳонидан, анҷом додани корҳои пешгирӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содирнамуда, ҳамоно вазъи ҷинояткориро дар ҷумҳурӣ муътадил нигоҳ дошта наметавонад. Ҳол он ки саъю талошҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Чунончӣ, дар соли 2020 дар ҶТ 23 ҳазору 460 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, 18 ҳазору 887 ҷиноят ошкор гардидааст. Яъне, фоизнокии ошкоршавии ҷиноят 80.5% ташкил медиҳад, ки нишондоди қобили қабул арзёбӣ мешавад[26]. Дар соли 2021 бошад, аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 24 ҳазору 118 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2020 2,8% зиёд мебошад. Ошкоршавии ҷиноятҳо дар соли 2021 80,4% ташкил медиҳад[27]. Соли

---

[25] Ниг.: Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 25.

[26] Ниг.: Нишасти матбуотии Вазири ВКД Раҳимзода Р.Ҳ. 19 феврали 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://javonon.tj/news/social/vkd (санаи муроҷиат: 03.09.2022).

[27] Ниг.: Иҷлосияи нуҳуми Маҷлиси миллӣ, даъвати №6. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2021 // Садои мардум аз 17.03.2022. – №33-34 (4453-4454). – С. 4.

2022 24 ҳазору 481 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, кушодашавии он 76,7%-ро ташкил медиҳад[28].

Бо мақсади коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №265 Барномаи давлатии муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ[29] дар ҶТ барои солҳои 2021-2030 ва Стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм[30] барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида, рафти татбиқи онҳо таҳти назорати доимии мақомоти прокуратура қарор доранд.

Бо вуҷуди ин ҳама иқдомҳои саривақтии масъулин дар ин ҷода, масъалаи ҷинояткорӣ ва сари вақт ошкор намудани ҷиноятҳо нигаронкунанда боқӣ монда, дар ҶТ аз масъалаҳои рӯзмарра арзёбӣ мешавад. Дар робита ба ин, Б.С. Негматов бамаврид зикр менамояд, ки: «Амалияи прокурорӣ ва тафтишотӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки камбудии асосии мақомоти тафтиши пешакӣ дар ин самт он аст, ки мақомоти тафтиши пешакӣ дар рафти пешбурди парванда аксар вақт ҷидду ҷаҳди худро ба исбот намудани ҳодисаи содир намудани ҷиноят равона намуда, ба масъалаҳои исботи гуноҳ эътибори кофӣ намедиҳанд ва дар баъзан ҳолатҳо айбдоршавандаро ба иқрори гуноҳ водор менамоянд»[31].

Алҳол, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиноятҳое ба қайд гирифта мешаванд, ки ҷиҳати сари вақт ва пурра ошкор намудани онҳо рӯйкардҳои мухталифи исботкуниро мавриди истифода намудан зарур аст. Бахусус, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (м.м.298, 299, 300, 301, 302, 303, 304

---

[28] Ниг.: Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллӣ, даъвати №6. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои яккхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2021 // Садои мардум аз 15.03.2023. – №37-38 (4620-4621). – С. 3.

[29] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://dushanbe.sud.tj/press/barnomai-davlatii-mu-ovimat-ba-inojatkor-dar-um-urii-to-ikiston-baroi-sol-oi-2021-2030/ (санаи муроҷиат: 03.09.2022).

[30] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Стратегияи муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 01.06.2021 с., №187 // Маҳзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 03.01.2022).

[31] Негматов Б.С. Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 134.

КҶ ҶТ). Ин қабил ҷиноятҳо бо дарназардошти такмил ёфтани технологияи инноватсионӣ, тараққии бесобиқаи илму техника ва ғайри мақсаднок донишандӯзии ҷинояткорон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба вуқуъ мепайвандад. Ба назари мо, ин як мушкилоти бузургест, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавии ҳаёти муосир ба вуҷуд омадааст. Табиист, ки ҷаҳони муосир дер боз тағйир ёфтааст ва айни замон бо суръати баланд бо дарназардошти омилҳои гуногун масири худро дигар кардааст. Технологияи ҷадид, ки инсоният ҷиҳати беҳбуди зиндагӣ ба онҳо умед мебандад, бо худ оқибатҳои зиёди манфиро ба бор меоварад. Зеро, дар шароити кунунӣ технологияи муосир василаи қулайи содиршавии ҷиноят гаштааст. Дар ин замина, гуфтан роиҷ аст, ки проблемаҳои муосир тавассути қарорҳои (амалкардҳои) муосир бояд ҳаллу фасл карда шаванд.

Мусаллам аст, падидаи исботкунӣ дар баробари содиршавии ҷиноятҳои характери «муосирдошта» бояд дар ҳоли рушд қарор дошта бошад, зеро маҳз руйкардҳои муосири илмӣ, мантиқӣ, техникӣ, иттилоотӣ василаи асосии исбот намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта маҳсуб меёбад. Дар ҳошияи суханони болозикр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки исботкунӣ ҳамчун падидаи мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳоли ҳозир низ аз зумраи масъалаҳои бағоят муҳим арзёбӣ карда мешавад. Ҳарчанд дар хусуси моҳият ва мақсади исботкунӣ корҳои зиёди илмӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ бахшида шуда бошанд ҳам, масъалаи мазкур, то ин ҳангом мубрамияти худро аз даст надодааст. Қобили зикр аст, ки замони авҷу густариши падидаи исботкунӣ ба қарни XX рост омада, то кунун роҷеъ ба масъалаҳои муҳтаво, мақсад ва предмети исботкунӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа андешаҳои мухталифи назариявию амалӣ манзур шуда истодаанд.

Яке аз масъалаи баҳсноки ҳалталаб дар адабиёти ҳуқуқӣ ин таносуби исботкунӣ ва назарияи даркнамоӣ (гносеология – назарияи маърифат)[32]

[32] Моҳияти гносеология (назарияи маърифат) – раванди фаъолу самти мақсаднок доштаи инъикоси воқеит дар шуури инсон аст. Дар рафти он қишрҳои гуногунҷиҳатаи ҳастӣ равшан гашта, тарафҳои дохилӣ ва моҳияти ашёҳо, зуҳуротҳои олами муҳит омӯхта шуда, инчунин субъекти ҳамин фаъолият – инсон аз ҷониби

маҳсуб меёбад. Мусаллам аст, ки исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ як навъ даркнамоии инсон дар бораи воқеият аст. Аз ҳамин нуқтаи назар, гуфтан мумкин аст, ки исботкунӣ заминаи гносеологӣ ва мантиқиро доро мебошад.

Мавриди зикри хос аст, ки мафҳуми «даркнамоӣ» ва «исботкунӣ» асосан категорияи илми фалсафӣ буда, сониян ба илмҳои хусусӣ дастрас гаштаанд. Агар мафҳумҳои фалсафии «даркнамоӣ» ва «исботкунӣ» шаклҳои умумӣ-универсиалии чаҳони даркшударо инъикос карда бошанд, пас ҳамон мафҳумҳои зикршуда дар илми ҳуқуқ танҳо муносибатҳои инфиродиро, хамчун муносибатҳои хусусии ба соҳаи муайяни фаъолият хосро инъикос мекунанд. Ин муқаррарот калиди универсалии методологии даркнамоии ҳолатҳои ҷинояти содиршударо, ки ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода мешаванд, фароҳам меоварад[33].

Даркнамоии ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноятие, ки дар гузашта ба вуқӯъ пайвастааст, на танҳо аз ҷониби субъекти тафтишкунандаи он амалӣ карда мешавад, балки таъиноти муҳимми он нисбат ба доираи васеи мутахассисон ва шахсони манфиатдори парванда пешбинӣ мегардад. Дар раванди муайян кардани (исботи) тамоми ҳолатҳои содиршудани ҷиноят қонуниятҳои фалсафаи ҳуқуқ дар бораи ба инсон даркшаванда будани воқеият, ҳодиса, зуҳурот амал мекунад ва ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, натиҷаи пешбурди тафтишоти ҷиноят, ба ҳам мувофиқ будани хулосаи тафтишот ва воқеияти ҳодисаи руxдода аз дараҷаи даркшаванда будани ҳолатҳои содир шудани он ва сатҳи дониши ҳуқуқии таҳқиқбаранда, муфаттиш вобаста аст[34].

Дар робита ба ин масъала, Л.М. Карнеева бамаврид қайд менамояд, ки осори ҷиноятe, ки дар хотираи одамон ва дар муҳити моддӣ қарор доранд, хусусияти объективӣ дошта, худ аз худ ҳанӯз далели парванда нестанд. Онҳо

---

худи инсон таҳқиқ мегардад ( Саидов Н., Аминов Ф. Фалсафа. Маҷмуи саволҳои тестӣ барои имтиҳони ҷорӣ дар ихтисосҳои ғайрифалсафӣ. – Душанбе, 2009. – С. 105).

[33] Ниг.: Рахмаджонзода Р.Р., Арипов А.Л., Самиев Н.М., Махмадализода А.М., Касимова М.А. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан : учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 10.

[34] Ниг.: Раҳматуллоев А.Э. Зарурати такмил додани роҳу услуб ва қоидаҳои тафтиши ҷиноят / А.Э. Раҳматуллоев // Ҳолати муосири илм ва қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: «Вектор-Принт», 2016. – С. 140.

танҳо дар раванди исботкунӣ, дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки шахсоне, ки тафтишотро анҷом медиҳанд ва парвандаро дар суд ҳаллу фасл менамоянд, далел ҳисобида мешаванд[35].

Ба андешаи мо, аз ақидаи мазкур чунин бармеояд, ки дар рафти исботкунӣ ин ё он ҳолат асоснок карда шуда, донишҳои ҷадид дар хусуси ҷинояти содиршуда аз ҷониби субъекти исботкунӣ ба даст оварда мешаванд. Гузашта аз ин, зуҳуроти даркнамоӣ ҳодисаи ҷиноятро ба назари эътибор гирифта, изҳор намудан мумкин аст, ки исботкунӣ аз фаъолияти муттаҳидшудаи амалӣ (ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо) ва равонӣ-ақлонӣ (баҳодиҳии далелҳо) иборат мебошад. Зимнан бояд қайд намуд, ки қисмати фаъолияти равонии исботкуниро вобаста ба коркарди усулҳои самараноки дарёфт ва ҷамъоварии далелҳо, ҳамчунин ташаккул додани онҳоро илми мантиқ меомӯзад. Ҳамзамон, як зумра олимони ватанӣ ба монанди П.С. Абдуллоев[36], А.Л. Арипов[37], Р.Р. Раҳмаджонзода[38], А.Э. Раҳматуллоев[39] ва дигарон низ роҷеъ ба зуҳуроти даркнамоӣ ва исботкунӣ мароқ зоҳир намуда, фикру андешаҳои қобили мулоҳиза иброз намудаанд. Масалан, П.С. Абдуллоев дар ин хусус, чунин изҳор менамояд: «Исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун раванди даркнамоии ҳақиқати воқеӣ дорои мақсадҳо, объектҳо, воситаҳо ва шаклҳои махсус мебошад»[40].

Ба қавли бархе аз муҳаққиқон дар мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари исботкунӣ боз як шакли дигари даркнамоӣ вуҷуд дорад, ба мисли дарки бевоситаи фактҳо, амалҳо ва ҳодисаҳои ҷудогона[41]. Чунончӣ, А.Р. Белкин ба

---

[35] Ниг.: Карнеева Л.М. Доказательства в советском уголовном процессе. – Волгоград: Изд-во ВСШ МВД СССР, 1988. – С. 32.
[36] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 78-87.
[37] Ниг.: Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 226 с.
[38] Ниг.: Рахмаджонзода Р.Р., Арипов А.Л., Самиев Н.М., Махмадализода А.М., Касимова М.А. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан : учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 44 с.
[39] Ниг.: Раҳматуллоев А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.
[40] Абдуллоев П.С. Асари зикршуда. – С. 79.
[41] Ниг.: Дорохов В.Я., Николаев В.С. Обоснованность приговора в советском уголовном процессе. – М., 1959. – С.37-38; Курылев С.В. Основы теории доказывания в советском правосудии. – Минск, 1969. – С. 23.

ҷуз аз ҳодисаи ҷиноят, ки ба предмети исботкунӣ дохил мешавад, дигар фактҳоеро низ ишора менамояд, ки ҷиҳати даркнамоӣ аз ҷониби муфаттиш ва суд дастрас мебошанд[42].

Таҳлили маҷмуии масъалаи мазкур аз ҷониби мо нишон медиҳад, ки маълумотҳои барои парванда аҳаммиятдошта тавассути шаклҳои мухталифи даркнамоӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин рӯ, дар мурофиаи ҷиноятӣ зуҳуроти исботкунӣ шакли ягонаи даркнамоӣ нест. Дар пайвандӣ ба ҳамин масъала, О.В. Левченко зикр менамояд, ки даркнамоӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ шаклҳои гуногуни фаъолиятро аз қабили, исботкунӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, преюдитсия, презумпсия ва фактҳои маълумшударо фаро мегирад[43]. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки ҳамаи ин шаклҳои даркнамоӣ ба якдигар тавассути предмети умумии даркнамоӣ – ҳодисаи ҷиноят дар алоқамандӣ қарор доранд. Онҳо дар доираи муайян вуҷуд ва инкишоф ёфта, чунин даркнамоиро аз нуқтаи назари эътимоднокӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи он таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин, дар мурофиаи ҷиноятӣ исботкунӣ шакли асосии раванди даркнамоӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.

Омӯзиши амиқи адабиёти ҳуқуқӣ ва монографияҳо нишон медиҳанд, ки дар бобати зуҳуроти даркнамоӣ ва исботкунӣ ақидаи умумиэътирофгашта вуҷуд надорад. Масалан, бархе аз олимону муҳаққиқон ин ду категорияро яксон қабул дошта, байни онҳо ҳеҷ як тафовуте намебинанд. Масалан, З.З. Зинатуллин ин ҳолатро чунин шарҳ медиҳад: «исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари даркнамоӣ вуҷуд надорад: ин ҳамон даркнамоии ҳолатҳои аҳаммиятдоштаи парванда мебошад»[44].

П.Ф. Пашкевич низ ҳамин мавқеъро пешбарӣ намуда, чунин изҳор менамояд: «Даркнамоии ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ аз қоидаҳои умумӣ

---

[42] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания. Научно-методическое пособие. – М., Москва, 1999. – С. 5.
[43] Ниг.: Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … д-ра юрид. наук. – Астрахань, 2004. – С. 33.
[44] Зинатуллин З.З. Уголовно-процессуальное доказывание: учебное пособие. – Ижевск: Изд-во Удм. ун-та, 1993. – С. 29.

истисно набуда, тавассути қонунҳои умумии фаъолияти даркнамоии инсон ба амал бароварда мешавад»[45].

Дар заминаи андешаҳои манзуршуда, гуфтан ҷоиз аст, ки мавқеи олимони зикрёфта бо дарназардошти такмили падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз қабили васеъ гаштани предмети исбокунӣ, афзун гаштани меъёрҳои диспозитивӣ дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва тағйир ёфтани донишҳо атрофи ҳақиқат дар ҳоли ҳозир чандон лоиқи дастгирӣ нест.

Дар баробари ин, ақидаҳои дигари олимонро дар ин бобат пешкаш намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Як зумра олимон бар он ақидаанд, ки зуҳуроти даркнамоӣ ва исботкунӣ бояд ҷудогона омӯхта шаванд. Ба назари Р.Г. Домбровский: «Даркнамоӣ ҳамеша бо тафаккур алоқаманд аст ва раванди тавлиди андеша аст. Дар мавриди исботкунӣ бошад, ин тафаккур нест, балки раванди баёни андеша аст, баёни хулосаҳое, ки аз ҷониби субъекти даркнамоӣ муайян гардидааст»[46]. Ақидаи ба ҳамин шабеҳро И.М. Лузгин манзур менамояд. Мавсуф менависад: «Даркнамоӣ ба маънои васеъ ин аз худ намудани донишҳо оид ба ё он предмету зуҳуроти муайян маҳсуб меёбад, исботкунӣ бошад, дар асоснокунии муқарраротҳо инъикос мегардад»[47].

Ба назари мо, даркнамоӣ ва исботкунӣ зуҳуроти яксон нестанд ва аз рӯйи табиат ва хусусиятҳои худ фарқ менамоянд. Аз ин рӯ, мо бо ақидаи манзурнамудаи О.В. Левченко ҳамраъй ҳастем. Муҳаққиқи мазкур, изҳор менамояд, ки исботкунӣ бояд ба сифати қисми мустақили даркнамоии мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба парванда мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар баробари ин, зикр менамояд, ки даркнамоӣ ва исботкунӣ аз рӯйи ҳаҷм ё худ иқтидори фаъолият, аз рӯйи субъект ва мустаҳкам намудани натиҷаҳо фарқ карда мешаванд[48].

---

[45] Пашкевич П.Ф. Объективная истина в уголовном судопроизводстве. – М., 1961. – С. 34.
[46] Домбровский, Р.Г. Соотношение познания и доказывания в судебном исследовании / Учен. Зап. Латв. ун. – Рига, 1973. – С. 168.
[47] Лузгин И.М. Расследование как процесс познания. – М., 1969. – С. 21.
[48] Ниг.: Левченко О.В. Презумпции и преюдиции в доказывании. – Астрахань, 1999. – С. 11.

Дарвоқеъ, яке аз хусусиятҳои фарққунандаи зуҳуроти даркнамоӣ аз исботкунӣ ин дар субъектони онҳо ифода мегардад. Масалан, агар моддаҳои ҷудогонаи КМҶ ҶТ-ро (м.86 ва 88) таҳлил намоем, пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки субъектони исботкунӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд маҳсуб меёбанд, ки исботкунӣ барои онҳо уҳдадорӣ аст.

Ба субъектони даркнамоӣ иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд, аз қабили гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҳимоятгар дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, нишондодҳои ишорагардида бозгӯйи он аст, ки даркнамоӣ нисбат ба исботкунӣ аз бисёр ҷиҳат паҳновару васеъ буда, исботкунӣ танҳо яке аз шаклҳои он маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, даркнамоӣ на танҳо исботкунӣ, балки василаҳои дигари ба даст овардани маълумотҳои воқеиро ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ фарогир мебошад.

Дар ҳоли ҳозир вобаста ба мафҳуми исботкунӣ андешаи ягонаи дар умум эътирофгардидаро дарёфт намудан кори душвор аст. Мусаллам аст, ки дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ корҳои зиёде ба ин масъала бахшида шудааст, аммо ҳанӯз ҳам на дар назария ва на дар сатҳи қонунгузорӣ мафҳуми қобили қабул вуҷуд надорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, пажӯҳиши назариявии мафҳуми исботкуниро мувофиқи мақсад медонем.

Дар забони русӣ вожаи «исботкунӣ» ба ду маъно фаҳмида мешавад. 1) тасдиқ намудани муқаррароте тавассути фактҳо ё ваҷҳҳо; 2) ба даст овардани муқаррароте дар асоси низоми хулосабарорӣ[49]. Яъне, исботкунӣ – ин аз як ҷониб раванди асосноккунии муқаррароте, аз ҷониби дигар, тавлид ёфтани донише дар заминаи чизе, ки исбот шудааст. Дар китоби «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» зери мафҳуми исбот «собит кардан», «тасбит намудан», «далелу бурҳон оварда чизеро тасдиқ кунондан», фаҳмида мешавад[50].

---

[49] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – 4-е изд., доп. – М., 2000. – С. 172.
[50] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 579.

Луғатҳои ишорагардида, далолати онанд, ки исботкунӣ пеш аз ҳама як шакли фаъолият аст. Ин ҳам бошад, фаъолияти равонӣ-ақлонӣ ва фаъолияти амалӣ-эмпирикӣ маҳсуб меёбанд.

Лозим ба зикр аст, ки аслан дар китоби «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» вожаи исботкунӣ пешбинӣ нагардида, танҳо калимаҳои «исбот», «исботкунанда», «исботнопазир», «исботпазир» ва «исботшаванда»-ро манзур намудааст. Зимни омӯзиш ва таҳлили густурдаи КМҶ маълум мегардад, ки танҳо дар як маврид калимаи исботкунӣ истифода гардидаасту халос. Ин ҳам бошад, дар сархати 7 қ.1 м.88(1) КМҶ ҶТ «истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исботкунӣ» пешбинӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, исботкунӣ шакли маҳдуди исбот кардан аст ва ба назари мо, ҳеҷ таъсири манфие ба муқарраротҳои КМҶ ҶТ намерасонад.

Яке аз олимони барҷастаи классик М.С. Строгович мафҳуми исботкуниро чунин муайян намудааст: «исботкунӣ – ин тавассути далелҳо муқаррар намудани ҳамаи факту ҳолатҳое, ки ҷиҳати ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд»[51]. Ба назари И.Б. Михайловская исботкунӣ «фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва суд мебошад, ки тибқи талаботи қонуни мурофиавӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии маълумотҳои воқеӣ оид ба ҳолатҳое, ки бояд исбот гарданд, ба амал баровarда мешавад»[52]. Мавриди зикр аст, ки муаллифони китобҳои муосир низ ҳамин мавқеъро ишғол намудаанд. Чунончӣ, ба ақидаи А.П. Рижаков исботкунӣ фаъолияти бо қонун танзимшудаи мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор ҷиҳати ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии сарчашмаи маълумотҳои мурофиавӣ, ки ба парванда марбутанд, мебошад[53].

Дар ин хусус, манзур намудани мавқеи олимони ватаниро низ воҷиб мешуморем. М.С. Ғозиев мафҳуми исботкуниро чунин матраҳ намудааст:

[51] Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. –М., 1968. – С. 295.
[52] Уголовно-процессуальные основы деятельности органов внутренних дел / Под ред. Б.Т. Безлепкина. – М., 1988. – С. 54.
[53] Ниг.: Рыжаков А.П. Уголовный процесс: учебник для вузов. – 3-е изд. испр. и доп. – М.: Издательство НОРМА, 2004. – С. 189.

«Исботкунӣ ин фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд мебошад, ки барои ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳо додани далелҳо бо мақсади муайян кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва иҷро намудани вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад»[54]. Мавқеи ба ҳамин шебеҳро Н.А. Қудратов пешниҳод менамояд: «Исботкунӣ – ин фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ танзимшудае мебошад, ки баҳри ҷамъ овардан, тафтиш намудан ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муайян намудани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, равона карда шудааст»[55].

И.В. Демидов падидаи исботкуниро аз нигоҳи илми мантиқ мавриди омӯзиш қарор дода, ин ҷараёнро чунин баҳогузорӣ намудааст: «исботкунӣ маҷмуи фактҳое мебошанд, ки тавассути онҳо саҳеҳ ё ғайрисаҳеҳияти ақида муайян карда мешавад[56]. Мавриди зикри хос аст, ки илми мантиқ мафҳуми «исбот»-ро мавриди истифода қарор намедиҳад, зеро дар илми мантиқ исботкунӣ бо мафҳуми «далел» дар ҳамбастагӣ фаҳмида мешаванд ва ин фаъолият чун қоида, фаъолияти равонист[57]. Моҳияти асосии он дар «асоснок кардани изҳорот оиди ҳақиқат ё ғайри ҳақиқат будани назария ифода меёбад»[58].

Ба назари мо, бешак илми мантиқ бо асосҳои ҳуқуқии исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ вобастагии қаробатӣ дорад. Аз ин ҷост, мантиқро Арасту ҳамчун илме офаридааст, ки тавассути он имкони таърифу хулосаҳои дурустро аз ботил тафовут гузоштанро дошта бошем.

Дар шароити феълӣ низ илми мантиқ ҷиҳати асоснoккунии дурустии андешаҳо нақши муассир дорад. Қобили зикр аст, ки исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ дар зуҳуроти мантиқии худ гузаштан аз донишҳои эҳтимолӣ ба донишҳои боэътимодро ифода менамояд, зеро ҳама гуна донишҳо дар мадди

[54] Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе, 2009. – С. 75.
[55] Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 153.
[56] Ниг.: Демидов И.В. Логика: учеб. пособие для юрид. вузов / Под ред. Б.И. Каверина. – М., 2000. – С. 123.
[57] Ниг. муфассал: Агутин А.В. К вопросу о понятии доказательств в уголовном судопроизводстве // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Право. – 2001. – №2 (4). – С. 45-48.
[58] Дегтярёв М.Г., Хмелевская С.А. Логика: учебник для студентов юридических вузов / М.Г. Дегтярев, С.А. Хмелевская. – М., 2003. – С. 230.

нахуст чун эҳтимолият баромад менамоянд. Тавре ки дар боло ишора намудем, исботкунӣ аз қисматҳои равонӣ ва амалӣ иборат мебошад, барои ҳамин ҳам, аз нигоҳи равонӣ исботкунӣ – раванди мантиқиест, ки тавассути он таҳқиқбаранда (мақомоти таҳқиқ), муфаттиш, прокурор ва суд дар бораи мавҷуд будан ё набудан фактҳо, зуҳуротҳо, амалҳо, муносибатҳо ва ғ. ба хулосаҳои муайян меоянд. Дар робита ба ин масъала, В.С. Балакшин бамаврид қайд менамояд, ки исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ наметавонад танҳо дар заминаи меъёрҳои мурофиавӣ ба роҳ монда шуда, ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта исбот карда шаванд. Бидуни истифодаи қонунҳои мантиқ ин ҷараён ғайриимкон аст. Мавсуф ҳамчунин меафзояд, ки субъектони исботкунӣ ҳангоми таҳлили далелҳо ва баҳодиҳии онҳо мафҳумҳои асосӣ ва ҳам қонунҳои мантиқиро мавриди истифода қарор медиҳанд[59].

Ақидаи дигари ҷолибро дар пайвандӣ ба ҳамин масъала З.З. Зинатуллин, Т.З. Егорова,Т.З. Зинатуллин пешниҳод менамоянд. Олимони зикрёфта қайд менамоянд, ки дар ҷараёни исботкунӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор аз усулҳои индуктивӣ[60], дедуктивӣ[61], таҳлил ва синтез[62], ки хоси илми мантиқ аст, васеъ истифода менамоянд[63]. Ақидаи ба ҳамин шабеҳ ва ҳамзамон фарогирро Н.П. Кузнетсов пешниҳод менамояд. Номбурда менависад: «Ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо амалҳои берунии объективӣ мебошанд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Фаъолияти марбут ба баҳодиҳӣ ва истифода намудани далелҳо бошад, нисбатан камтар ба

[59] Ниг.: Балакшин В.С. Доказательства в теории и практике уголовно-процессуального доказывания: монография. – Екатеринбург: «Изд-во УМЦ УПИ», 2004. – С. 60-61.

[60] Ниг.: Усули индуксия маънои тарзи фикрронии мантиқӣ, ки аз рӯйи ҷузъ доир ба кулл хулоса мебарорад / Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум). – Душанбе, 2010. – С. 570.

[61] Ниг.: Усули дедуксия яке аз шаклҳои асосии муҳокимаронӣ ва усули таҳқиқот, ки дар натиҷаи муносибати ҳамдигарии фикрҳои пешина хулосаи нав ҳосил мешавад, тарзи фикрронӣ аз кулл ба ҷузъ / Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум). – Душанбе, 2010. – С. 457.

[62] Ниг.: Усули синтез ба 2 маъно фаҳмида мешавад: 1) таҳқиқи ягон ҳодиса дар шакли куллии он ва дар алоқаи мутақобили чузъҳои он, маҷмуи таҳлилоти ба дастомада; 2) ба вуҷуд овардани таркибҳои химиявӣ аз ҳиссаҳои таркибӣ ба воситаи реаксияи химиявӣ / Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум). – Душанбе, 2010. – С. 252.

[63] Ниг.: Зинатуллин З.З., Егорова Т.З., Зинатуллин Т.З. Уголовно-процессуальное доказывание. Концептуальные основы. – Ижевск, 2002. – С. 113.

танзими ҳуқуқӣ тобеъ аст, зеро он ба қонунҳои объективии мавҷудаи тафаккур ва қоидаҳои мантиқ, ки ба иродаи одамон вобаста нестанд, итоат менамояд»[64].

Мусаллам аст, на ҳама муҳаққиқон ҷанбаи мантиқӣ доштани ҷараёни исботкуниро қабул доранд. Таҳлили амиқи адабиёти ҳуқуқӣ ва монографияҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки бархе аз мурофиачиён ҷараёни исботкуниро сирф фаъолияти амалӣ матраҳ менамоянд. Чунончӣ, С.В. Курилев заминаи мантиқӣ доштани исботкуниро инкор намуда, ин ҷараёнро ҳамчун фаъолияти амалҳои мурофиавӣ ҷиҳати пешниҳод ва ба даст овардани маълумоти зарурӣ барои муқаррар намудани ҳақиқат мепиндорад[65]. Ба назари мо, раванди исботкунӣ ҳарчанд саршори фаъолияти амалӣ бошад ҳам, аммо, бешак ҷанбаи равонӣ-мантиқӣ ҷузъи таркибии падидаи исботкунӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки ақидаи манзуршудаи муаллиф чандон қобили қабул нест. Гузашта аз ин, танҳо ҷанбаи амалӣ ва мантиқӣ дар ҳамбастагию муттаҳидӣ метавонанд, ки фаъолияти исботкуниро натиҷадиҳанда ва самаранок намоянд.

Бешак, қабул гардидани КМҶ дар таҳрири ҷадид ба падидаҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ, бахусус падидаи исботкунӣ таъсири бунёдӣ гузоштааст. Дар КМҶ-и ҷадид ҳарчанд бисёр аз масъалаҳои ҳалталаб танзими худро пайдо намуда бошанд, ҳам бархе аз қисматҳои дигари падидаи исботкунӣ ҳанӯз ниёз ба таҷдиди назар доранд.

Аслан, раванди исботкунӣ бори нахуст танзими қонунии худро дар ҶТ дар қонуни мурофиавии ҷиноятии соли 1929[66] ва сониян дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶШС Тоҷикистон) соли 1935 пайдо намудааст[67]. Қобили зикр аст, ки боби 3 кодекси зикрёфта «Оиди далелҳо» номгузорӣ шуда, аз даҳ модда иборат буд.

---

[64] Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., Воронеж, 1998. – С. 15, 190.

[65] Ниг.: Курылев С.В. Основы теории доказывания в советском правосудии. – Минск: Изд. БГУ им. В.И. Ленина, 1969. – С. 29.

[66] Уголовно-процессуальный кодекс УзССР от 29 июня 1929 года, №133 // Постановление ЦИК Совет УзССР от 29 июня 1929 года. – №133-СУ. – 1929. – №24. – С. 95.

[67] Аз соли 1929 то соли 1935 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон КМҶ ҶШС Узбекистон амал мекард.

Дар баробари ин, мафҳуми исботкунӣ ва ҷудо намудани ин падида ба ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо пешбинӣ нашуда буд[68]. Қабул гардидани КМҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) боис ба он гардид, ки як қатор масъалаҳои ба падидаи исботкунӣ рабтдошта паҳновару васеъ рӯйи кор омаданд. Боби 6 Кодекси мазкур ба падидаи далел бахшида шуда буд, ки дар маҷмуъ 22 моддаро фаро мегирифт (моддаҳои 60-81). Масалан, дар қ.1 м.63 шахсони ваколатдори анҷомдиҳандаи ҷамъоварии далелҳо пешбинӣ шуда буд, ки инҳо ба шумор мерафтанд: таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд. Дар қ.2 моддаи ишорашуда, масъалаи пешниҳод намудани далелҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногун танзими ҳуқуқии худро пайдо намуда буд. Бо вуҷуди ин, унсурҳои раванди исботкунӣ ба таври зарурӣ дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) манзур нашудаанд.

Дар робита ба масъалаи таъсири КМҶ-и амалкунанда ба падидаи исботкунӣ (ҳақиқати воқеӣ) муҳаққиқи маъруф З.Ҳ. Искандаров иброз медорад, ки КМҶ ҶТ соли 2009 дар фарқият аз КМҶ соли 1961 оид ба масъалаи барқарор намудани ҳақиқати воқеӣ бо назардошти анъаноти таърихии инкишофи қонунгузорӣ, шуур ва фаҳмиши ҳуқуқӣ, амалияи тафтишотию судӣ ва самаранокӣ муносибат намудааст[69].

Хотирнишон бояд намуд, ки боби 10-и КМҶ ҶТ ба падидаи исбот бахшида шудааст, ки 7 моддаро фаро мегирад. Дар қ.1 м.85 КМҶ пешбинӣ шудааст, ки исбот кардан аз ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳое, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, иборат мебошад.

---

[68] Уголовно-процессуальное законодательство СССР и союзных республик: сборник основных законодательных актов / Под. ред. Д.С. Караева. – М.: Госюриздат, 1957. – С. 191; Кодекси протсессуалии ҷиноятии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 15-уми августи соли 1935. – Сталинабад: Госиздат. Тадж. ССР, 1939. – 48 с.

[69] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд / З.Ҳ. Искандаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 31.

Ба назари мо, аз як ҷониб қонунгузор масъалаи мазкурро дуруст рӯйи кор оварда, мафҳуми исбот карданро манзур намудааст (дар асоси тағйирот ва иловаҳои м.85 КМҶ аз соли 2021). Ҳол он ки ҳангоми кабул гардидани КМҶ соли 2009 мафҳуми исботкунӣ дар муқарраротҳои Кодекси мазкур вуҷуд надошт. Аз ҷониби дигар, мафҳуми пешбинигардидаи КМҶ бо дарназардошти дар шакли хело ҳам маҳдуд пешниҳод гардиданаш ҷавҳари асосии падидаи исботкуниро мубин нишон дода наметавонад. Илова бар ин, маҳфуми пешниҳодгардида сирф хусусияти амалӣ дошта, ҷанбаи равонии он кам ба назари эътибор гирифта шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили мафҳуми пешниҳодгардидаи КМҶ ҶТ барои мо 2 масъала норавшан аст:

Якум, дар м.85 КМҶ сухан дар хусуси «ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд» (номгузории модда) меравад. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки ворид намудани мафҳуми исботкунӣ ба ин модда ба кадом хотир аст? Муқаррароти қонунгузорӣ дар ин хусус барои мо муаммо аст.

Ҳамин тавр, усули муқоисавӣ-ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта ба КМҶ-и Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) менигарем, ки аз нигоҳи мо, фазои ҳуқуқии ин давлатҳо ба қонунгузории ҷумҳурӣ шабеҳият доранд. Масалан, м.121 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон исботкунӣ номгузорӣ шуда, дар он чунин пешбинӣ гардидааст: исботкунӣ аз ҷамъ овардан, тафтиш, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳое, ки ҷиҳати баррасии қонунӣ, асоснок ва одилонаи парванда аҳаммиятноканд, иборат мебошад. Исботкунӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятие, ки барои онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи боби 23 ҳамин Кодекс тафтиши тосудӣ оғоз шудааст, амалӣ карда мешавад[70].

Тавре мушоҳида мешавад, номгузории моддаи мазкур ба матни он мутобиқат менамояд. Агар ба м.85 КМҶ Федератсияи Россия (минбаъд – КМҶ

[70] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, №231-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (санаи муроҷиат: 15.09.23).

ФР) муроҷиат намоем, шоҳиди риояи ҳамин тартиб мегардем. Исбот кардан аз ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳое, ки дар моддаи 73 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, иборат мебошад[71]. Мавқеи ишғолнамудаи КМҶ ФР нишон медиҳад, ки ҳолатҳои исботшаванда ва худи мафҳуми исботкунӣ дар моддаҳои алоҳида манзур шудаанд. Зимни таҳлили КМҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон айнан ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Яъне, дар м.138 мафҳуми исботкунӣ ва дар м.139 бошад, ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, танзими ҳуқуқии худро пайдо кардааст[72].

Аз ҳамин нуқтаи назар, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки мафҳуми исботкунӣ бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо дар моддаи ҷудогона манзур карда шавад.

Дуюм, мафҳуми пешниҳодгардидаи КМҶ дар м.85 ниёз ба таҷдиди назарро дорад. Қаблан, изҳор доштем, ки боби 10 КМҶ ҶТ 7 моддаро дар бар мегирад, аммо дар ягон моддаҳои боби мазкур дақиқ ва мушаххас пешбинӣ нашудааст, ки исботкунӣ аз ҷониби кадом иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад. Бешубҳа, м.86 (ҷамъ овардани далелҳо) ва м.88 (баҳодиҳии далелҳо) мазмунан анҷом додани ин ё он унсури исбокуниро аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд ишора намудааст, аммо ба назари мо, ҷиҳати мукаммал намудани мафҳуми исботкунӣ ва субъектони исботкунӣ дар КМҶ зарур аст ин ҳолатҳо ба низом даровarda шаванд.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки мафҳуми исботкунӣ ва субъектони исботкунӣ дар доираи як модда дар таҳрири зерин ифода карда шаванд: «Исботкунӣ тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ

[71] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, №174-ФЗ (ред. от 04.08.2023) (с изм. и доп., вступ. в силу с 11.08.2023) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481 (санаи муроҷиат: 13.08.2023).

[72] Уголовно-процессуальный кодекс Азербайджанской Республики (утверждён Законом Азербайджанской Республики от 14 июля 2000 года, №907-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.02.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id (санаи муроҷиат: 18.03.2023).

овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба амал баровstyarда мешавад». Зиёда аз ин, воҷиб мешуморем, ки қисми 2-и ҳамин модда ба таври зайл инъикос карда шавад: «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Ҳамчунин, дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд».

Дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва мафкуравӣ, ки дар кишвари мо пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС ) ба вуқуъ пайвастанд, дар ниҳояти кор ба татбиқи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ оварда расонд. Дар ин замина, аз тарафи мақомоти салоҳиятноки давлатӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017 ва 2019-2021[73] ба тасвиб расид. Бешак, ин раванд ба КМҶ ҶТ таъсири калон расонд. Яке аз дигаргуниҳои куллие, ки ба КМҶ ба амал омад, ин рад гаштани ҳақиқати объективӣ ҳамчун мақсади исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Тибқи КМҶ қаблии ҶШС Тоҷикистон мақсади исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ ин ноил шудан ба ҳақиқати объективӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёфт. Ба ибораи дигар, мувофиқати муқаррар намудани ҳолатҳои парванда ба воқеияти объективӣ[74]. Алҳол, бо дарназардошти такмил ёфтани вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва васеву доманадор гаштани предмети исботкунӣ (манзур м.85 КМҶ ҶТ) мақсади исботкунӣ тағйир ёфтааст.

Аз нуқтаи назари фалсафӣ, мақсад натиҷаи ниҳоии фаъолияти шахс (ё гурӯҳи одамон) мебошад, ки интихоби воситаҳои мувофиқ ва низоми амали

[73] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 / Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2007 с., №271 // Махзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 02.01.2018).
[74] Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР (с изменениями и дополнениями на 1 января 1988г.). – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 296 с.

мушаххасро муайян менамояд[75]. Дар китоби «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» зери мафҳуми мақсад қасд ва ирода, он чи ки матлуб аст, мурод, матлаб, ҳадаф, мақсуд ва ният фаҳмида мешавад[76]. Яъне, мақсад ин натиҷаи дилхоҳи фаъолият фаҳмида мешавад, ки дар фосилаи вақти муайян ба даст оварда мешавад. Дар заминаи суханони зикрёфта ба пажӯҳиши асли матлаб, яъне мақсади исботкунӣ дар риштаи мурофиаи ҷиноятӣ мегузарем.

Тибқи адабиёти ҳуқуқӣ ва фикру мулоҳизаҳои аксарияти олимону муҳаққиқони даврони мухталиф мақсади исботкунӣ ин муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Проблемаи ҳақиқат дар мактабҳои гуногуни фалсафӣ яке аз масоилҳои асосиро касб кардааст ва то ҳанӯз атрофи ин падида миёни муаллифон ва олимон ақидаи ягонаву умумиэътирофшуда мушоҳида намешавад. Ҳақиқат ҳамчун зуҳуроти фалсафӣ ҳанӯз аз даврахои қадим аз ҷониби олимону маҳаққиқон мавриди омӯзиш ва таҳлили густурда қарор гирифтааст. Аввалин маротиба дар хусуси табиати ҳақиқат файласуфони Юнони қадим Арасту ва Афлотун ибрози андеша намуда, бунёдгузори консепсияи «классикии ҳақиқат» маҳсуб меёбанд.

Бино ба консепсияи мазкур, зери мафҳуми ҳақиқат «мутобиқат намудани донишҳои инсон бо ҳолати воқеии кор» (ҳақиқати объективӣ) фаҳмида мешавад. Бунёди классикии ҳақиқатро принсипи мутобиқат ташкил медиҳад, ки мувофиқи он ҳақиқат ҳамчун дониш дар бораи объект, бояд ба худи объект мувофиқат кунад[77].

Ю.Ю. Воробёва масъалаи ҳақиқатро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои мураккаби ин зуҳуротро ишора менамояд. Мавсуф бамаврид саволе ба миён мегузорад, ки оё дар мурофиаи ҷиноятии муосир ҳақиқатро муқаррар намудан ба мақсад мувофиқ аст ё на?[78]. Дарвоқеъ, ҷиҳати дарёфти

[75] Ниг.: Философский словарь / Под ред. И.Т. Фролова. – М.: Республика, 2001. – С. 646; Современная философия: словарь и хрестоматия. – Ростов-на-Дону, 1995. – С. 87.
[76] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 784.
[77] Ниг.: Саидов Н., Аминов Ф. Фалсафа. Маҷмуи саволҳои тестӣ барои имтиҳони ҷорӣ дар ихтисосҳои ғайрифалсафӣ. – Душанбе, 2009. – С. 109.
[78] Ниг.: Воробьёва Ю.Ю. Современные проблемы процесса доказывания в Российском уголовном судопроизводстве: дис. … канд. юрид. наук. – Оренбург, 2006. – С. 50.

посухи ин савол олимони даврони муосир то ҳол саъю талош варзида истодаанд. Ин дар ҳолест, ки ба масъалаи мазкур корҳои афзуни илмӣ бахшида шудааст. Масалан, муқаррар намудани ҳақиқат аз нигоҳи назарияи материалӣ (моддӣ), ки чун қоида, ҷонибдорони ин равиш мурофиачиёни рус ба ҳисоб мерафтанд, ки дар солҳои то инқилоб ҳукмрон буд. И.Я. Фойнитский ҳақиқатро аз ҷиҳати материалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, чунин иброз кардааст: «Вазифаи суди ҷиноятӣ дар ҳар як парванда ин ҳақиқати бечунучароро дарёфт намудан аст»[79].

Ҳамин тавр, аксари олимони даврони шуравӣ ҷонибдори омӯзиши материалии (моддӣ) ҳақиқат ба ҳисоб мерафтанд, ба монанди С.И. Викторский, М.С. Строгович[80], В.А. Случевский, С.В. Позднишев ва ғ[81]. Дар шароити кунунӣ, мавқеи олимон бо дарназардошти хусусиятҳои объективӣ ва субъективӣ, ҳамчунин дар заминаи таъсири идеологияи гуногун тағйир ёфт. Бо вуҷуди ин, алҳол як зумра олимони даврони муосир мавқеи худро нисбати зуҳуроти ҳақиқат аз лиҳози материалӣ будани он муайян менамоянд, ба мисли, Ю.К. Орлов, З.З. Зинатуллин, Ю. Кореновский, В. Плетнев ва дигарон.

Ҳақиқатро дар мурофиаи ҷиноятӣ академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Маҳмудзода Маҳкам Аъзам ба таври зайл шарҳ додааст: «фаъолияти мақомоти давлатӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ он вақт самарабахш мегардад, ки агар қарори онҳо нисбат ба ҳар як парванда аз рӯйи ҳақиқат қабул шуда бошад. Баҳри ин, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва суд бояд ҳодисаи ҷинояти содиршударо аниқ ва пурра дарк намоянд, хулосаи онҳо бояд ба воқеияти гузашта мувофиқат намояд. Танҳо дар сурати мувофиқат намудани хулосаи онҳо ба воқеияти замони гузашта ҳақиқат дар мавриди парвандаи ҷиноятӣ барқароршуда ҳисоб мешавад»[82].

---

[79] Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства. В 2-х тт. Т. II. – СПб.: Изд-во «Альфа», 1996. – С. 113.
[80] Ниг.: Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. В 2-х тт. Т. I. – М., 1968. – С. 308-349.
[81] Ниг.: Куцова Э.Ф. Уголовный процесс России: истина и состязательность / Э.Ф. Куцова // Законодательство. – 2002. – №09. – С. 73.
[82] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудзода Маҳкам Аъзам. – Душанбе: «Эр-граф», 2009. – С. 505.

Муҳаққиқи дигари ватанӣ Р.Р. Юлдошев масъалаи мазкурро мавриди пажӯҳиш қарор дода, чунин иброз менамояд: «Ҳақиқат ҳолатест, ки новобаста аз қонун арзи вуҷуд дорад»[83]. Дар корҳои минбаъдаи илмии худ Р.Р. Раҳмадҷонзода (Р.Р. Юлдошев) зуҳуроти ҳақиқатро дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин манзур намудааст: «Ҳақиқат метавонад муқаррар карда шавад, агар раванди даркнамоӣ дуруст ба роҳ монда шавад»[84].

Ба қавли А.С. Барабаш «муқаррар кардани ҳақиқат на танҳо мақсади мурофиавии исботкунӣ, балки мақсади тамоми мурофиаи ҷиноятӣ аст»[85]. Мавқеи муқобилро дар ин бобат Ю.К. Орлов пешбарӣ менамояд. Номбурда менависад: «Бо муқаррар гаштани ҳақиқат, ҷараёни мурофиаи судии ҷиноятӣ хотима намеёбад, танҳо мақсади исботкунӣ ба даст оварда мешаваду халос»[86].

П.А. Лупинская бошад, муқаррар кардани ҳақиқатро дар ҳукми айбдоркуние, ки аз ҷониби судя бароварда мешавад, мефаҳмад. Дар баробари ин, ӯ қайд менамояд, ки исбот кардани гуноҳи шахс дар содир намудани ҷиноят уҳдадории суд набуда, балки вазифаи тарафи айбдоркунӣ ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, муқаррар намудани ҳақиқат вазифаи суд нест[87].

Ба андешаи мо, аз як тараф бо ақидаи муаллифи зикршуда розӣ шудан мумкин, дар мавриде, ки функсияи асосии суд ин – ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятӣ аст. Аз тарафи дигар, суд чун субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ, метавонад, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд. Яъне, ки суд дар раванди муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бевосита нақши муассир дорад[88].

---

[83] Мурофиаи ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 154.

[84] Рахмаджонзода Р.Р. Электронные доказательства в уголовном судопроизводстве Таджикистана / Р.Р. Рахмаджонзода // Доказывание в уголовном процессе: проблемы нормативного регулирования и правоприменения: материалы Международной научно практической конференции (Н. Новгород, ПФ ФГБОУВО «РГУП», 28 июня 2022 г.). – Н. Новгород: ООО «Печатная Мастерская РАДОНЕЖ», 2023. – С. 131-136.

[85] Барабаш А.С. К вопросу об истине как цели уголовно процессуальной деятельности / Актуальные проблемы борьбы с преступностью в Сибирском регионе. Ч.2. – Красноярск, 2003. – С. 78.

[86] Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. Научно-практическое пособие. – М., 2000. – С. 12.

[87] Ниг.: Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: Юристъ, 2003. – С. 219-222.

[88] Ниг.: Исоев К.М. Некоторые вопросы субъектов доказывания в уголовном процессе / К.М. Исоев // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 121.

Таҳлили густурдаи адабиёти ҳуқуқӣ бобати зуҳуроти ҳақиқат нишон медиҳад, ки фикру ақидаҳои олимон шартан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

1) ҳақиқат хусусияти мутлақ дорад;

2) ҳақиқат хусусияти нисбӣ дорад;

3) ҳақиқат хусусияти омехта (мутлақ ва нисбӣ) дорад.

**Мутлақият.** Донише дар назар дошта мешавад, ки дар рафти инкишофи илм инкор намегардад ва он дониши пурра ва мукаммал оид ба объекти маърифатшаванда аст[89]. Ба ибораи дигар, мутлақияти ҳақиқат дар пуррагӣ ва бешубҳа будани донишҳо дар хусуси воқеияти мавҷуда, ки онҳоро инкор намудан номумкин аст, ифода мегардад. Яке аз ҷонибдорони мутлақ арзёбӣ намудани ҳақиқат ин П.Ф. Пашкевич маҳсуб меёбад. Мавсуф менависад: «Предмети даркнамоии суд чорчӯбаи қатъии вақт ва фазоро доро аст. Аз ин рӯ, ҳақиқат дар мурофиаи судӣ метавонад маълум ва мутлақ бошад»[90]. Ҳақиқати мутлақ ин пурра, ҳаматарафа, дарбаргирандаи дарккунии ин ё он доираи ашёҳо, зуҳуротҳои воқеияти объективӣ мебошад, яъне чунин дарккуние мебошад, ки ҳамаи хоссиятҳо, муносибатҳои ин ашёҳо ва зуҳуротҳоро дар бар мегирад[91].

Муаллифони «Назарияи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятии шуравӣ» бар он ақидаанд, ки вақти содиршавии ҷиноят бояд дақиқ ва мутлақ муқаррар карда шавад[92]. Бешубҳа, ақидаи мазкур лоиқи дастгирист, аммо на дар ҳамаи ҷиноятҳо вақти содиршавии ҷиноят ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат муҳим аст. Масалан, дар содир намудани ҷинояти м.156 КҶ ҶТ (Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он) дақиқ муайян кардани вақти содиршавии ҷиноят барои субъектони тафтишот чандон муҳим нест. Ба андешаи мо, яке аз нишонаи мутлақ будани ҳақиқат дар м.21 КМҶ ҶТ манзур

---

[89] Ниг.: Саидов Н., Аминов Ф. Фалсафа. Маҷмуи саволҳои тестӣ барои имтиҳони ҷорӣ дар ихтисосҳои ғайрифалсафӣ. – Душанбе, 2009. – С. 111.

[90] Пашкевич П.Ф. Объективная истина в уголовном судопроизводстве. – М.: Госюриздат, 1961. – С. 84.

[91] Ниг.: Кокарев Л.Д., Кузнецов Н.П. Уголовный процесс: доказательства и доказывание. – Воронеж: Издательство Воронежского университета, 1995. – С. 40.

[92] Ниг.: Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – 2-еизд, испр. и доп. – М., 1973. – С. 169.

шудааст: прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд.

**Нисбият**. Донише дар назар дошта мешавад, ки қисман, нопурра ё маҳдуд воқеиятро таҷассум мекунад. Лозим ба зикр аст, ки ҳақиқатро аз нигоҳи нисбият омӯхтан миёни муҳаққиқон кам нестанд. Чунончӣ, М.А. Челсов дар робита ба ин масъала изҳор менамояд, ки ҳақиқат пурра ҳеҷ вақт муқаррар карда намешавад, танҳо эҳтимолият ба ҳақиқат наздик ҷой дораду халос[93]. Ақидаи ба ҳамин монандро А.Я. Вишинский иброз менамояд: «Ҳукми суд дар асл танҳо ифодакунандаи боэътимоди ҳадди аксар аст[94]. Аз ақидаҳои ишорагардида чунин бармеояд, ки ҳақиқат ба ҳеҷ ваҷҳ пурра муқаррар шуданаш имконнопазир аст.

Бидуни тардид, бо дарназардошти категорияи фалсафӣ будани ҳақиқат ин андешаҳо ба мақсад мувофиқанд, зеро субъектони исботкунӣ бо вуҷуди васеъ ба роҳ мондани салоҳияташон мувофиқи КМҶ, ҳамчунин аз истифодаи василаҳои мухталифи муосири исботнамоӣ қодир нестанд, ки ҳақиқатро мутлақ муқаррар намоянд. Дар ҳошияи суханони болозикр андешаи яке аз профессорони ИМА-ро (У. Бернам) манзур намудан ба мақсад муносиб медонем. Муаллифи васфшуда иброз медорад, ки «Ҳақиқатро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ танҳо Худо медонад, дар мурофиаи ҷиноятӣ ин ғайриимкон аст. Бинобар ин, бояд танҳо ба талошҳои тарафҳо (манзур тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя) паймоиш намоем, танҳо онҳо ин масъаларо ҳаллу фасл менамоянд»[95].

Аз миёни олимони ватанӣ андешаи профессор З.Ҳ. Искандаров дар ин хусус ҷолиб ва диққатҷалбкунанда арзёбӣ мешавад. Мавсуф чунин баён

[93] Ниг.: Чельцов М.А. Уголовный процесс. – М., 1948. – С. 216.
[94] Ниг.: Вышинский А.Я. Проблемы уголовной политики. – М., 1937. – Кн. IV. – С. 19.
[95] Зажицкий В.И. О направлениях совершенствования уголовнопроцессуального кодекса Российской Федерации / В.И. Зажицкий // Государство и право. – 2004. – № 4. – С. 33.

менамояд: «Дониши боэътимоди мутлақ (ба мисли ҳақиқати мутлақ) мавҷуд нест, эҳтимолияти хатто дар баҳои исботи айбдорӣ, мувофиқати дониш ба воқеият хеле калон аст»[96]. Олими дигари ватанӣ, А.Э. Раҳматуллоев изҳор менамояд, ки: «Дар баъзе мавридҳо маълумоти пурсишшаванда ба воқеияти аслии рух додани ҳодиса мувофиқат намекунад, чунки вай ба ҳодисаи гузашта аз назари шахсӣ, вобаста ба сатҳи фаҳмиши худ баҳо медиҳад ва бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунад»[97].

Ба назари мо, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муқаррар намудани ҳақиқат хоҳ мутлақ бошад хоҳ нисбӣ аз ҷинояти содиргардида, амалҳои ба маврид ва пайдарҳамии низомноки субъектони исботкунӣ вобастагӣ дорад. Яъне, дар бархе аз ҷиноятҳои содиргардида ҳақиқат метавонад, мутлақ ё нисбӣ муқаррар карда шавад. Масалан, нишондоди шоҳид дар хусуси мушоҳида намудани шаҳрванд Б. дар ҷойи ҳодиса (м.104 КҶ ҶТ). Дар ин маврид донишҳои шоҳид вобаста ба ҷинояти содиршуда лаҳзавӣ аст. Танҳо дар заминаи нишондоди шоҳид яқин гуфтан имконнопазир аст, ки шаҳрванд Б. ҷинояти мазкурро содир кардааст[98]. Ба ибораи дигар, шоҳид вақти содиршавии ҷиноятро аз ҷониби шаҳрванд Б. бевосита надидааст ва донишҳои ӯ вобаста ба ин қазия маҳдуд арзёбӣ карда мешавад. Дар ин замина, субъектони анҷомдиҳандаи тафтишот қадами навбатии мурофиавии худро муайян менамоянд.

Бо вуҷуди ин, субъектони исботкунӣ ҷиҳати сари вақт пурра ошкор намудани ҷиноят ва ҳолатҳое, ки бояд вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, бояд бештар саъю талош дошта бошанд.

---

[96] Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд / З.Ҳ. Искандаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ / Зери таҳрири мудири кафдераи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 30.

[97] Раҳматуллоев А.Э. Зарурати такмил додани роҳу услуб ва қоидаҳои тафтиши ҷиноят / А.Э. Раҳматуллоев // Ҳолати муосири илм ва қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: «Вектор-Принт», 2016. – С. 141.

[98] Ниг.: Исоев К.М. Муқаррар кардани ҳақиқат ҳамчун мақсади исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ / К.М. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – Қ.II. – С. 213-214.

Ақидаи дигари ҷолибро А.Р. Белкин баён намуда изҳор медорад, ки ҳақиқат дар мурофиаи судии ҷиноятӣ «мутлақ» шуморида мешавад, агар он аз вазифаҳои исботкунӣ маншаъ гирифта, як қатор зуҳуротҳо, хусусиятҳо ва фактҳо, ки ба предмети исботкунӣ шомил ҳастанд, ҳалли худро ёбанд[99]. Муҳаққиқи номбурда масъалаи омӯзиши ҳақиқатро аз рӯйи хусусияти мутлақ будани он арзёбӣ намуда, онро ба предмети исботкунӣ (ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд) рабт медиҳад.

Ба андешаи мо, дар сатҳи қонунгузорӣ низ ба умқи масъалаи мазкур расидан кори саҳлу осон нест. Зимни таҳлили маҷмуии КМҶ ҶТ маълум гашт, ки танҳо дар се маврид истилоҳи ҳақиқат истифода гардидааcту халос. Ин ҳам бошад, дар қ.4 ва 5 м.88 (баҳодиҳии далелҳо) ва қ.2 м.203 (хусусияти пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғ) пешбинӣ гардидааст. Агар мақсади исботкунӣ дар муқаррар кардани ҳақиқат ифода ёбад, пас дар кадом маврид гуфтан мумкин аст, ки ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар гардидааст?

Ба андешаи мо, муқаррар кардани ҳақиқатро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба ду марҳила ҷудо намудан мумкин аст: 1) марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ки чун қоида, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ба амал баровардa мешавад. Манзури мо, м.85 КМҶ ҶТ (ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд). Яъне, ҳангоми муайян кардани ин ҳолатҳо яқин гуфтан мумкин аст, ки ҳақиқат дар ин марҳила муқаррар карда шудааст; 2) Дар марҳилаи судӣ ҳангоми ҳаллу фасл гаштани масъалаҳое, ки дар м.335 КМҶ ҶТ (масъалаҳое, ки суд ҳангоми баровардани ҳукм ҳал мекунад) пешбинӣ шудаанд, қисмати дуюми муқаррар кардани ҳақиқатро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо, сарфи назар аз оне, ки ҳукми суд айбдоркунанда ё сафедкунанда аст, муқаррар кардани ҳақиқат дар ин ҳолат ҷой дорад. Мусаллам, аст, ки талаботҳои асосии ҳукм (қонунӣ, асоснок ва одилона) дар ин раванд бояд аз ҷониби раисикунанда қотеъона риоя карда шаванд.

---

[99] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: Норма, 2005. – С. 6.

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳқиқоти зербоби нахустин чунин хулосабарорӣ карда мешавад:

1. Барнома ва стратегияи сатҳҳои гуногун, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ, ё ин ки коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҳудуди ҶТ ба тасвиб мерасанд, зарур аст амалишавии ин қабил ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти Прокуратураи генералии ҶТ мунтазам назорат карда шаванд.

2. Даркнамоӣ ва исботкунӣ зуҳуроти яксон нестанд ва аз рӯйи табиат ва хусусиятҳои худ фарқ менамоянд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи зуҳуроти даркнамоӣ аз исботкунӣ ин дар субъектони онҳо ифода мегардад. Даркнамоӣ нисбат ба исботкунӣ аз бисёр ҷиҳат паҳновару васеъ буда, исботкунӣ танҳо яке аз шаклҳои он маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, даркнамоӣ на танҳо исботкунӣ, балки василаҳои дигари ба даст овардани маълумотҳои воқеиро ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ фарогир мебошад.

3. Натиҷаи пажӯҳиши зербоби нахуст нишон дод, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ва луғатҳои ҷудогона истилоҳи «исботкунӣ» истифода бурда намешавад. Дар КМҶ танҳо дар як маврид истилоҳи «исботкунӣ» манзур шудааст халос (м.88 (1) КМҶ ҶТ). Ин ҳам бошад, дар асоси тағйиротҳои соли 2016 ба КМҶ ҶТ ворид карда шуд. Луғатҳои мухталифи тоҷикӣ вожаҳои муродифро пешниҳод намудаанд, аз қабили исбот, исботнопазир, исботпазир ва ғ. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ истилоҳи «исботкунӣ» аз ҷониби олимону муҳаққиқон васеъ истифода бурда мешавад.

4. Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин нишон дод, ки раванди исботкунӣ бо илми мантиқ ва фалсафа алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар ҷараёни исботкунӣ усулҳои дедуктивӣ, индуктивӣ, таҳлил ва синтез баръало ба мушоҳида мерасад.

5. Фаъолияти исботкунӣ аз ҷанбаҳои амалӣ ва мантиқӣ иборат аст. Қайд кардан зарур аст, ки танҳо дар ҳамбастагию муттаҳидӣ ҷанбаҳои амалӣ ва мантиқӣ метавонад фаъолияти исботкуниро натиҷадиҳанда ва судманд намояд.

6. Дар м.85 КМҶ сухан дар хусуси «ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд» (номгузории модда) меравад. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки ворид намудани мафҳуми исботкунӣ ба ин модда ба кадом хотир аст? Муқаррароти қонунгузорӣ барои мо муаммо аст. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки мафҳуми исботкунӣ бо дарназардошти ворид намудани тайғиру иловаҳо дар моддаи ҷудогона манзур карда шавад.

7. Пешниҳод менамоем, ки мафҳуми исботкунӣ ва субъектони исботкунӣ дар доираи як модда дар таҳрири зерин ифода карда шаванд: «Исботкунӣ тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба амал бароварда мешавад». Зиёда аз ин, воҷиб мешуморем, ки қисми 2-и ҳамин модда ба таври зайл инъикос карда шавад: «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Ҳамчунин, дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд».

## 1.2. Предмети исботкунӣ

Мувофиқи адабиёти ҳуқуқӣ маҷмуи ҳолатҳое ки бояд мавриди исбот карор дода шаванд, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ предмети исботкунӣ ном бурда мешаванд. Дар хусуси мазмун ва муҳтавои предмети исбот, доираи ҳолатҳое ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, нуқтаҳои назари гуногуни олимонро вохурдан мумкин аст. Предмети исботкунӣ ҷиҳати муайян намудани самтнокии фарзияҳои тафтишӣ, кофтуковӣ, судӣ, амалҳои ҷудогонаи тафтишӣ ва судӣ, ҳамчунин бо мақсади сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят аҳаммияти бузург амалӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки солҳои тулонӣ таҳқиқи предмети исботкунӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, хусусан давлатҳои ИДМ баръало ба назар мерасид ва то имрӯз ин масъала мубрамияташро аз даст

надодааст. Бо дарназардошти мавҷуд набудани ақидаи ягона, аз ҷониби баъзе олимону муҳаққиқон мафҳуми предмети исботкуниро бо мафҳумҳои дигари ҳуқуқӣ дар ҳамбастагӣ (ягонагӣ) мепиндоранд, аз қабили: «факти асосӣ», «предмети айбдоркунӣ», «предмети таҳқиқот», «предмети дарккунӣ», «объекти дарккунӣ», «объекти исботкунӣ» ва ғ.

Аввалин маротиба дар адабиёти мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми «факти асосӣ» бо ибтикори ҳуқуқшиноси забардаст М.С. Строгович таҳия гардидааст. Ин ҳам бошад, дар корҳои илмии номбурда «Материальная истина в судебные доказательства в советском уголовном процессе» инъикос ёфтаанд[100]. Зери мафҳуми факти асосӣ бархе аз муҳаққиқон то кунун – таркиби ҷиноятро (объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ, субъекти ҷиноят) мефаҳманд. Атрофи ин масъала, В.А. Лазарева менависад: «факти асосӣ – ин маҷмуи ҳолатҳоест, ки таркиби ҷиноят ё ин ки факти содиршавии ҷиноят аз ҷониби шахсро таҷассум менамояд»[101]. Мавқеи ба ҳамин шабеҳро Б.Ҷ. Ҳамидов дорад. Мавсуф иброз медорад, ки факти асосӣ – ин ҷамъи ҳолатҳову аломатҳои таркиби ҷиноят ва аз ҷониби шахси мушаххаси мукаллаф гунаҳгорона содир шудани он мебошад[102]. Алҳол, менигарем ба луғатҳои алоҳида. Мутобиқи луғати ишорагардида, истилоҳи факт маънои кори дар ҳақиқат воқеъшуда, ҳодисаи воқеӣ, ҳақиқат, амри воқеиро дорад[103].

Мавриди зикри хос аст, ки факти асосӣ бо предмети исботкунӣ дар алоқамандии зич қарор дошта, таносуби он аз ҷониби олимону муҳаққиқон борҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, манзур намудани факти асосӣ ҳамчун ҳолати исботшаванда вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бемаврид нест. Олими ватанӣ Б.Ҷ. Ҳамидов масъалаи мазкурро мавриди

---

[100] Ниг.: Строгович М.С. Материальная истина и судебные доказательства в советском уголовном процессе / Отв. ред. Б.С. Никифоров. – М.: Издательство АН СССР, 1955. – С. 281-282.
[101] Лазарева В.А. Проблемы доказывания в современном уголовном процессе России: учебное пособие. – Самара: Издательство «Самарский университет», 2007. – С. 98.
[102] Ниг.: Ҳамидов Б.Ҷ. Ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд / Б.Ҷ. Ҳамидов // Қонуният (Законность). Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 43.
[103] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 394.

омӯзиш қарор дода, мафҳумҳои факт ва ҳолатро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Номбурда меафзояд: «Факт дар илми ҳуқуқӣ ин раванд, зуҳурот ва падидае ҳаст, ки воқеияти мавҷудияти он аллакай исбот аст ва ба вуҷуд доштани он ягон шаку шубҳа нест. Ҳолат бошад, ин чунин раванд ва падидае мебошад, ки исбот нест ё ба дараҷаи камтар исбот шудааст ва эътироф намудани мавҷудияти он далел ва исботкунии муайянеро талаб менамояд»[104].

Ба андешаи И.Б. Михайловская факти асосӣ дар доираи чаҳор масъалае, ки дар назди судя гузошта мешаванд, ифода мегардад:

– оё кирдори содиршуда дар асл исбот шудааст ё на?

– оё исбот шудааст, ки ин кирдорро судшаванда анҷом додааст?

– агар ин кирдор ҷиноят бошад, пас дар кадом банд, қисм ва моддаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст?

– оё судшаванда дар содир намудани кирдор гунаҳгор аст?[105].

Ҳамин тавр, дар доираи таҳқиқоти мазкур, 3 зуҳуротро ҷудо намудан мумкин аст: 1) предмети исботкунӣ; 2) ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд; 3) факти асосӣ.

Ба назари мо, ҳолатҳое ки вобаста ба парванда бояд исбот карда шаванд, нисбати предмети исботкунӣ ва факти асосӣ мафҳуми васеътар мебошад. Дар асоси суханони боло зикр факти асосӣ ин маҷмуи ҳолатҳоест, ки таркиби ҷиноятро муайян менамояд. Бинобар ин, ақидаи Б.Ҷ. Ҳамидов дар ин хусус бамаврид арзёбӣ мешавад. Номбурда менависад, ки мавҷуд будани факти асосӣ ин маънои онро надорад, ки дигар фактҳо (ҳолатҳое, ки боиси содир шудани ҷиноят гардидаанд, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ) дар раванди исботкунӣ нақши муҳимро намебозанд[106]. Аз суханони зикрёфта месазад, ки факти асосӣ танҳо яке аз ҳолатҳое ки

---

[104] Ҳамидов Б.Ҷ. Ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд / Б.Ҷ. Ҳамидов // Қонуният (Законность). Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 42.

[105] Ниг.: Михайловская И.Б. Настольная книга судьи по доказыванию в уголовном процессе. Инт. государства и права РАН. – М.: ТК Велби: Проспект, 2008. – С. 78.

[106] Ниг.: Ҳамидов Б.Ҷ. Асари зикршуда. – С. 43.

субъекти исботкунӣ ҳангоми тафтишоти пешакӣ бояд исбот кунад, маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, мо бо ақидаи олимоне, ки факти асосиро ҳамчун ҳолатҳое ки бояд исбот карда шаванд, мефаҳманд, ҳамрайъ нестем[107]. Яъне, манзури муаллифон дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари муқаррар кардани факти асосӣ, дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта худ аз худ исбот мегарданд. Ба назари мо, таҳқиқбаранда ва муфаттиш ғайр аз факти асосӣ бояд дигар ҳолатҳое ки дар м.85 КМҶ пешбинӣ шудаанд, исбот намоянд. Чун қоида, ин ҳолатҳо дар якҷоягӣ, зина ба зина исбот карда мешаванд ва дар ҷараёни тафтишоти пешакию марҳилаи судии парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ намудани тамоми ҳолатҳои дар м.85 КМҶ ҶТ пешбинишуда шарт ва зарур арзёбӣ мегарданд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва васоити таълимӣ нуқтаҳои назари мухталифи олимони ҳуқуқшинос, давлатшиносон ва кормандони амалӣ дар хусуси предмети исботкунӣ ва масъалаҳои вобаста ба он ҷой доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, бархе аз ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро мавриди пажӯҳиш қарор медиҳем. Чунончӣ, ба андешаи А.А. Давлетов мафҳуми предмети исботкунӣ дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ барои муайян кардани махсусияти доираи муносибатҳое, ки аз объекти дарккнамоӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, вуҷуд дорад ва омӯзиши ин ҳолатҳо боиси ҳаллу фасл гаштани вазифаҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ мегарданд. Ҳамзамон, муаллифи номбурда зери мафҳуми объекти даркнамоӣ «маҷмуи далелҳо ва кулли ҳолатҳои ба ҷинояти содиршуда алоқаманд, ки бояд аз ҷониби муфаттиш ва суд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, мефаҳмад»[108].

Бояд тазаккур дод, ки «объект» ва «предмет» категорияҳои фалсафӣ буда, миёни онҳо тафриқа гузошта мешавад. Объект ҷузъи таркибии воқеияти айнӣ аст ва ҷиҳати фаъолияти дарккунии субъект равона шудааст. Предмет бошад,

[107] Ниг.: Вопросы общей теории судебных доказательств в советском уголовном процессе. – М.: Юрид. лит., 1964. – С. 20.
[108] Давлетов А.А. Объект и предмет уголовно-процессуального познания / А.А. Давлетов // Проблемы доказательственной деятельности по уголовным делам: Сб. науч. тр. – Красноярск, 1986. – С. 18.

зуҳуроти олами моддӣ (материалӣ) маҳсуб меёбад[109]. Тибқи андешаи В.Д. Арсеньев зери объекти исботкунӣ, ҳолатҳои воқеии дар гузашта содиршударо, ки барои муқаррар кардани онҳо фаъолияти исботкунӣ равона шудааст, мефаҳад[110]. В.С. Зеленетский объекти мурофиавии ҷиноятиии исботкуниро дар дуруст ва саҳеҳ муайян кардани маҷмуи ҳолатҳо, зуҳуротҳо, ки аз вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бармеоянд, мефаҳмад. Ин объект, тавассути далелҳои мавҷуда, танзими худро меёбад. Маълумотҳо дар навбати худ оид ба объект, предмети исботкуниро ташкил медиҳанд[111].

Ба ақидаи мо, масъалаи мазкурро Н.П. Кузнетсов возеҳу равшан матраҳ намуда, чунин изҳор менамояд: «муҳтавои аслии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ – ин исботкунӣ аст, ки дорои объект ва предмети худ мебошад». Мавсуф, дар идома зикр менамояд, ки предмети исботкунӣ як қисми объекти исботкунӣ буда, ҳамзамон ҷузъи предмети мурофиаи ҷиноятӣ аст[112].

Муҳаққиқи ватанӣ Р.Р. Юлдошев иброз менамояд, ки предмети исбот – ин ҷамъи ҳолатҳои барои дуруст баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ воҷиббуда дониста мешавад. Исбот на танҳо будани ҳолати исботшаванда, балки набудани ин ҳолатро низ дар назар дорад, чунки аз муайян кардани будан ва ё набудани ҳолати тафтишшаванда бо парвандаи ҷиноятӣ қарори дуруст қабул карда мешавад[113]. Муҳаққиқи дигар тоҷик Н.А. Қудратов ба ҳамин ақида шабеҳро пешниҳод менамояд. Номбурда менависад: «Предмети исбокунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ин маҷмуи ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки муқаррар кардани онҳо барои ҳалли дурусти парванда заруранд»[114].

Таҳқиқоти мо дар ин хусус собит месозад, ки воқеан предмети исботкунӣ дар назарияи исботкунии мурофиавӣ мураккабу серлаҳза буда, аз ҷанбаҳои

---

[109] Ниг.: Философский словарь / Под ред. М.М. Розенталя. – 3-и изд. – М., 1975. – С. 399.

[110] Ниг.: Арсеньев В.Д. К вопросу о предмете и объекте доказывания по уголовному делу / В.Д. Арсеньев // Проблемы доказательственной деятельности по уголовным делам: Сб. науч. тр. – Красноярск, 1987. – С. 20.

[111] Ниг.: Зеленецкий В.С. Объект уголовно-процессуального познания действительности / Вопросы государства и право развитого социалистического общества. – Харьков, 1975. – С. 247.

[112] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., Воронеж, 1998. – С. 98.

[113] Ниг.: Мурофиаи ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 156.

[114] Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 156.

мухталифи мурофиавӣ, фалсафӣ, мантиқӣ, криминалистӣ иборат аст. Аз муаллифони даврони муосир ақидаи П.А. Лупинскаяро манзур намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Муҳаққиқи зикрёфта предмети исботкуниро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври зерин матраҳ намудааст: «ҳолатҳои муҳимми ҳуқуқие, ки дар КҶ ва КМҶ пешбинӣ шудаанд, тавассути далелҳо муайян гардида, вобаста ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда мешавад»[115].

Дарвоқеъ, муаллифони зикршуда предмети исботкуниро ба таври мухталиф мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз суханони қаблан баёншуда, хулоса намудан мумкин аст, ки предмети исботкунӣ хусусияти комплексӣ дорад, зеро нисбати тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ доман афрӯхтааст. Аз ин рӯ, бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ предмети исботкунӣ метавонад тағйир ёбад, ин ҳам бошад аз кирдори содиршуда ва тарзу воситаи бандубасти он вобастагӣ дорад.

Ба назари Б.Ҷ. Ҳамидов предмети исботкунӣ тағйир ёфта наметавонад. Мавсуф менависад: «предмети исботкунӣ бо ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ якхела мебошад. Аммо нишонаҳои гурӯҳӣ ва хусусиятҳои фардии ҳар як намуди ҷинояти мушаххас боиси мазмуни гуногун додани ҳолатҳое, ки бо бояд исбот карда шаванд, шуда метавонад. Яъне, агар предмети исботкунӣ ва ҳудуди исботкунӣ ба ҳама гуна парвандаҳои ҷиноятӣ якхела бошад, вале ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, метавонанд гуногун бошанд[116].

Андешаи ба ҳамин шабеҳро Н.П. Кузнетсов баён менамояд. Муҳаққиқи мазкур, дар натиҷаи корҳои таҳқиқотии худ ба хулосае меояд, ки предмети исботкунӣ ҳеҷ имкон надорад, ки дар раванди пешбурди парванда тағйир ёбад[117]. Воқеан, дар заминаи андешаҳои муҳаққиқону олимон ва корҳои

---

[115] Лупинская П.А. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации. Учебник. – М.: Юристь, 2005. – С. 107-108.

[116] Ниг.: Ҳамидов Б.Ҷ. Ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд / Б.Ҷ. Ҳамидов // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 43.

[117] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказательства и доказывание / Уголовный процесс России / Под. ред. З.Ф. Ковриги, Н.П. Кузнецова. – Воронеж, 2003. – С. 114.

илмию таҳқиқоти мазкур чунин ба назар мерасад, ки предмети исботкунӣ анқариб тамоми мурофиаи судии ҷиноятиро фаро гирифтааст. Чунончӣ, Т.Н. Доброволская иброз менамояд, ки предмети исботкунӣ на танҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ, балки ҳангоми иҷрои ҳукм низ ҷой дорад. Мавсуф 2 гурӯҳи ҳолатҳоеро, ки дар мавриди баровардани ҳукм ва адои ҷазо бояд исбот карда шаванд, ҷудо мекунад:

1) ҳолатҳое, ки бо тағйири тартиб ва шакли адои ҷазо алоқаманд ҳастанд;

2) ҳолатҳои пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо[118].

Феълан КМҶ ҶТ дар таҳрири ҷадид предмети исботкуниро ҳамчун ҳолатҳое, ки вобаста ба парванда бояд исбот карда шаванд, рӯйи кор овардааст. Зеро қаблан ишора намудем, ки дар илми мурофиаи ҷиноятӣ предмети исботкунӣ дар шакли ҳолатҳо (манзур м.85 КМҶ) мустаҳкам гардидааст[119]. Аслан, калимаи ҳолат ба 4 маъно фаҳмида мешавад: 1) чигунагӣ, вазъият, ҳол; 2) ҳодиса, воқеа; 3) вақт, замон; 4) мадор, қувват, дармон[120].

Бори нахуст, ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, заминаи дақиқи меъёрии худро дар м.15 Асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайдо намудааст[121]. Яқин аст, ки қонуни мазкур, ҷиҳати қабул гаштани кодексҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ заминаи устувор гузошта, падидаҳои нав ба КМҶ ҶШС Тоҷикистон ворид гардид. Гузашта аз ин, як зумра падидаҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳоли рушд қарор доранд. Масалан, васеъ гардидани предмети исботкунӣ, илова шудани ҳолатҳои нав ва ғ.

[118] Ниг.: Добровольская Т.Н. Предмет доказывания при разрешении судами вопросов, связанных с исполнением приговоров / Т.Н. Добровольская // Актуальные проблемы доказывания в советском уголовном процессе: Сб. науч. ст. – М., 1981. – С. 31.

[119] Ниг. : Якимович Ю.К., Пан Т.Д. Досудебное производство по УПК Российской Федерации: участники досудебного производства, доказательства и доказывание, возбуждение уголовного дела, дознание и предварительное следствие. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – С. 45.

[120] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 532.

[121] Закон СССР от 25.12.1958 «Об утверждении Основ уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc (санаи муроҷиат: 17.05.2021).

Ҳамин тавр, дар асоси м.60 КМҶ ҶШС Тоҷикистон ҳангоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд ҳолатҳои зерин бояд исбот карда мешуданд:

1) ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят;

2) гунаҳгории айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят ва ангезаи ҷиноят;

3) ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии айбдоршаванда таъсир мерасонанд;

4) хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидашуда[122].

Тавре мебинем КМҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 танҳо чор ҳолатро ҷиҳати исбот намудан вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ишора намудааст. Алҳол, мутобиқи КМҶ ҶТ амалкунанда ин ҳолатҳо ба ҳашт расидаанд, ки ба ин раванд омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсири худро гузоштаанд. Ҳамин тавр, мувофиқи м.85 КМҶ ҶТ ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои зерин бояд исбот карда шаванд:

1) ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят);

2) ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунанд;

3) ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд;

4) ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гарданд;

5) ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунанд;

6) ҳолатҳои ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии айбдоршаванда таъсиррасонанда, ки дар моддаҳои 61 ва 62 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд;

---

[122] Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР (с изменениями и дополнениями на 1 января 1988 г.). – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 296 с.

7) ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунанд;

8) ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд[123].

Лозим ба зикр аст, ки дар моддаи зикргардида на танҳо меъёрҳои мурофиавӣ, балки меъёрҳои моддӣ низ мушоҳида мешаванд ва муайян намудани ин ҳолатҳо шарти ҳатмии ҳар як парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳамин нуқтаи назар, бо ҳам омадани меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ дар м. 85 КМҶ ҶТ дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва илми криминалистика норавшаниҳои зиёдеро ба бор овардааст, бахусус дар бобати мафҳум ва табиати ҳуқуқии онҳо.

Роҷеъ ба таносуби предмети исботкунӣ ва характеристикаи криминалистии ҷиноят олимону муҳаққиқон андешаҳоро дар ҳар давру замон иброз намудаанд. Чунончӣ, А.В. Самойлов бамаврид таносуби ин мафҳумҳоро ишора намудааст:

1) Шабеҳияти (монандӣ) мафҳумҳо дар инҳо зоҳир мегардад: а) ҳар ду мафҳумҳо як мақсади асосӣ доранд – самаранок тафтиш ва ошкор кардани ҷинояти содиршуда; б) характеристикаи криминалистии ҷиноят дар худ унсурҳои предмети исботкуниро нигоҳ доштааст;

2) Тафовут. Ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ шомиланд, бояд дар раванди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд. Ҳолатҳое, ки ба сифати унсури характеристикаи кримналистии ҷиноят баромад мекунанд, аллакай то оғози тафтиши парвандаи ҷиноятии мушаххас муайян шудаанд. Тафовути дигари ин мафҳумҳоро дар танзими ҳуқуқии онҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Яъне, предмети исботкунӣ дар асоси КМҶ ба роҳ монда шуда, характеристикаи криминалистии ҷиноят бошад, ба ягон қонун асос наёфтааст[124].

[123] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815-816.
[124] Ниг.: Самойлов А.В. Предмет доказывания и криминалистическая характеристика преступлений: соотношение понятий / А.В. Самойлов // Провинциальные научные записки. – 2016. – №1. – С. 163-165.

Бо вуҷуди ҳама гуна монандӣ ин ду мафҳум аз якдигар фарқ менамоянд ва ба ҳеҷ ваҷҳ онҳоро омезиш намудан ба мақсад мувофиқ нест.

Табиист, ки масоили асосии парвандаи ҷиноятӣ – ин мавҷуд будан ё набудани аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори шахс, исбот шудан ё нашудани ҳолатҳои кор ва минбаъд ҳаллу фасл намудани масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё накашидани шахс мебошад. Ҳамаи ин ҳолатҳо танҳо характеристикаи ҷамъбастии ҳолатҳоеро, ки бояд исбот карда шаванд, дар бар мегиранд, яъне нақшаи умумии роҳнамо ба мақомоти тафтишотӣ ва судӣ барои исбот намудан мебошад. Илова бар ин, ҳар як унсури таркиби ҷиноят (объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ) аломатҳои хоси худро доро буда, онҳоро дар маҷмуъ ба 2 гурӯҳ тақсим намудан ҷоиз аст: асосӣ (ҳатмӣ, зарурӣ) ва иловагӣ (факултативӣ). Қобили зикр аст, ки аломатҳои асосӣ беистисно тамоми ҷиноятҳои дар КҶ ҶТ пешбинишударо фаро мегирад, аломатҳои иловагӣ ё худ факултативӣ бошад, танҳо нисбати ҷиноятҳои алоҳида ё ҷиноятҳои гурӯҳӣ паҳн мегардандy халос[125].

Аҳаммияти ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, дар он зоҳир меёбад, ки онҳо фаъолияти мақсадноки ҷиной-мурофиавиро таъмин намуда, ба мақомоти тафтишотӣ ва судӣ барномаи тафтиши ҳолатҳои корро муайян мекунанд. Бо ҳам омезиш додани ҳолатҳои воқеии бо парвандаи ҷиноятӣ муайянкардашуда ва ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, имконият медиҳанд, ки оид ба мақсади исботкунӣ хулоса бароварда, ҳаҷми кирдори содирнамудаи шахс муайян карда шуда, он дуруст бандубаст карда шавад. Дарвоқеъ, м.85 КМҶ ҶТ (ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд) барои субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд) чун «барномаи корӣ» баромад намуда, самти минбаъдаи фаъолияти онҳоро возеҳу равшан менамоянд.

**Ҳодисаи ҷиноят** (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят). Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва нашрияи мақолаҳои илмии

[125] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М.: Воронеж, 1998. – С. 100.

олимону муҳаққиқон истилоҳи «ҳодисаи ҷиноят» ба сифати асоси ҳуқуқии оғоз ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дода мешавад[126]. Гузашта аз ин, ҳодисаи ҷиноят ҳамчун факти содиршуда ва яке аз ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шавад, фаҳмида мешавад[127].

Дар доираи сархати 1 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ вобаста ба парвандаи ҷиноятии мушаххас аломатҳои ё худ нишонаҳои таркиби ҷиноят (объект ва тарафи объективӣ) муқаррар карда мешаванд. Аз ин рӯ, субъектони уҳдадории исботкуниро воҷиб аст масъалаҳои зеринро муқаррар намоянд:

– муносибати ҷамъиятие, ки ҷинояти содиршуда ба он равон карда шудааст;

– предмети ҷиноят ва ҳолатҳое, ки шахсият ва ҳаракати (амали) ҷабрдидаро муқаррар менамояд (Масалан, ҳангоми содир намудани ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ (м.114 КҶ ҶТ) ё содир намудани ҷинояти одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ (м.106 КҶ ҶТ)). Ба андешаи мо, барои ин қабил ҷиноятҳо муайян кардани шахсият ва ҳаракатҳои анҷомдодаи ҷабрдида басо муҳим арзёбӣ мешавад.

Як нуктаи муҳимро фаромӯш набояд кард, ки объекти ҷиноят аҳаммияти сегонаро соҳиб буда, барои муайян кардани ҳолатҳои зерин ёрӣ мерасонад:

1) объекти ҷиноят асоси созмон додани қисми Махсуси КҶ ва ба фаслҳо, бобҳо ҷудо кардани он мебошад;

2) ҳангоми бандубасти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад;

3) таъминкунандаи ҷудо кардани як ҷиноят аз ҷинояти дигар мебошад[128].

---

[126] Пункт 3 Постановления Конституционного Суда Российской Федерации от 13.04.2021 г., №13-П [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202104160011 (санаи муроҷиат: 01.09.2021).

[127] Ниг.: Обидит К.В. Особенности предмета доказывания по делам о взяточничестве / К.В. Обидит // Уголовное судопроизводство. – 2017. – №4. – С. 5.

[128] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2010. – С. 81-82.

Ҳодисаи ҷиноят – ин ҳолате мебошад, ки дар воқеияти айнӣ зоҳир меёбад. Дар шакли умум ҳодисаи ҷиноят – ин содиршавии ҷиноят дар вақт ва ҷойи муайян, ҳамчунин бо тарзи муайян аз ҳаракат ё беҳаракатӣ фаҳмида мешавад[129]. Вақт муҳимтарин категорияи фалсафӣ буда, давомнокии ҳастӣ, (мавҷудият) тағйирёбии ҳолати низомҳо ва равандҳои моддиро таҷассум менамояд. Вақт, чи тавре ки луғатҳои тафсирии забони русӣ муайян кардаанд, «давомияти ҳастӣ; пайдарҳамии мавҷудият ё идомаи ҳолатҳо» мебошад[130].

Вожаи вақт дар китоби «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои «гоҳ», «ҳангом», «соатҳои муайяни шабу рӯз» ва ғ. пешбинӣ гардидааст[131]. Ба назари мо, луғатномаи машҳури С.И. Ожегов истилоҳи вақтро возеҳу равшан манзур намудааст: вақт фосилаи ин ё он давомнокӣ мебошад, ки дар он ҳодисае ба вуқуъ мепайвандад[132]. Ба андешаи Н.А. Қудратов вақти содиршавии ҷиноят ин муҳлати муайянест, ки дар ҷараёни он кирдор ҷиноят дониста мешавад[133].

Бархе аз олимони бар онанд, ки вақти содиршавии ҷиноят бояд мутлақо дақиқ муайян карда шавад[134]. Ба андешаи мо, ақидаи мазкур аз як ҷониб мувофиқи мақсад аст, аммо аз ҷониби дигар, дақиқ муайян кардани вақт на дар ҳамаи ҷиноятҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Масалан, пайдарҳам содир шудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (м.245 КҶ ҶТ). Ҷиҳати муайян кардани ҳар яке аз лаҳзаҳои ҷиноят мумкин аст, вақти содиршавии ҷиноят аз тарафи субъектони исботкунӣ бо санаи рӯз дар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ нишон дода шаванд. Яъне, дар ин қабил ҷиноятҳо дақиқ муайян кардани вақти содиршавии он чандон аҳаммияти мурофиавӣ надорад.

---

129 Ниг.: Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – М., 1973. – С. 164.
130 Ниг.: Даль В.И. Толковый словарь русского языка. Современная версия. – М., 2002. – С. 150.
131 Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 271.
132 Ниг.: Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. – М., 2007. – 976 с.
133 Ниг.: Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 157.
134 Ниг.: Назаров В.В., Илларионов В.А., Гелескул В.В. Предмет доказывания в советском уголовном процессе (анализ содержания) / В.В. Назаров, В.А. Илларионов, В.В. Гелескул // Вопросы организации суда и осуществления правосудия в СССР. – 1977. – №6. – С. 28.

Чун қоида, донистани вақти содиршавии ҷиноят дар парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби субъектони исботкунӣ баҳои ҳуқуқии мухталиф дода мешавад. Ба ибораи дигар, ҷиноятҳое ҳастанд, ки дақиқ муайян кардани ҳар як дақиқа ва соати содиршавии он ба самти дурнамои пешбурди парванда бетаъсир намемонад. Ифодаи равшани онро дар мисоли содир шудани ҷинояти одамкушӣ баръало мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз ин ҷост, ки нисбати содир гардидани ҷинояти одамкушӣ муқаррар кардани пайдарҳамии вақт ҷиҳати ошкорнамоии ҷиноят нақши муҳимро бозида, кори мақомоти таъқиботи ҷиноятиро боз ҳам саҳлу осон мегардонад. Бо вуҷуди ин, на дар ҳама ҳолат вақти содиршавии ҷинояти одамкуширо бо дарназардошти омилҳои объективӣ дақиқ муайян кардан мумкин аст. Масалан, дар асоси хулосаи коршинос вақти содиршавии ҷинояти одамкуширо тахминан дар доираи соатҳои 00:30 – 02:30 муайян кардааст. Яъне, мақомоти тафтиши пешакӣ бо сабаби набудани шоҳидон, таҷҳизотҳои наворгирандаи назоратӣ ва ғ. қисман имконияти мутлақ муайян кардани вақти содиршавии ҷиноятро надоранд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки вобаста ба баъзе аз парвандаҳои ҷиноятӣ вақт аломати таркиби ҷиноят маҳсуб меёбад. Масалан, истифодаи зӯроварӣ дар ҳаққи сардор (м.370 КҶ ҶТ). Дар тафсири моддаи зикргардида пешбинӣ шудааст, ки ҷавобгарӣ бо моддаи мазкур танҳо ҳамон вақт ба вуқуъ мепайвандад, ки агар ҳаракатҳои зӯроварӣ нисбати он сардоре амалӣ карда шавад, ки ӯ дар ҳамин лаҳза уҳдадориҳои хизмати ҳарбиро иҷро карда истода бошад ва ё ҳаракатҳои зӯроварӣ вобаста ба иҷрои чунин вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби ҳамин сардор дар гузашта содир шуда бошад (мисол, дар вақти фориғ будан аз хизмат). Ё ин ки, таҳдид ба сардор (м.371 КҶ ҶТ). Дар тафсири ин модда низ пешбинӣ шудааст, ки кирдор танҳо дар натиҷаи дар якҷоягӣ ҷой доштани ҳолатҳои зерин ҷиноят эътироф карда шуда, бо ҳамин модда бандубаст карда мешаванд: а) агар барои амалӣ шудани чунин таҳдид асосҳои кофӣ ҷой дошта бошанд, яъне, таҳдид то он андозае воқеӣ мебошад, ки

имконияти амалӣ гардонидани он бешубҳа аст; б) агар таҳдид ба иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбии сардор вобаста бошад. Агар яке аз шартҳои номбаршуда ҷой надошта бошанд, он гоҳ кирдорҳои дар боло зикршуда ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаи мазкур истисно мекунад[135].

Ҳамчунин, мавриди зикр аст, ки вожаи «вақт» дар предмети исботкунӣ дигар ҷанбаҳои ҳуқуқиро низ фаро мегирад. Яъне, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурорро зарур аст, муайян намоянд, ки дар вақти содиршавии ҷиноят шахс ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, расидааст ё на? Агар дар вақти содир шудани ҷиноят шахси онро содиркарда ба синну соли қонун мукарраркарда, ки бо он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, расидагӣ набошад, он гоҳ шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мегардад[136]. Ҳамзамон, бояд муайян намуд, ки дар вақти содиршавии ҷиноят кадом қонуни моддӣ амал мекард (Масалан, ҳангоми ворид кардани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ). Дар сурати муқаррар гаштани ҳолатҳои зикргардида, боэътимод гуфтан мумкин аст, ки шахси ҷиноятсодиркарда субъекти ҷиноят аст ё ин ки на.

Бино ба м.23-и КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст. Дар хусуси оне ки ҷиноят аз ҷониби субъекти «муқаррарӣ» ё субъекти «махсус» (шахси мансабдори давлатӣ, хизматчии ҳарбӣ) содир шудааст, аз қабили масъалаҳое мебошад, ки ҳатман бояд дар мадди назари субъектони исботкунӣ қарор дошта бошад.

Солҳои охир ба таври зарурӣ, аз ҷониби олимони риштаи илми криминалистика ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масъалаи вақти содиршавии ҷиноят диққати махсус зоҳир намуда истодаанд[137]. Дар ин замина, вақти содиршавии ҷиноят на танҳо барои мурофиаи ҷиноятӣ, балки барои илми криминалистика ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ бағоят муҳим арзёбӣ мегардад.

---

135 Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 798-799.

136 Ниг.: Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 156.

137 Ниг.: Мешков В.М. Время в уголовном процессе и криминалистике: монография. – М., 2018. – С. 107.

**Ҷойи содиршавии ҷиноят**. Мувофиқи китоби «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» калимаи ҷой ба якчанд маъно омадааст: 1) фазо ё масоҳате, ки аз тарафи касе ё чизе ишғол шуда бошад ё ишғол шавад ё мавқеи ягон ҳаракат, амал ва ҳодиса бошад, макон, мавзеъ, маҳал; 2) мавқеъ, маврид; 3) дам, вақт[138]. Тибқи адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми ҷойи содиршавии ҷиноят ҳудуди мушаххаси (заминӣ, обӣ ё ҳавоӣ) дар қонун пешбинишудаеро мефаҳманд, ки дар он ҷиноят содир шудааст[139].

Ба ақидаи муҳаққиқони дигар, ҷойи ҷиноят – маконе мебошад, ки дар он ҷинояткор кирдори ҷиноятӣ содир карда, дар натиҷаи амали ӯ оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба миён омадааст[140]. Дараҷаи дақиқ муайян кардани ҷойи содиршавии ҷиноят низ метавонад гуногун бошад: дар баъзе ҳолатҳо ҷиҳати ошкор намудани ҷиноят муқаррар кардани ҷойи содиршавии ҷиноят муҳим нест, дар ҳолатҳои дигар бошад, муҳим арзёбӣ мегардад. Вақтҳои охир бо дарназардошти инкишофи илму техника, бахусус технологияи иттилоотӣ ва содир шудани ҷиноят тавассути шабакаҳои интернетӣ масъалаи муайян намудани ҷойи содиршавии ҷиноят алҳол мубрам арзёбӣ мегардад.

Маҳз бо дарназардошти хусусияти фаромиллиро касб намудани кирдорҳои ҷиноятӣ, муқаррар намудани ҷойи содиршавии ҷиноятро ба таври назаррас душвор мегардонанд. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш бо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин иброз доштанд: «Дар шароити бисёр ҳассос ва вазъи ниҳоят мураккабу ноустувори минтақа ва ҷаҳони имрӯза дар назди мо масъалаҳои бағоят муҳимми амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар

[138] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 271.
[139] Ниг.: Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1: Учение о преступлении: учебник для вузов / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Н.Ф. Кузнецовой и канд. юрид. наук, доц. И.М. Тяжковой. – М., 2002. – С. 261.
[140] Ниг.: Benfer J. Allgemeines Strafrecht. – Köln; Berlin; Bonn; München, 1984. – S. 10.

зидди терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ қарор доранд»[141].

Гузашта аз ин, масъалаи ҷилавгирӣ ва ошкор намудани ин қабил ҷиноятҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мушкилиҳои зиёдро ба бор овардааст. Зеро, ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ метавонад дар ҳудуди як давлат оғоз шуда, дар ҳудуди дигар давлатҳо идома ё хотима ёбад.

Масалан, 7 ноябри соли 2022 шаҳрванди ҶТ Р. с.т. 25.11.1991, сокини деҳаи Т. ҷамоати деҳоти Г. ноҳияи Д. бо истифода аз телефони мобилияш бо рақами 93xxxxx дар барномаи хостингии «Ютюб» бо рекламаи ширкати ҶДММ «Г»-и ФР дар хусуси даст овардани аз 10 то 20 фоиз фоида аз ҳисоби маблағи пардохт барои харидорӣ намудани саҳмия ва иштирок дар биржаи ҷаҳонӣ шинос шудааст. Номбурда ба ин реклама бовар карда, бо мақсади гирифтани фоидаи муфт худро дар барномаи болозикр ба қайд гирифта, тибқи шартҳои пешниҳодгардида 07.11.2022 ба суратҳисоби корти бонкии ҶДММ ТАҚХ «Д», №97xxxxxx бо истифода аз барномаи телефонии «Д» 500 сомонӣ гузаронидааст, ки дере нагузашта ба суратҳисобаш 50 доллари ИМА баробар ба 555 сомонӣ ворид гардидааст.

Баъди бозпас интиқол гардидани маблағаш ва гирифтани фоида шаҳрванд Р. ба реклама пурра боварӣ ҳосил карда, бо мақсади бештар гирифтани даромад аз рӯйи маслиҳат ва талаби шахси номаълум, ки худро ба вай ҳамчун менеҷери ширкати ҶДММ «Г»-и ФР муаррифӣ намуда, бо воситаи барномаи «Телеграмм» ба алоқа баромадааст, дар давраи аз 07.11.2022 то 16.01.2023 бо роҳи гирифтани маблағи қарз аз хешовандону шиносҳояш, дар маҷмуъ 868500 сомониро бо воситаи ҳамёни бонкии «Д» ба рақами +9927xxxxxx ба суратҳисобҳои кортҳои бонкии ҶДММ ТАҚХ «Д», таҳти рақамҳои №97xxxxxx ва №97xxxxxx, ки ба номи шаҳрванди Ҷумҳурии У. П.А. ба қайд гирифта шудааст, интиқол намудааст.

---

[141] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз 22.07.21 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/26167 (санаи муроҷиат: 15.10.2022).

Бинобар ба доми қаллобон афтидан ва то ба имрӯз бозпас гирифта натавонистани маблағҳои интиқолнамудааш ва фоизҳои ваъдакардашуда шаҳрванд Р.А.С. ба миқдори махсусан калон зарарӣ моддӣ дида, бо ариза барои чораҷӯӣ ба Прокуратураи генералии ҶТ муроҷиат намудааст. Шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии ҶТ бо аломатҳои моддаи 247 қисми 4 «б» КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, парвандаро аз рӯйи тобеият барои пешбурди тафтиши пешакӣ ба Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст[142].

Мисоли манзуршуда собит менамояд, ки муайян намудани ҷойи дақиқи содиршавии ҷиноят вобаста ба ҷиноятҳое, ки дар шабакаи интернет содир карда мешаванд, бағоят мушкил арзёбӣ карда мешавад. Агар ҷиноят бо дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ алоқаманд бошад ва дар як вақт ин амалҳо аз якчанд компютер анҷом дода шавад, пас теъдоди ҷойи содиршавии ҷиноят, ба шумораи компютерҳои истифодашуда мувофиқат мекунад[143].

Аз ҳамин нуқтаи назар, ба андешаи мо, самаранокии мубориза бо ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, аз сифати ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа вобастагӣ дорад. Бояд хотирнишон намуд, ки ҳанӯз 15 майи соли 2002 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» қабул шуда буд, ки яке аз василаҳои асосии пешгирӣ ва ҳифзи иттилоот, бахусус дар соҳаи иттилооти компютерӣ ба шумор меравад[144].

Дар пайвандӣ ба масъалаи пешгирӣ намудани ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

---

[142] Ниг.: Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2022-2023.
[143] Ниг.: Гаврилин Ю.В. Расследование преступлений, посягающих на информационную безопасность в сфере экономики: теоретические, организационно-тактические и методические основы: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2009. – С. 114-115.
[144] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 15 майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – №11. – мод. 696; соли 2005. – №12. – мод. 646 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/82 (санаи муроҷиат: 06.03.2022).

Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-уми декабри соли 2022 чунин зикр намуда буданд: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд»[145].

Дар ҳоли ҳозир оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, аз ҷониби воҳиди сохтори Прокуратураи генералии ҶТ (шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикӣ) амалӣ карда мешавад.

**Тарзи содиршавии ҷиноят** – ин низоми ҳаракатҳо (беҳаракатӣ), ки дар натиҷаи он ҷиноят ба вуқуъ мепайвандад. Китоби «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» маънои калимаи «тарз»-ро шарҳ дода, онро чун «тавр», «тариқа», «равиш», «услуб», «чи тавре, ки», «чунин ки», «ба тариқи» ва ғ. маънидод намудааст[146].

Вобаста ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд тарзи содир намудани ҷиноят муқаррар карда шавад, яъне маҷмуи ҳаракатҳое, ки шахс бо як пайдарҳамӣ анҷом медиҳад, боиси содиршавии ҷиноят мегардад. Мавриди зикри хос аст, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳангоми бандубасти кирдор ба тарзи

---

[145] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 12.05.2023).

[146] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 319.

содиршавии ҷиноят эътибори ҷиддӣ дода, миёни як ҷиноят аз ҷинояти дигар тафовут гузошта мешавад. Масалан, маҳз бо тарзи содиршавии ҷиноят, ҷинояти ғоратгарӣ аз дуздӣ фарқ гузошта мешавад. Яъне, дар ҷинояти дуздӣ амволи ғайр тариқи ниҳоӣ тассаруф мегардад ва ҳангоми содир кардани ҷинояти ғоратгарӣ бошад, тасарруфи амвол тариқи ошкоро сурат мегирад.

Ҳамзамон, набояд фаромӯш сохт, ки тарзи содиршавии ҷиноят ба ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда таъсири бевосита мерасонад. Илова бар ин, дар рафти куштор нисбати ҷабрдида истифода намудани азобу уқубат, пайваста таҳқир кардан, бо заҳри азобкушанда хӯронидан, муддати тулонӣ бе обу хӯрок мондан, зинда таги хок кардан ё оташ задан низ аз зумраи ҳолатҳои вазнинкунанда дониста шуда, эҳтимоли таъин намудани ҷазо дар намуди якумра маҳрум кардан аз озодӣ нисбати шахси содиркунандаи ин ҷиноят ҷой дорад. Баръакс, агар шахс ҷинояти одамкуширо аз рӯйи ҳиссиёти рашк, бахилӣ, қасд, таҳқир, ҳаракатҳои бадахлоқонаи ҷабрдида дар гузашта, содир карда бошад, он гоҳ кирдор бо қ.1 м.104 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад[147].

Муҳтавои мафҳуми «дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят» дар қонунгузорӣ шарҳ дода нашудааст. Ба назари мо, сархати 1 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ такмилталаб буда, аз ҷониби масъулин ниёз ба омӯзиши ҳамаҷонибаро дорад.

Ба қавли олими тоҷик Н.А. Қудратов зери «ҳолатҳои дигар» олоти содиркунии ҷиноят ва оқибати ҷиноят фаҳмида мешавад[148].

Восита ва олоти содиршавии ҷиноят. Дар баъзе мавридҳо маҳз ҳолати мазкур имконият фароҳам меоварад, ки таркиби як ҷиноятро аз ҷинояти дигар ҷудо намоем. Масалан, ҷудо кардани ҷинояти ғоратгарӣ аз роҳзанӣ. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ факти содир шудани ҷиноятро ба воситаи силоҳ (яроқ), лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ аломати бандубасти якчанд ҷиноят (Масалан, одамрабоӣ қ.2 банди «г» м.130 КҶ ҶТ) қабул медорад. Чун қоида, истифода

[147] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 234.
[148] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 157.

бурдани силоҳ ҳангоми содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунанда маҳсуб меёбад.

Дар сархати 2 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ **ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунанд**, пешбинӣ шудааст. Пурра ва ҳамаҷониба омӯхтани шахсияти айбдоршаванда, яке аз вазифаҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя (дар ҷараёни тафтишот ва муҳокимаи судӣ) ба шумор меравад. Ба қавли мо, дар ин маврид муқаррароти сархати 2. қ.2 моддаи мазкур мукаммал нест. Масалан, мувофиқи сархати 3 қ.3 м.293 КМҶ дар протоколи маҷлиси судӣ маълумот дар хусуси шахсияти судшаванда қайд карда мешавад. Аз моддаи мазкур чунин бармеояд, ки дар марҳилаи судӣ низ бояд ҳолатҳое, ки шахсияти судшавандаро муайян менамоянд, мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Агар ба сархати 5 м.82 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон назар афканем, маълум мегардад, ки дар баробари айбдоршаванда шахсияти судшаванда низ бояд муайян карда шавад. Дар сархати 5 қ.1 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, чунин пешбинӣ шудааст: «ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршуда ва айбдоршавандаро муайян мекунанд». Аз ин рӯ, мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ба сархати 2. қ.2 85 КМҶ ҶТ калимаи судшаванда илова карда шуда, ин сархат бояд «ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро муайян мекунанд» номгузорӣ карда шавад. Зеро дар раванди исботкунӣ на танҳо шахсияти айбдоршаванда, балки шахсияти гумонбаршуда ва судшаванда низ новобаста аз давраи мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият муайян карда мешаванд.

Муҳаққиқони соҳа дар робита ба шахсияти айбдоршаванда андешаҳои мухталиф манзур намудаанд. А.С. Кривошеев се самти таҳқиқи шахсияти айбдоршавандаро ҷудо намудааст: криминалистӣ, ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-мурофиавӣ[149]. Ба андешаи Л.В. Василев ҳангоми таҳқиқи ин масъала, ба омӯзиши рафтор, характер, эҳсосот ва қобилияти зеҳнии айбдоршаванда

[149] Ниг.: Кривошеев А.С. Изучение личности обвиняемого в процессе расследования. – М.: Юридическая литература, 1971. – С. 6-8.

бояд диққати махсус дода шавад[150]. Ақидаи ҳолибро дар ин хусус, А.Б. Сахаров иброз намудааст. Мавсуф менависад: «муайян кардани аломатҳои таркиби ҷиноят дар кирдори шахс, ҷиҳати ҳал гардидани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, кифояткунанда нест. Бояд яқин донист, ки айбдоршаванда чӣ гуна шахс аст ва барои чӣ ҷинояти мазкурро содир намудааст ва оё ҷинояти содиркардаи ӯ бо рафтораш мувофиқ аст ё на»?[151].

Ба назари М.М. Михеенко шахсияти айбдоршавандаро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи хусусиятҳои зерин муайян намудан роиҷ аст: а) маълумотҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва характер; б) сифати психологӣ[152].

Зимнан бояд қайд намуд, ки роҷеъ ба ҳар як парвандаи баррасишаванда маълумотҳо нисбати айбдоршаванда ва судшаванда ҷамъоварӣ ва муайян карда мешаванд:

а) насаб, ном, номи падар, руз, моҳ, соли таваллуд, миллат, вазъи оилавӣ, хусусият ва намуди фаъолият, ҷойи кор ва маҳалли истиқомат;

б) маълумот дар бораи вазъи саломатӣ ва қобилияти корӣ;

в) сарфароз гардонидашудан бо мукофотҳои давлатӣ, рутбаҳои дараҷавӣ;

г) ҷой доштан ё надоштани доғи судӣ, муҳлати адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, санаи озод шудан;

д) фактҳое, ки ӯро ҳамчун аъзои ҷомеа таҷассум мекунад (аз рӯйи ҷойи истиқомат, кор).

Ба назари мо, ба масъалаи шахсияти айбдоршаванда аз ҷониби субъектони босалоҳият бояд диққати махсус зоҳир карда шавад, зеро тавре аз амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ бармеояд, мадди назар намудани сархати мазкури КМҶ ба иштибоҳҳои гуногуни мурофиавӣ, аз ҷумла ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ оварда мерасонад. Чунончӣ, бо ҳукми суди ноҳияи Ҷ. аз 12 августи соли 2021 А.Ш.Ш. бо м.142 қ.2 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 сол маҳкум карда

---

[150] Ниг.: Васильев Л.В. Юридическая психология: учеб. – М.: Юрид. лит., 1991. – С. 244.
[151] Ниг.: Сахаров А.Б. О личности преступника и причинах преступности в СССР. – М., 1961. – С. 23.
[152] Ниг.: Михеенко М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве. – Киев, 1984. – С. 119.

шудааст. Дар асоси муроҷиати А.Ш.Ш. ба Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии ҶТ парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ талаботи м.21 ва сархати 2 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ дағалона вайрон карда шуда, шахсияти айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) дуруст муайян карда нашуда, ба ӯ ҳамчун А.Р.Ш. бо м.142 қ.2 КҶ айб эълон карда шуда, аз ҷониби суд маҳкум гардидааст[153].

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаи таҳқиқи гуногунҷанбаи маълумот оид ба шахсияти айдоршаванда қисмати ҷудонопазири предмети исботкунӣ буда, барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

**Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд.** Дар ҷараёни исботкунӣ на танҳо далелҳои айбдоркунанда, балки далелҳои сафедкунанда низ ҷамъоварӣ карда мешаванд. Ин нуқтаи бағоят муҳим дар мазмуни сархатҳои «ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад» ва «ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гарданд» инъикоси худро ёфтаанд. Боби 8 КҶ ҶТ 6 ҳолати истисно будани ҷиноятро пешбинӣ намудааст: 1) мудофиаи зарурӣ (м.40 КҶ ҶТ); 2) расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м.41 КҶ ҶТ); 3) зарурати ниҳоӣ (м.42 КҶ ҶТ); 4) маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ (м.43 КҶ ҶТ); 5) таваккали асоснок (м.44 КҶ ҶТ); 6) Иҷрои фармон ё амр (м.45 КҶ ҶТ).

**Ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гарданд.** Мувофиқи м.28 КМҶ ҶТ суд, судя, прокурор дар асоси моддаҳои 72-75 ва 82 КҶ ҶТ, инчунин муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо дастрас кардани моддаҳои зикршуда ва бо ризои прокурор ҳуқуқ доранд дар мавридҳои зерин оғози парвандаи ҷиноятиро рад кунанд ё пешбурди

[153] Ниг.: Бойгонии Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.

парвандаи ҷиноятиро бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қатъ кунанд:

– пушаймонӣ аз кирдор;

– оштӣ шудан бо ҷабрдида ва барқарор кардани товони зарари расонидашуда;

– тағйир ёфтани вазъият;

– гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан;

– татбиқи санади авф[154].

Ҳолатҳои аз ҷазо озод кардани шахс ба таври паҳновар дар боби 12 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

**Ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунанд.** Дар қонунгузорӣ мафҳуми дараҷаи гуноҳ пешниҳод нагардидааст, вале дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Дараҷаи гуноҳ – ин тавсифи миқдории моҳияти иҷтимоии гуноҳ мебошад, ки бо дарназардошти ҳама хусусиятҳои руҳии шахс ба ҳолатҳои объективии ҷиноят ва сабабҳои субъективию психологии он муайян карда мешавад. Ғайр аз гуноҳ, ки ягона аломати тарафи субъективии ҷиноят дониста мешавад, нақши ангеза ва мақсади ҷиноят низ басо муҳим аст[155]. Ҳамин тавр, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор тавассути далелҳои ҷамъовардашуда, ҳолатҳои зеринро муқаррар менамоянд:

а) субъекти ҷиноят (танҳо шахси воқеӣ шуда метавонад);

б) мукаллаф будан ва ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидани шахс;

в) ҷинояти мазкур танҳо аз ҷониби ҳамин шахс содир шудааст;

---

[154] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

[155] Ниг.: Рахматулина Н.Г. Убийство по мотиву национальной, расовой, религиозный ненависти или вражды либо кровной мести: вопросы квалификации и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005. – С. 16.

г) айбдоршаванда ин амалро гунаҳгорона анҷом додааст (қасдан ё аз беэҳтиётӣ);

д) шахси ҷиноятро содиркарда субъекти муқаррарӣ аст ё махсус?

**Ҳолатҳои ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии айбдоршаванда таъсиррасонанда, ки дар моддаҳои 61 ва 62 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд.** Масъалаи мазкур дар КҶ ва КМҶ ба таври муташаккилона танзими худро пайдо намудаанд. Танҳо ҳаминро бояд илова кард, ки суд ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои сабукунанда ва вазнинкунандаро, ки дар моддаҳои 61 ва 62 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба назари эътибор мегирад.

**Ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунанд.** Чун қоида, се намуди зарарро, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят расонида мешавад, ҷудо намудан мумкин аст:

– ҷисмонӣ;

– моддӣ;

– маънавӣ.

Муқаррар кардани оқибатҳои моддии ҷиноят барои ҳаллу фасл гардидани даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши бориз дорад. Ба андешаи мо, сархати мазкурро А.П. Рижаков дар сатҳи олӣ матраҳ намудааст. Муаллифи зикршуда, бар он ақида аст, ки аз хусусият ва андозаи зарари расонидашуда якчанд масъалаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд: 1) масъалаи бандубасти ҷиноят (Масалан, оқибати вазнин доштани ҷиноят-аломати ҳатмии таркиби ҷиноят ҳаст ё на?); 2) муайян кардани масъалаи иродаи шахс (суиқасд ё ҷинояти хотимаёфта); 3) ҷой доштани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо (расонидани ёрии тиббӣ ё дигар намуди ёрӣ бевосита пас аз содиршавии ҷиноят, ихтиёран ҷуброн намудани зарари моддӣ ё маънавӣ ва дигар амалҳое мусбат, ки дар ҳаққи ҷабрдида анҷом дода мешаванд); 4)

масъалаи баракароркунии андозаи маблағ аз айбдоршаванда; 5) масъалаи чораи ҷазо[156].

**Ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд.** Ҳолати криминогенӣ дар ҳудуди ҶТ тағйирёбанда буда, тамоюлҳои рӯ ба инкишоф ва камшавиро дорад. Нишондодҳои оморӣ ва таҳлилҳои мақомоти дахлдор бахусус мақомоти прокуратура ва Вазорати корҳои дохилӣ ҳолати мазкурро собит менамоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар, қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани сабаб ва омилҳои асосие, ки ҷиҳати содиршавии ҷиноят замина гузоштаанд, дар м.85 КМҶ ҶТ сархати «ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд» пешбинӣ намудааст.

Ба назари мо, муқаррар кардани ҳолати мазкур имкон фароҳам меоварад, ки аз лиҳози дурнамо ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи ҷиноятгорӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Ба ҳар сурат, танҳо дар раванди тафтишоти пешакӣ муфаттиш ё таҳқиқбаранда яқин гуфта метавонанд, ки кадом ҳолатҳо ё омилҳо боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд. Масалан, дар қисмати баёнию асоснокгунии фикри айбдоркунӣ, бояд масъалаҳои зерин инъикос карда шаванд: моҳияти айбдоркунӣ, маҳал ва вақти содир намудани ҷиноят, усул, сабаб, оқибат ва ҳолатҳои дигари муҳим, маълумот дар бораи ҷабрдида, хусусият ва андозаи зарари ба ӯ расонидашуда, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ, далелҳои тасдиқкунандаи гуноҳи айбдоршаванда, ҳолатҳои сабуккунада ва вазнинкунандаи ҷазо ва ваҷҳҳое, ки айбдоршаванда барои ҳимояи худ пеш меорад ва натиҷаи ин санҷишҳо (қ.4 м.244 КМҶ ҶТ).

Гарчанде ки дар фикри айбдоркунӣ «ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд» пешбинӣ нашуда бошад ҳам, муфаттиш вазифадор аст, ки сабаб ва шароитҳое, ки ба содиршавии ҷиноят оварда расонидааст, муайян намояд. Бояд тазаккур дод, ки мушаххас ва аниқ ифода намудани ҳолати мазкур барои муфаттиш дар бисёри маврид номумкин аст, чунки сабабҳои объективии содиршавии ҷиноятро танҳо худи айбдоршаванда медонаду халос.

---

[156] Ниг.: Рыжаков А.П. Уголовный процесс: Учебник для вузов. – 3-е изд. исп. И доп. – М.: Издательство Норма, 2004. – С. 181.

Бо вуҷуди ин, муфаттиш бояд ҳаддалимкон талош ва ниҳоят маълум намояд, ки кадом омилҳо таъсир расонидаанд, то ҷинояти мазкур содир шавад. Мувофиқи бархе аз андешаҳои олимон, дар қисмати баёнию асоснокkунии фикри айбдоркунӣ на танҳо ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд, балки василаҳои бартараф намудани ин ҳолатҳо аз ҷониби муфаттиш бояд ифода гардад[157].

Агар дар маҷмуъ дар хусуси ҷинояткорӣ сухан кунем, ба назари мо, ақидаи пешниҳодкардаи файласуф ва олими шуҳратёри Фаронса Шарл Монтескё таваҷҷуҳи хосаро сазовор аст. Файласуфи зикршуда якчанд омилҳоро номбар мекунад, ки дар асоси онҳо ба рафтори инсон таъсир расонида, ниҳоят ҷиноят содир карда мешавад: хусусияти қонунгузории давлат, иқлим, тарзи зиндагӣ, диндорӣ, шумораи аҳолии давлат, расму оин ва ғ.[158]. Дарвоқеъ, мо бо ақидаи манзуршуда мувофиқем, зеро то кунун сабаби асосии содиршавии ҷиноят маълум нест ва мо яқинан гуфта наметавонем, ки кадом сабаб боиси содиршавии ҷиноят гаштааст. Аз ин рӯ, омилҳое ҷой доранд, ки дар заминаи таъсири бевоситаи он гумонбаршуда, айбдоршаванда ҷиноят содир менамоянд.

Бо дарназардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии баланди ҷамъиятии ҷиноятҳо ба мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, ки ҳангоми тафтишот ва баррасии парвандаҳо таҳқиқи ҳарҷонибаву пурра ва объективонаи ҳолатҳои корро таъмин намуда, чораҳои бо қонун муқарраргардидаро ҷиҳати муайян намудани сабабу шароитҳое, ки барои содиршавии ҷиноятҳо мусоидат намудаанд, андешанд[159]. Зиёда аз ин, судяро зарур аст, ки объективона ҳолатҳои ба содиршавии ҷиноят мусоидаткунандаро мавриди санҷиш қарор диҳанд. Ин ҳам бошад, тавассути

[157] Ниг.: Якубович Н.А. Окончание предварительного следствия. – М., 1962. – С. 73; Ефимичев С.П. Окончание предварительного расследования с обвинительным заключением: дис. ... канд. юрид. наук. – Л., 1968. – С. 146.
[158] Ниг.: Курганов С.И. Криминология. третье изд. переработанное и дополнение / Закон и право. – Москва, 2009. – С. 16.
[159] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ». – ш. Душанбе аз 26 июни соли 2009. – №22. – С. 42.

сафарбар кардани мутахассисон ҷиҳати муқаррар гаштани ин ё он ҳолат, ҷалби шоҳидони ҷадид ва ғ.

Тавре қаблан зикр гардид, ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, бо дарназардошти характери ҷиноят метавонанд гуногун бошанд. Масалан, ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бояд муқаррар карда шаванд.

Ҷинояткорӣ миёни ноболиғон яке аз масъалаҳои доғи рӯз дониста шуда, дар таҷрибаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ мушкилиҳои зиёдеро ба миён овардааст. Таҳлилҳои мақомоти тафтишот ва судии ҷумҳурӣ бозгӯи онанд, ки аз 2/3 ретсидивистон ҷинояти нахусташонро дар айёми ноболиғӣ содир намудаанд, ки ин нишондоди нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқон илман исбот шудааст, ки агар шахс дар айёми ноболиғи ҷиноят содир кунад, ба эҳтимоли зиёд ӯ дар оянда низ ҷиноят содир мекунад.

Дар соли 2021 аз ҷониби ноболиғон 763 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, нисбати соли 2020 9 ҳолат ё худ 1,2% зиёд мебошад. Аз 763 ҷинояти аз ҷониби ноболиғон содиргардида 80 ҷинояти он ба ҷинояти авбошӣ (м.237 КҶ ҶТ) рост меояд[160]. Дар соли 2022 бошад, 660 ҷиноят аз ҷониби ноболиғон ва бо иштироки онҳо ба қайд гирифта шудааст. Таҳлилҳо ва нишондодҳои оморӣ собит менамоянд, ки аз ҷониби ноболиғон бештар ҷинояти дуздӣ, авбошӣ ва қасдан расонидани зарарӣ вазнин ба саломатӣ содир карда мешаванд[161].

Дар хусуси ҷинояткорӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон Д.С. Раҳмон бамаврид зикр менамояд: «Ба КҶ дохил кардани боби махсуси «Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон», ки дар он бо назардошти синну сол ва хусусиятҳои психологӣ, сабуккунии назарраси воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии нисбат ба онҳо

[160] Ниг.: Иҷлосияи нуҳуми Маҷлиси миллӣ, даъвати №6. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2021 // Садои мардум аз 17.03.2022. – №33-34 (4453-4454). – С. 4.

[161] Ниг.: Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллӣ, даъвати №6. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2021 // Садои мардум аз 15.03.2023. – №37-38 (4620-4621). – С. 3.

татбиқшаванда, то худи пурра озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, яке аз шаклҳои принсипи инсондӯстӣ мебошад»[162].

Мутобиқи м.90 КМҶ ҶТ ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон ба муайян кардани ҳолатҳои зайл диққати махсус додан лозим аст:

– синну соли ноболиғ (рӯз, моҳ, соли таваллуд);

– шароити зиндагӣ ва таълиму тарбия;

– сабаб ва шароитҳое, ки ба ҷиноят содир кардани ноболиғ мусоидат намудаанд;

– мавҷудияти таҳриркунандагон ва шарикони дигар.

Ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи камақлии ноболиғ, ки бо бемории руҳӣ алоқаманд нест, инчунин бояд моҳияти кирдори худро пурра дарк карда тавонистани ӯ ошкор карда шавад[163].

Барои муқаррар кардани ин ҳолат бояд падару модари ноболиғ, муаллимон, мураббиёни ӯ ва шахсони дигаре, ки маълумоти зарурӣ дода метавонанд, пурсида, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои лозима талаб карда, амалҳои дигар тафтишӣ ва судӣ анҷом дода шаванд. Мавриди зикр аст, ки предмети исботкунӣ оид ба ҷиноятҳои ноболиғон хусусиятҳои хоси худро доро буда, қонунгузор ин масъаларо дар моддаи алоҳида инъикос намудааст. Зеро таъсиррасонии мурофиавӣ нисбати ноболиғон бо дарназардошти вазъи физиологӣ, психиологӣ ва иҷтимоӣ ба дигар васила татбиқ мегардад. Гузашта аз ин, муқаррароти боби 24 КМҶ ҶТ (Экспертиза) дар бораи парванда марбут ба шахсе, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст, татбиқ мегардад[164].

Ҳамин тавр, хусусиятҳои хоси предмети исботкунӣ нисбати ноболиғон дар 2 ҷанбаи асосӣ таҷассум мегардад: якум, субъекти ҷиноят – шахси ноболиғ аст;

---

[162] Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. док. илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – С. 32.
[163] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.
[164] Ниг.: Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Ҷалолов Х.Ғ., Собиров М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (пешбурди тосудӣ ва судӣ дар нақша). – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2022. – С. 187.

дуюм, қонун барои парвандаҳои ноболиғон «предмети махсуси исботкуниро» ҷудо намудааст[165]. Тибқи андешаҳои Г.И. Загорский ва Т.В. Орлова предмети исботкунӣ нисбати ноболиғон ин ғайр аз ҳолатҳои муқаррарӣ (м.85 КМҶ ҶТ), исбот гардидани ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда, ки барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ зарур аст, иборат мебошад[166].

Лозим ба зикр аст, ки нисбат ба предмети исботкунии ноболиғон, ғайр аз ҳолатҳои муқаррарӣ (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят) ҳамчунин, ҳолатҳои дигар низ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд: қобилиятнокии ноболиғ (инкишофёбии психологӣ ва физиологӣ), таҷрибаи зиндагии ноболиғ ва ғ.). Чун қоида, ҷиҳати ба даст овардани маълумотҳои зикргардида зарур аст, ки волидайн, муаллимон, дӯсту рафиқон, ҳамсояҳо ва ҳамсинфони ноболиғ мавриди пурсиш қарор дода шаванд.

**Синну соли ноболиғ (рӯз, моҳ, соли таваллуд).** Ба назари мо, синну соли ноболиғ дар предмети исботкунӣ яке аз омилҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Дақиқ кардани синну соли ноболиғ ба саволи оё мумкин аст, ки шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ҷавоб мегуяд. Мувофиқи қ.1 м.23 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир кардани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст, ба истиснои ҷиноятҳое, ки дар қисми 2 моддаи зикргардида пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, муайян кардани масоили синну соли ноболиғ метавонад, ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба назари эътибор гирифта шавад.

Илова бар ин, муқаррар намудани синну соли гумонбаршуда, айбдоршаанда (дар сурати ноболиғ будан) иштироки ҳатмии ҳимоятгарро тақозо менамояд (м.51 КМҶ ҶТ). Синну соли ноболиғи айбдоршаванда тавассути шаҳодатномаи таваллуд ё ин ки шиноснома ба парвандаи ҷиноятӣ замима мегардад. Дар сурати носаҳеҳ будани маълумот дар хусуси синну соли

[165] Ниг.: Уголовный процесс. Учебник для юридических вузов / Под ред. В.П. Божьева. – М.: Спарк, 2002. – С. 573; Криминалистика / Под ред. Р.С. Белкина. – М.: НОРМА-ИНФРА, 1999. – С. 875.
[166] Ниг.: Загорский Г.И., Орлова Т.В. Производство по уголовным делам в отношении несовершеннолетних / Г.И. Загорский, Т.В. Орлова // Российский судья. – 2012. – №10. – С. 7-8.

ноболиғ, ба ҷойи бақайдгирии таваллуд (Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ) аз ҷониби муфаттиш дархост ирсол карда мешавад[167].

**Шароити зиндагӣ ва таълиму тарбия.** Роҷеъ ба ҳар як ҷинояти аз ҷониби ноболиғи айбдоршаванда содиршуда зарур аст, ки шароити зиндагӣ ва таълиму тарбияи ӯ муқаррар карда шавад. Муайян кардани шароити зиндагӣ ва таълиму тарбияи ноболиғ бештар барои масъалаҳои зерин рӯйи кор меоянд: баъзе лаҳзаҳои муносибати психологии ноболиғ ба кирдори содиркардааш, муайян кардани маҷмуи омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноят таъсир расонидаанд, андешидани тадбирҳои таъхирнопазир нисбати ноболиғони дигар ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳо, ҳаллу фасли чораҳои пешгирӣ ва роҳҳои ислоҳшавии ноболиғон ва ғ.[168].

Ҳамзамон, таҳлили маҷмуии шароити зиндагӣ ва таълиму тарбияи ноболиғон ба субъектони исботкунӣ имконият фароҳам меоварад, ки ҷавобгариро нисбати масъулин (волидайн) боз ҳам пурзур намоянд. Аз ҳамин лиҳоз, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» аз ҷониби парлумони кишвар қабул карда шудааст. Мутобиқи қ.1 м.15 Қонуни мазкур, дар ҳолати иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд, ки дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ шудаанд, падару модар ва омӯзгор тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд[169].

Яке аз омилҳои асосии пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар қонуншиканиҳо пеш аз ҳама дар таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон ва боло

---

[167] Ниг.: Исоев К.М. Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон / К.М. Исоев // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10 соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 148.

[168] Ниг.: Гуковская Н.И., Долгова А.И., Миньковский Г.М. Расследование и судебное разбирательство дел о преступлениях несовершеннолетних. – М., 1974. – С. 23.

[169] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 11.08.2011с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/762_tj (санаи муроҷиат: 21.04.2022).

бурдани фарҳанги ҳуқуқии онҳо таҷассум меёбад. Ин нуқта дар асарҳои илмии олими тоҷик, Э.С. Насурдинов бамаврид таъкид шудааст[170].

Гузашта аз ин, олими итолиёвӣ Чезаре Беккариа ба он ақида аст, ки таълим ва тарбия воситаи асосии пешгирии ҷиноятдкорӣ буда, субъекти асосии ин ҷараёнро оила ва давлат бар душ доранд. Дар ҳақиқат олимони зикршуда, масоили тарбияро яке воситаҳои самарабахши пешгирии ҷиноятдкорӣ миёни ноболиғон унвон кардаанд, ин ҳам бошад тасодуфӣ нест. Зеро дар натиҷаи мавриди омӯзиш қарор додани даҳҳо парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби банда муайян гардид, ки аксаран ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғоне содир карда мешаванд, ки зери назорати падару модар қарор надошта, ба тадрис кардан дар мактабҳо сафарбар карда нашудаанд.

Ҳамзамон, зарур аст, ки дар раванди таълим ва тарбияи ноболиғ масъалаҳои зерин равшан карда шаванд, аз қабили: ноболиғ дар куҷо ва чӣ гуна таҳсил менамояд, муносибати ӯ бо ҳамсинфонаш чӣ гуна ба роҳ монда шудааст (агар дар мактаб таҳсил намояд), рафтор ва дониши ӯ дар кадом сатҳ қарор дорад, агар аз мактаб хориҷ шуда бошад, ба кадом сабаб ва ғ. Дар сурате ки ноболиғ кору фаъолият кунад, масъалаи ба ҳайси кӣ кор карданаш, шароити корӣ, муносибати коллектив нисбат ба ӯ, музди меҳнат ва дигар ҳолатҳо бояд муайян карда шаванд.

Натиҷаи омӯзиш ва амалияи фаъолияти судҳои кишвар нишон дод, ки давоми солҳои 2019-2023 мутаносибан аз ҷониби судҳои кишвар нисбати ноболиғони ҷиноят содирнамуда шумораи зерини чораҳои дорои хусусияти тарбиявидошта татбиқ гардиданд, аз ҷумла дар соли 2019 – 21 адад, с. 2020 – 12 адад, с. 2021 – 9 адад, с. 2022 – 24 адад, с. 2023 – 21 адад[171]. Бешубҳа, иқдомҳои саривақтии мақомоти дахлдорро ҷиҳатиислоҳи ноболиғ, рӯ овардан ба таҳсилу маърифат ва ҳамзамон дур намудан аз кирдорҳои ҷиноятӣ мусбат арзёбӣ намудан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, аз мактабҳои махсуси

[170] Ниг.: Насурдинов Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 184с.
[171] Ниг.: Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Солҳои 2019-2023.

ҷумҳуриявӣ, муассисаҳои махсусгардонидашудаи тарбиявии ноболиғон ва дигар ниҳодҳои марбута даъват ба амал оварда мешавад, ки дар самти тарбияи ноболиғони ҷиноят содирнамуда тадбирҳои таъхирнопазир андешида шавад.

**Сабаб ва шароитҳое, ки ба ҷиноят содир кардани ноболиғ мусоидат намудаанд.** Ба назари С.Э. Баҳриддинзода яке аз сабабҳои содир намудани ҷинояткории ноболиғон ҳаракатҳои ҷавобии ӯ нисбат ба зӯроварӣ дар ҷамъият, оила, атрофиён ва ғ. маҳсуб меёбад, махсусан дар байни ҷинси мард. Дар нишондодҳои оморӣ қайд карда шудааст, ки қисми зиёди ноболиғи ҷиноят содиркардаро ҷинси мард (тақрибан 96-97%) ташкил медиҳад[172].

Дар м.178 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки муфаттиш ҳангоми пешбурди парванда ҳолатҳоеро, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, муқаррар намуда, ҳуқуқ дорад ба ташкилот, муассисаи дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ё шахси мансабдори дахлдор дар бораи андешидани чораҳо барои рафъи ин ҳолатҳо ё дигар қонуншиканиҳо пешниҳод равон кунад. Гузашта аз ин, тибқи м.247 КМҶ ҶТ (масъалаҳое, ки прокурор вобаста ба парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшуда ҳал мекунад) прокурор бояд дар муҳлати ҳафт шабонарӯз парвандаи ҷиноятии бо фикри айбдоркунӣ воридшударо омӯхта, якчанд ҳолатҳоро санҷад, аз ҷумла: оё шароите, ки барои содиршавии ҷиноят мусоидат кардаанд, муайян карда шудаанд ва барои рафъи оқибати онҳо чораҳо андешида шудааст?

Ин иқдоми қонунгузорӣ бозгӯйи он аст, ки ҷиҳати бартараф кардани сабаб ва шароитҳое, ки ба ҷиноят содир кардани ноболиғ мусоидат намудаанд, вазифаи на танҳо муфаттиш, балки вазифаи прокурор ва суд ҳам маҳсуб меёбад.

**Мавҷудияти таҳриккунандагон ва шарикони дигар.** Унсури навбатии предмети исботкунӣ нисбат ба ноболиғон басо муҳим арзёбӣ мешавад. Чунки, барои муфаттиш санҷидани фарзияи ҷой доштани таҳриккунандагон ва шарикони ҷиноят, алалхусус вобаста ба парвандаҳои ноболиғон вазифаи

---

[172] Ниг.: Баҳриддинзода С.Э. Масоили пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон / С.Э. Баҳриддинзода // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – ш. Душанбе, 2015. – С. 109.

аввалиндарача аст. Исбот гардидани ҳолати мазкур, яъне мавҷуд будани ҳолати ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят, инчунин ҷиҳати анҷом додани корҳои пешгирӣ ва профилактикӣ хизмат менамояд.

Амалияи мақомоти тафтишотӣ ва судии ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки дар бисёр мавридҳо ноболиғон бинобар сабаби дур мондан аз таълиму тарбия ё ин ки назорати падару модар, зери таъсири манфии калонсолон қарор гирифта, ниҳоят ҷиноят содир мекунанд. Чун қоида, ҳаракатҳои таҳриккунандагон бо роҳҳои зайл сурат мегирад: таърифкунӣ, маҷбуркунӣ, ҳавасмандгардонӣ, ришвадиҳӣ, ваъдадиҳӣ ва ҳоказо. Чунончӣ, шаҳрванд Қ.А.А. саннаи 13 декабри соли 2022, тахминан соати 20:00 дақиқа бо ҳамроҳии ҳамаслакаш ноболиғ Н.М.Б. маслиҳати дуздӣ намудани молу мулки дар дохили бинои нуқтаи шустушӯӣ воқеъ дар суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Б., ки ба шаҳрванд А.Ф.Ғ. таалуқ дорад, таҳрезӣ намудаанд. Сипас худи ҳамон рӯз тахминан соатҳои 20:30 дақиқа, ӯ ва ҳамаслакаш ноболиғ Н.М.Б. аз рӯйи маслиҳати пешакӣ бо мақсади дуздӣ ба нуқтаи шустушуи дар суроғаи зикргардида ҳозир гардида, аз дохили ҳуҷраи камераҳои назоратӣ як адад оинаи нилгуни тамғаи «Старсат», ки арзишаш 1500 сомониро ташкил медиҳад, тариқи ниҳонӣ тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезананд.

Ҳамин тавр, Қ.А.А. бо ин кирдорҳои қасдонаи худ ҷинояти дар қ.1 м. 165 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷалби ноболиғон барои содир кардани ҷиноят, яъне ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани ҷиноят бо роҳи фиреб, ки аз ҷониби шахси ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида анҷомдодашударо муқаррар мекунад, содир намудааст[173].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари таҳриккунандагон ба сифати шарикони ҷиноят, ташкилкунандагон ва ёрдамчиён низ эътироф мешаванд.

Бо дарназардошти суханони болозикр, манзур намудани ақидаи Х.М. Мирзамонзодаро дар ин хусус бамаврид мешуморем. Номбурда менависад: «ислоҳоти адолати судии ноболиғон дар ҶТ солҳои охир ҳам дар сатҳи сиёсӣ

[173] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №6786/23 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.

ва ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Аммо, бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон то ҳол низоми адолати судии ноболиғон ташаккул наёфтааст. Зимни таҳияи барномаҳои минбаъдаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба ин масъала диққати махсус додан лозим аст[174].

Ҳамин тавр, мо дар заминаи таҳқиқи маҷмуии масъалаи мазкур ба чунин хулосаҳои илмӣ омадем:

1. Дар предмети исботкунӣ на танҳо факти асосӣ, балки ҳолатҳое, ки дар моддаи 85 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, муқаррар кардани онҳо воҷиб аст.

2. Ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот шаванд, дар маҷмуъ як организми мукаммалро ташкил дода, онҳо бо ҳам пайвандии ногусастанӣ доранд ва бо андозаи муайян ҳамдигарро тақвият медиҳанд. Бинобар ин, муқаррар намудани яке аз ин ҳолатҳо ҷиҳати пурратар омӯхтани ҳолатҳои дигари исботшаванда заминаи устувор мегузорад.

3. Пурра ва ҳамаҷониба омӯхтани шахсияти айбдоршаванда, яке аз рисолатҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя (дар ҷараёни тафтишот ва муҳокимаи судӣ) ба шумор меравад. Ба ақидаи мо, дар ин маврид муқаррароти сархати қ.2 м.85 мукаммал нест. Масалан, мувофиқи сархати 3 қ.3 м.293 КМҶ дар протоколи маҷлиси судӣ маълумот дар хусуси шахсияти судшаванда қайд карда мешавад. Аз моддаи мазкур чунин бармеояд, ки дар марҳилаи судӣ низ бояд ҳолатҳое, ки шахсияти судшавандаро муайян менамоянд, мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Аз ин рӯ, мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ба сархати 2 қ.2 м.85 КМҶ ҶТ калимаи гумонбаршуда ва судшаванда ва илова карда шуда, ин сархат бояд «ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро муайян мекунанд» номгузорӣ карда шавад.

## 1.3. Субъектони исботкунӣ ва таснифбандии онҳо дар назария ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[174] Ниг.: Мирзамонзода Х.М. Конституционно правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С. 291.

Проблемаи субъектони исботкунӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ва бунёдии назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар доираи ин зербоб масъалаҳои мубрами субъектони исботкунӣ, бахусус субъектоне, ки исботкунӣ барои онҳо уҳдадорӣ маҳсуб меёбад, мавриди пажуҳиш қарор дода мешавад. Лозим ба зикр аст, ки субъектони исботкунӣ бо моҳияти мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандии ногусастанӣ доранд, зеро фаъолияти субъектҳои исботкунӣ асоси мурофиаи ҷиноятиро ташкил дода, тамоми фаъолияти мурофиаи чиноятиро ҷиҳати тафтиш, баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоранд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки КМҶ амалкунанда як қатор навгониҳоро дар падидаҳои фаъолияти мурофиавии исботкунӣ, аз ҷумла дар бахши субъектони исботкунӣ ба миён гузошт. Чунончӣ, пайдо шудани иштирокчии нави мурофиаи ҷиноятӣ дар симои айбдоркунандаи хусусӣ, васеъ гардидани салоҳияти ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ, хусусан ҳангоми ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани далелҳо, афзун гаштани меъёрҳои диспозитивӣ, ки аз баробарҳуқуқии тарафҳо (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дарак медиҳад ва ғ. Дар ин замина, ба ақидаи мо, дар баробари қабул гардидани КМҶ нав аз 3 декабри соли 2009, омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ тақозои замон дониста мешавад.

Агар ба адабиёти ҳуқуқӣ дар хусуси мафҳуми «иштирокчӣ» ва «субъект» муроҷиат намоем, маълум мегардад, ки субъект нисбат ба иштирокчӣ мафҳуми васеътару паҳновар арзёбӣ мегардад. Яъне, субъект - шахсест, ки лоақал ҳуқуқ ё уҳдадории мурофиавиро доро буда, бо дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ бо ташаббуси худ ё бо талаби қонун дар муносибати мурофиавӣ-ҷиноятӣ қарор дорад. Иштирокчӣ – субъекте мебошад, ки ҳуқуқ ё уҳдориии худро дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ менамояд[175].

Бояд тазаккур дод, ки КМҶ-и амалкунандаи ҶТ ибораи «субъектони исботкуниро» пешбинӣ накарда, танҳо ишора ба боби 2 КМҶ ҶТ

[175] Ниг.: Рыжаков А.П. Уголовный процесс: учебник для вузов. – 3-е изд. исп. и доп. – М.: Издательство Норма, 2004. – С. 54.

«Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» намудааст. Ба назари мо, мавқеи қонунгузориро дар ин маврид дарк кардан мумкин аст, чунки аз рӯйи нишонаҳо ва функсияҳои анҷомдиҳандаи ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ субъектони исботкунӣ муайян карда мешаванд. Дар ҳошияи суханони зикршуда, м.20 КМҶ ҶТ манзур намудан бамаврид аст. Бино ба м.20-и КМҶ ҶТ мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд.

Аз моддаи мазкури КМҶ ҶТ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки вазифаҳои субъектони марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ мушаххас тақсим шудаанд. Ба ибораи дигар, суд – ҳамчун субъекти бетараф, адолати судиро ба амал мебарорад, прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ) функсияи айбдоркунӣ ва ниҳоят ҳимоятгар бошад, функсияи ҳимояро ба амал мебароранд.

Бо вуҷуди ин, ба назари мо, дар самти падидаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мушкилии назаррас ҷой дорад. Модоме, ки КМҶ ҶТ тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ба чор гурӯҳ: 1) Суд; 2) Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки таъқиботи ҷиноятиро анҷом медиҳанд; 3) иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд; 4) иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷудо намуда бошад, пас судя ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба кадом аз гурӯҳҳо шомил аст?

Ба ақидаи мо, дар ҳошияи саволи мазкур, саволи дигар гузоштан бамаврид аст, яъне агар КМҶ ҶТ ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро аз рӯйи функсияҳои онҳо ҷудо карда бошад, судро аз рӯйи кадом функсия ҷудо намудааст?

Мавриди зикр аст, ки айни замон боби 4 КМҶ ҶТ «Суд» номгузорӣ шуда, дар доираи ин боб сухан атрофи масъалаҳои салоҳият, ҳайати судӣ, тартиби гирифтани иҷозати суд ва ғ. меравад. Ба андешаи мо, бо мақсади рафъ намудани мушкилотҳои ҷойдошта, инчунин мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст боби 4 КМҶ таҷдиди назар карда шуда, чунин номгузорӣ карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳанд». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ин боб ишора намуд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки бархе аз олимон иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро аз нигоҳи КМҶ ФР ва нақши онҳо дар раванди исботкунӣ ба маънои васеъ муайян намудаанд. Чунончӣ, Н.П. Кузнетсов шартан ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба 5 гуруҳ тақсим намудааст:

1) мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди он ваколатдор шудаанд: суд, судя, прокурор, муфаттиш, сардори шуъбаи тафтишот, мақомоти таҳқиқ ва шахсе, ки таҳқиқро ба амал мебарорад;

2) иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки шахсан ба натиҷаи парванда манфиатдор мебошанд: айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ;

3) шахсоне, ки манфиатҳои дигар субъектҳоро намояндагӣ мекунанд: ҳимоятгарони гумонбаршуда ва айбдоршаванда, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ;

4) намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ: айбдоркунандаҳои ҷамъиятӣ ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ;

5) шахсоне, ки ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар татбиқи пешбурди судӣ ёрӣ мерасонанд: шоҳидон, коршиносон, мутахассисон, холисон, тарҷумонҳо ва ғ.[176].

---

[176] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М.: Воронеж, 1998. – С. 190.

Иштирокчиёни манзурнамудаи мавсуф дар маҷмуъ қобили қабул аст, аммо, чанд ҷузъиётҳои он барои КМҶ ҶТ бегона аст. Зеро, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ иштирокчиёни мурофиа дар симои айбдоркунандаҳои ҷамъиятӣ ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ вуҷуд надоранд.

Тавре қаблан ишора гардид, субъектони исботкунӣ объекти таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони афзуни назарияи мурофиаи ҷиноятӣ қарор гирифта, нисбати ин падидаи муҳим ибрози назар намудаанд. Чунончӣ, ба ақидаи олими забардасти шуравӣ И.Л. Петрухин «Субъектони исботкунӣ – ин мақомот ва шахсоне маҳсуб меёбанд, ки дар рафти исботкунӣ на фаъолияти якдафъаина ё лаҳзавӣ, балки фаъолияти доимиро (ҳаддалимкон дар доираи як давраи мурофиа) анҷом медиҳанд. Ҳамзамон, номбурда аломатҳои асосии субъектони исботкуниро ҷудо менамояд: 1) иштироки доимӣ дар раванди исботкунӣ; 2) масъулияти ба амал баровардани исботкунӣ (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо); 3) ҳуқуқи иштироки фаъолона ва дарозмуддат дар раванди исботкунӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои худ ё намояндагии бо қонун ҳифзшаванда.

Субъектони боқимонда, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ мебошанд, фаъолияти ёрирасон ё лаҳзавӣ доранд ва ҳамчунин манфиати мурофиавии худро пешбарӣ карда наметавонанд. Маҳз аз рӯйи ҳамин нишона ин қабил субъектонро мавсуф ба гуруҳи субъектоне, ки фаъолияти мурофиавии исботкуниро анҷом медиҳанд, ворид намекунад. Дар заминаи аломатҳои болозикр И.Л. Петрухин субъектони исботкуниро чунин муайян намудааст: аз як тараф, мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд, аз тарафи дигар, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, ҳимоятгар, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва намояндаи ҷавобгари гражданӣ. Субъектони дигар бошанд, ба фаъолияти исботкунӣ сафарбар карда мешаванду вале, субъектони исботкунӣ маҳсуб

намеёбанд[177]. Бархе аз олимони ватанӣ низ ба ҳамин рӯйкард роҷеъ ба субъектони исботкунӣ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд[178].

Қобили зикр аст, ки ақидаи пешниҳодкардаи И.Л. Петрухин дар хусуси субъектони исботкунӣ то кунун ҷонибдорони худро доранд ва дар асоси ин қолаб нуқтаи назари хешро сайқал медиҳанд. Бо вуҷуди ин, олимоне ҳастанд, ки ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ немекунанд. Масалан, ба ақидаи О.В. Левченко иштироки доимии субъект ҷанбае нест, ки ӯро ба субъектони исботкунӣ дохил намуд. Муҳим он аст, ки масъулияти исботкуниро ба зимма дорад ё на?[179].

Ба андешаи Т.Ю. Денисова ва А.А. Шамардина барои дақиқ муайян кардани субъектони исботкунӣ бо дарназардошти вусъат ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо ва хусусияти диспозитивӣ пайдо кардани мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳамчунин барои иҷро гардидани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ), субъектон (иштирокчиён) бояд ба гурӯҳҳо ҷудо карда шаванд:

– субъектони мурофиаи ҷиноятии исботкунӣ аз тарафи айбдоркунӣ – прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот, таҳқиқбаранда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва намояндагони онҳо;

– субъектони мурофиаи ҷиноятии исботкунӣ аз тарафи ҳимоя – гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҳимоятгарони онҳо ё намояндагони қонунии онҳо, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи ӯ;

– суд ҳамчун мақомоти ба амал бароварандаи адолати судӣ ва моҳиятан баррасӣ кардани парванда[180].

---

177 Ниг.: Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – М., 1973. – С. 495.

178 Ниг. : Мурофиаи ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 162.

179 Ниг.: Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 85-86.

180 Ниг.: Денисова Т.Ю., Шамардин А.А. Некоторые теоретические проблемы определения перечня и классификации субъектов доказывания по новому уголовно-процессуальному законодательству РФ / Т.Ю. Денисова, А.А. Шамардин // Пятьдесят лет кафедре уголовного процесса УрГЮА (СЮИ): материалы Международной научно-практической конференции. – г. Екатеринбург, 27-28 января 2005. – С. 246-249.

Ба ақидаи олими ватанӣ П.С. Абдуллоев субъектони исботкуниро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки вазифаи ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳоро доро мебошанд;

2. Шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар исботи ҳолатҳои муайянро доранд.

Олими зикрёфта, ба гурӯҳи аввал суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбарандаро ворид менамояд, ки ваколатҳои мурофиавиро ҷиҳати ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳо дороанд. Ба гурӯҳи дуюм, айбдоршаванда, намояндаи қонунии ӯ ва ҳимоятгарро шомил менамояд[181].

В.Л. Будников бошад, субъектони исботкуниро дар асоси нишонаҳои зерин муайян намудааст:

– бевосита яке аз функсияҳои мурофиавиро анҷом медиҳад (айбдоркунӣ, ҳимоя, моҳиятан парвандаи ҷиноятиро ҳаллу фасл менамояд);

– дар рафти исботкунӣ имконияти иштироки мустақилро доро мебошанд;

– ҷиҳати пурра ва ҳамаҷониба анҷом додани функсияи мурофиавиашон ваколатдор шудаанд[182].

Яке аз муҳаққиқони шинохтаи замони муосир О.В. Левченко бар он андеша аст, ки барои дақиқ кардани субъектони исботкунӣ, онҳо бояд таснифбандӣ карда шаванд. Номбурда субъектони исботкуниро ба ду гурӯҳ чудо менамояд: ба маънои васеъ ба ҳайси субъекти исботкунӣ ҳамаи иштирокчиёни мурофиа баромад мекунад, ки қонунгузор онҳоро ба тарафи айбдоркунӣ ё ба тарафи ҳимоя мансуб донистааст[183]. Онҳо дар раванди фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ бо якдигар дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ қарор дошта, уҳдадории исботкуниро ба зимма доранд. Ҳамчунин, нуқтаи назари дигар ҷой дорад, ки тибқи он субъектони исботкуниро ба маънои маҳдуд мефаҳманд. Ин гурӯҳ танҳо он субъектонеро фаро мегирад, ки

[181] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 129.

[182] Ниг.: Будников В.Л. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве / В.Л. Будников // Российская юстиция. – 2008. – №5. – С. 25.

[183] Ниг.: Левченко О.В. Система средств доказывания по уголовным делам. – Астрахань, 2003. – С. 85.

мувофиқи қонун ваколатдоранд, ҳолатҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ, ки бояд исбот карда шаванд, муайян кунанд. Ҳамчунин ҷиҳати муқаррар кардани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ манфиати ҳуқуқӣ доранд. Ба ҳайси ин гуна субъектон дохил мешаванд: суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, айбдоркунандаи хусусӣ[184].

Бояд зикр намуд, ки қисман ба ин андеша монандро, С.М. Каз иброз намудааст: бидуни баррасӣ гардидани шахсоне, ки ба ҳайси субъектони фаъолияти мурофиавӣ иштирок менамоянд ва хусусияти (характери) функсияи иҷро мекардаи онҳо, муайян кардани доираи субъектони исботкунӣ ғайриимкон аст[185]. Ҳамин тариқ, номбурда, хусусияти функсияҳои субъектони мурофиавиро ба назари эътибор гирифта, субъектони исботкуниро чунин муайян намудааст: суд, прокурор, муфаттиш, шахси анҷомдиҳандаи таҳқиқ (таҳқиқбаранда), гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо, аз ҷумла намояндагони қонунӣ, айбдоркунандаҳо ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ.

Ба ақидаи мо, мавқеи муҳаққиқи мазкур чандон қобили қабул нест. Зеро, иштирокчиёни зикрёфта, дар раванди исботкунӣ иштирок менамоянд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ менамоянд. Яъне, дар шакли умумӣ, субъектҳои исботкуниро шахсони иштироккунандаи ин раванд номидан мумкин аст. Аммо, чунин мафҳум оид ба нақши онҳо дар муқаррар кардани ҳақиқат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо дар ҷодаи кор бо далелҳо норавшан аст.

Бешубҳа, бо дарназардошти мавҷуд будани ақидаҳои афзун дар адабиёти ҳуқуқӣ рӯйкардҳои мухталифи муайян намудани субъектони исботкунӣ аз ҷониби олимон манзур шудааст. Дар ҳар сурат, ақидаҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунанда кам нестанд. Чунончӣ, А.Р. Белкин масъалаи субъектони исбокуниро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, изҳор медорад, ки ба

[184] Ниг.: Левченко О.В. Система средств доказывания по уголовным делам. – Астрахань, 2003. – С. 88.
[185] Ниг.: Каз Ц.М. Субъекты доказывания в советском уголовном процессе (государственные органы). – Саратов, 1968. – С. 26.

субъектони исботкунӣ бояд муфаттиш, прокурор, таҳқиқбаранда ва сардори шуъбаи тафтишот, инчунин суд дохил карда шаванд[186]. Қобили зикр аст, ки олими зикршуда зимни омӯзиши ин масъала судро ба субъектони исботкунӣ ворид намудааст. Аммо, бо мурури замон бо дарназардошти такмил ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо ва коҳиш ёфтани нақши суд дар муқаррар намудани ҳақиқат мавсуф фикру ақидаи худро дар хусуси субъектони исботкунӣ тағйир дода, судро ба субъекти исботкунӣ дохил намекунад.

Ҳамин тариқ, А.Р. Белкин дар асоси мавқеи дигари худ субъектони исботкуниро ба 2 гурӯҳ ҷудо менамояд: 1) шахсоне, ки исботкунӣ барои онҳо уҳдадорӣ аст (ё худ мувофиқи қонун ваколатдор ҳастанд); 2) шахсоне, ки исботкунӣ барои онҳо на уҳдадорӣ, балки ҳуқуқ аст[187].

Ба гурӯҳи якум, прокурор, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ва таҳқиқбаранда; ба гурӯҳи дуюм, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо, ҳимоятгар, намояндагони муассиса ва ташкилотҳои вобаста ба корҳои ноболиғон.

Тавре ки мушоҳида мегардад, гурӯҳи якуми субъектони исбокуниро мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ташкил медиҳанд, ки салоҳияти оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва анҷом додани таъқиботи ҷиноятиро ба роҳ мемонанд. Чун қоида, ба гурӯҳи дуюм субъектоне дохил мешаванд, ки ба натиҷаи парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор ҳастанд: гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо. Субъектони зикршуда, мувофиқи КМҶ ҳуқуқ доранд, ки ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар предметҳоро ҳамчун далел ҷамъоварӣ ва пешниҳод намоянд[188].

Дар баробари ҷолиб будани ақидаи А.Р. Белкин дар хусуси субъектони исботкунӣ, ба андешаи мо, ҷанбаи баҳсноки он баръало ба мушоҳида мерасад.

---

[186] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания. – М., 1999. – С. 24.
[187] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: Норма, 2005. – С. 19.
[188] Ниг.: Авилов А.В. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – С. 29.

Манзури мо, албатта ин шомил накардани суд ҳамчун субъекти исботкунӣ аст. Мо бо ин ақида розӣ шуда наметавонем, зеро суд субъекти исботкунӣ аст ва ба назари мо, бо дарназардошти афзоиши меъёрҳои диспозитивӣ дар қонунгузории мурофиавӣ ин ҳолат тағйир нахоҳад ёфт.

Ҳамин тавр, субъектони исботкунӣ иштирокчиёне маҳсуб меёбанд, ки дар фаъолияти онҳо яке аз унсурҳои исботкунӣ (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳо додани далелҳо) инъикос мегардад. Ҳамчунин, ба андешаи мо, эродҳои бархе аз олимон дар хусуси субъектони исботкунӣ қобили қабул аст. Чунончӣ, тафовут гузоштан миёни субъектони исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ. Ба назари мо, тафриқа гузоштан миёни субъекти исботкунӣ ва субъектони ба мақсад мувофиқ аст ва дар ин хусус А.В. Авилов бамаврид қайд менамояд, ки субъектони исботкунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие мебошанд, ки ба натиҷаи парванда манфиатдоранд. Ба чунин субъектон мавсуф гумонбаршуда, айбдоршаванда, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро шомил менамояд, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи ҷамъ овардан, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашёҳоро ҳамчун далел доро мебошанд[189].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчунин ақидаҳое ҷой доранд, ки коршинос (эксперт) ва корманди оперативиро ҳамчун субъекти исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ қабул менамоянд. Чунончӣ, ба қавли А.Р. Белкин амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дарвоқеъ масъалаи эътирофи коршинос (эксперт) ва корманди оперативиро ҳамчун субъекти исботкунӣ ба миён гузоштааст. Муҳаққиқи номбурда ҳамчунин изҳор менамояд, ки коршинос на танҳо далелҳоро дар рафти тафтиши пешакӣ ва судӣ меомӯзад, балки баъзан маҷбур мешавад, ки онҳоро ҷамъоварӣ кунад. Масалан, ҳангоми кор бо микрообъектҳо, инчунин ҳангоми гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ дар пешбурди экспертизаҳои трасологӣ, баллистикӣ ва дигар

[189] Ниг.: Авилов А.В. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – С. 32.

экспертизаҳо[190]. Бешубҳа, ақидаи манзуршуда аз ҷониби аксарият олимону муҳаққиқон мавриди интиқод қарор дода шуд. Аз ҷумла, А. Петрухина қайд менамояд, ки дар сурати ҷамъ овардани далел аз ҷониби коршинос хулосаи ӯ эътибори ҳуқуқиро аз даст дода, асос барои рад кардани ӯ ба миён меояд[191].

Ба назари мо, эроди манзуршуда дар ин маврид воқеан ҷой дорад. Зеро, дар сархати 3 қ.2 м.18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» пешбинӣ шудааст, ки коршинос ҳуқуқ надорад, ки ҷиҳати гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ мустақилона мавод ҷамъ намояд[192].

Дар муқоиса бо субъектони исботкунӣ, КМҶ ҶТ ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ вобаста ба салоҳияти мурофиашон ваколатҳои ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо мансуб донистааст. Мутобиқи КМҶ ҶТ ба субъектони уҳдадории исботкунӣ муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ, прокурор ва суд шомил мебошанд. Табиист, ки қонунгузор ба онҳо масъулияти ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии

далелҳоро вогузор кардааст. КМҶ ин гуна иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ишора мекунад, ки раванди исботкунӣ барои онҳо на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадории онҳо низ мебошад, зеро рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ташаккули хулосаҳои ниҳоӣ аз рӯйи натиҷаҳои ҷамъоварӣ, тафтиш ва таҳқиқи ҳама гуна маълумотҳои воқеӣ ҷиҳати мукаррар намудани ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, аз қарори мурофиавии онҳо вобаста аст[193].

Гарчанде ки дар муқарраротҳои ҷудогонаи КМҶ ҶТ ибораи «субъектони уҳдадории исботкунӣ» ҷой надошта бошад ҳам, аз мазмуни бархе моддаҳо аён мегардад, ки дар асл КМҶ ҶТ субъектони уҳдадории исботкуниро ғайримустақим ишора намудааст. Масалан, дар м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ

[190] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания. – М., 1999. – С. 26-27.
[191] Ниг.: Петрухина А. Ответственность эксперта в уголовном процессе / А. Петрухина // Законность. – 2004. – №12. – С. 38.
[192] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июли соли 2005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/102_tj.pdf (санаи муроҷиат: 08.01.22).
[193] Ниг.: Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.И. Радченко. – М., 2003. – С. 26.

шудааст, ки уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад. Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд. Тавре мебинем КМҶ ҶТ вожаи айбдоркунандаро ишора намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Ба ин маънӣ, метавонанд, айбдоркунандаи давлатӣ, айбдоркунандаи хусусӣ ё ин ки айбдоркунандаи ҷамъиятӣ бошад, ганчанде ки чунин иштирокчӣ дар КМҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст.

Чун қоида, моддаи мазкури КМҶ бозгӯйи он аст, ки уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вогузор карда шудааст. Бо вуҷуди ин, агар ба боби 5 КМҶ ҶТ назар кунем, ҳамчунин дар ин ҷо ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, намояндагони ҷабрдида, даъвогари граждани ва айбдоркунандаи хусусӣ ишора гардидаанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ хуб мешуд, ки агар ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», айбдоркунандаи хусусӣ ва айбдоркунандаи давлатӣ ворид карда шавад. Яъне, қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ ва айбдоркунандаи давлатӣ гузошта мешавад». Гузашта аз ин, моддаи зикршуда дигар ҷанбаҳои ҳуқуқиро низ фаро гирифтааст. Уҳдадор набудан, маънои онро надорад, ки айбдоршаванда исбот карда наметавонад. Агар ин тавр бошад, аз ин муқаррарот чунин бармеояд, ки ба айбдоршаванда ҳуқуқ дода шудааст, ки ин ё он ҳолатро исбот кунад.

Дар ҳар сурат, мо яқин гуфта метавонем, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда на субъекти уҳдадории исботкунӣ, балки субъектони исботкунӣ маҳсуб меёбанд. Ба андешаи мо, КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон масъалаи субъектони уҳдадории исбот ва субъектоне, ки исботкунӣ барои онҳо ҳуқуқ аст возеҳу равшан ва ҳамзамон бидуни духурагӣ манзур намудааст.

Мутобиқи м.86 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолияти мурофиавии исботкуниро таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд анҷом медиҳанд.

Ҳуқуқи иштирок карданро дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, айбдоркунандаи ҷамъиятӣ, ҳимоятгари ҷамъиятӣ, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо доро мебошанд. Ҳамзамон, ҷиҳати иштирок дар рафти исботкунӣ, шоҳидон, коршиносон, мутахассисон, тарҷумонҳо, шахсони холис, ҳамчунин шаҳрвандони дигар ҷалб карда мешаванд[194].

**Суд ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ.** Судя – ин суханронии қонун аст, чунин тавсиф додааст, файласуфи Юнони Қадим Ситсерон. Дар ҳақиқат суд, ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷараёни исботкунӣ нақши бориз дорад.

Аммо, тавре ки дар боло иброз намуда будем, тамоюли тағйир ёфтани нақш ва салоҳияти мурофиавии суд дар ҳуқуқи исботкунӣ баръало ба назар мерасад. Ин ҳам бошад, дар асоси вусъат ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, ҳамчунин ворид шидани баъзе меъёрҳои нав ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сурат гирифта истодааст. Бешубҳа, ин тамоюл аллакай дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ оқибатҳои гуногуни ҳуқуқиро ба миён овардааст ва «кор» ҳатто то ба ҷое расидааст, ки масъалаи субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ будан ё набудани суд зери шубҳа қарор гирифтааст.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ва мавриди омӯзиш қарор додани монографияҳо ва мақолаҳои гуногуни илмӣ, мо мавқеи олимонро дар бобати мақом ва манзалати суд дар раванди исботкунӣ шартан ба 3 гурӯҳ ҷудо менамоем:

1) олимоне, ки фаъол будани судро дар раванди исботкунии мурофиавӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Яъне, суд салоҳияти ба роҳ мондани унсурҳои исботкуниро (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳо додани далелҳоро) доро мебошад;

---

[194] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2013-XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (санаи муроҷиат: 12.02.21).

2) олимоне, ки қисман фаъол будани судро ҷонибдорӣ менамоянд. Моҳияти ақидаи олимони гурӯҳи дуюм дар он ифода меёбад, ки суд уҳдадор нест, далелҳоро ҷамъоварӣ ва тафтиш намояд;

3) олимоне, ки ғайри фаъол будани судро дар ҷараёни исботкунӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Яъне, суд на танҳо уҳдадор нест, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва тафтиш намояд, балки ҳуқуқ надорад, ки ин амали мурофиавиро анҷом диҳад.

Аз ҳамин хотир, мо зарур мешуморем, ки ақидаи олимону муҳаққиқонро марбут ба ин масъала манзур намоем.

Гурӯҳи якум. Мурофиачии варзида М.С. Строгович ба сифати яке аз унсурҳои принсипи мубоҳисавӣ фаъол будани судро нисбат ба тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя мебинад[195]. Ба андешаи Л.Д. Кокарев дар муқаррар кардани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ нақши суд ба ҳеҷ ваҷҳ набояд коҳиш ёбад, вагарна ҳақиқат дар муҳокимаи судӣ пойдор намегардад[196].

«Фаъол будани суд дар ҷараёни исботкунӣ аз оммавӣ будани нақши суд дарак медиҳад. Аз ин ҷост, суд ҳуқуқ пайдо менамояд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд. Ин зоҳиршавии фаъолии суд пеш аз ҳама, баҳри таъмини мубоҳисаи адолатнок равона мегардад» чунин мешуморад, А.В. Смирнов. Номбурда мурофиаи судии мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятиро бо аломатҳои зерин тавсиф менамояд:

1) ҳузури ду тарафи ба ҳам мухолиф: айбдоркунӣ ва ҳимоя;

2) баробарии мурофиавӣ ё баробарии тарафҳо;

3) мавҷуд будани суди мустақил аз тарафҳо[197].

Дар баробари ин, муҳаққиқони дигарро низ мисол овардан мумкин аст, ки ҷонибдори фаъол будани суд дар раванди исботкунии мурофиавӣ буда, судро ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ мепазиранд[198].

---

[195] Ниг.: Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. – С. 150-151.
[196] Ниг.: Кокарев Л.Д. Судебная реформа: идеи и реальность / Л.Д. Кокарев // Юрид. Зап. – 1994. – №1. – С. 10.
[197] Ниг.: Смирнов А.В. Состязательный процесс. – СПб.: Изд-во «Альфа», 2001. – С. 18.
[198] Ниг.: Кореневский Ю. Нужна ли суду истина? / Ю. Кореневский // Рос. юстиция. – 1994. – №5. – С. 20-22; Воскресенский Д., Кореневский Ю. Состязательсность в уголовном процессе / Д. Воскресенский, Ю. Кореневский // Законность. – 1995. – №7. – С. 56; Джатиев В. Обвинение и защита / В. Джатиев // Рос. юстиция.

Мавриди зикри хос аст, ки солҳои охир ин гурӯҳ олимон, яъне олимоне, ки фаъол будани судро дар раванди исботкунӣ ҷонибдорӣ менамоянд, коҳиш ёфта истодааст.

Гурӯҳи дуюм. Ҷонибдорони гурӯҳи дуюм ва сеюм вақтҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳода истодаанд. А.Р. Белкин роҷеъ ба нақши суд дар раванди исботкунӣ чунин менависад: «Бояд иқрор шуд, ки мавриди амал қарор гирифтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо уҳдадории исботкунии судро ба ҳуқуқи исботкунии суд табдил дод»[199].

Гурӯҳи сеюм. Бо дарназардошти тағйир ёфтани вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (мувофиқи КМҶ амалкунандаи ФР таъиноти мурофиаи судии ҷиноятӣ ном бурда мешавад) В.С. Щадрин чунин меҳисобад: «Дар шароити имрӯза ба зиммаи суд гузоштани уҳдадории муқаррар кардани ҳамаи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, ҷамъ овардани далелҳои сафедкунанда ва айбдоркунанда ва муқаррар кардани ҳақиқат, ки чун қоида вазифаи мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ пазируфта мешавад, бархилофи принсипи мубоҳисавӣ ва баробари тарафҳо мебошад»[200].

Хулосаи ба ин шабеҳро С.А. Тумашов менамояд: «ба зиммаи суд гузоштани уҳдадории ҷамъ овардани далелҳо бархилофи принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо арзёбӣ мешавад. Уҳдадории ҷамъ овардани далелҳо бояд ба тарафҳо (тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя) вогузор карда шавад. Вазифаи асосии суд бошад, ин дар асоси принсипи мубоҳисавӣ ҳаллу фасл намудани парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад»[201]. С.Б. Ромазин дар робита ба ин масъала меафзояд, ки суд наметавонад бо ташаббуси бевоситаи худ далелҳоро ҷамъоварӣ намояд, чунки дар ин сурат, суд ба мавқеи яке аз

– 1995. – №3. – С. 18; Ковтун Н.И. Состязательность и поиск истины (О роли и месте суда в доказывании по уголовному делу) / Н.И. Ковтун // Рос. юстиция. – 1997. – №7. – С. 11-12; Жидков В.И., Аширбекова М.Т. О публично-правовой природе активности суда в уголовном процессе / В.И. Жидков, М.Т. Аширбекова // Российский судья. – 2004. – №9. – С. 36-39.

[199] Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М., 2005. – С. 58.

[200] Щадрин В.С. Современные проблемы истины и её установление в уголовном процессе / В.С. Щадрин // Современные проблемы уголовно-процессуального доказывания. – Волгоград, 2000. – С. 15.

[201] Тумашов С.А. Принцип состязательности сторон и его роль в обеспечении прав участников уголовного судопроизводства / Обеспечение прав и свобод личности в уголовном судопроизводстве. – Волгоград, 2003. – С. 73-74.

тарафҳо гузашта, дар натиҷа ба иштибоҳҳои гуногуни мурофиавӣ оварда мерасонад[202].

Ба андешаи мо, аз як тараф, бо дарназардошти такмил ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо мақоми суд дар раванди исбот кардани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, муқаррар кардани ҳақиқат коҳиш ёфтааст. Аз тарафи дигар, КМҶ ҶТ то кунун судро чун субъекти уҳдадории исботкунӣ эътироф менамояд ва ин муқаррарот дар м.86 КМҶ ҶТ ғайримустақим (яъне, бевосита ишора накардааст) пешбинӣ шудааст. Гузашта аз ин, судя ҳуқуқ надорад бо ташаббуси худ баҳри исбот кардани гунаҳгории судшаванда дар содир намудани ҷиноят тадбирҳо андешад[203].

Мутобиқи моддаҳои 86-88 КМҶ ҶТ суд ҳуқуқ дорад, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд. Ё ин ки, тибқи м. 323 КМҶ ҶТ суд, судя зарурати азназаргузаронии ягон бино ё маҳалро эътироф намуда, онро бо иштироки тарафҳо аз назар мегузаронанд. Суханони зикршуда, далолати онанд, ки суд дар муқаррар намудани ҳақиқат ва исбот гардидани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта нақши муассир доштааст.

Ҳамин тавр, мавқеи мо дар он зоҳир мегардад, ки суд ҳамчун субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ дар раванди исботкунӣ набояд фаъолу ташаббускор ба роҳ монда шавад. Зеро рисолати асосии суд дар ҳаллу фасли парванда ҷиноятӣ ва баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок ва адолатнок ифода мегардад.

**Прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳамчун субъектони уҳдадории исботкунӣ.**

Вазъи ҳуқуқии прокурор дар раванди исботкунӣ нисбати дигар субъектони уҳдадории исботкунӣ дар тули солҳои охир бетағйир боқӣ мондааст, хусусан дар қонунгузории мурофиавии ҶТ. Бо мақсади дақиқ

[202] Ниг.: Проблемы реформы уголовно-процессуального законодательства в проектах УПК РФ. – М., 1994. – С. 6.

[203] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» аз 23 декабри соли 2011.

муайян кардани ваколатҳои прокурор дар раванди исботкунӣ ва қонунгузории амалкунанда бояд вазъи ҳуқуқии прокурор дар заминаи таърихӣ омӯхта шавад.

Қобили зикр аст, ки Асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар мушаххас инъикос намудани салоҳияти прокурор дар раванди исботкунӣ нақши бориз гузоштааст[204]. Сониян дар заминаи КМҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 салоҳияти прокурор дар анҷом додани амалҳои мурофиавӣ паҳновар гардид[205]. Ин ҳуҷҷати таърихӣ ваколатҳои прокурорро оид ба ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо тақвият бахшида, зарурати гирифтани иҷозат барои ёфта гирифтани ҳуҷҷатҳо, боздошти муросилоти почтаю телеграф ва дар муассисаи бемориҳои руҳӣ ҷойгир кардани гумонбаршуда ё айбдоршавандае, ки дар ҳабс қарор надорад ва ғ. пешбинӣ карда буд.

В.П. Резепов прокурорро ҳамчун субъекти исботкунӣ ишора намуда, изҳор менамояд, ки дар мурофиаи ҷиноятии шуравӣ прокурор дар рафти тафтиши пешакӣ вазифадор буд, ки дар исботи гуноҳи шахси содиркардаи ин кирдор, инчунин дар муқаррар намудани бегунохии шахсе, ки ғайриконунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, фаъолона иштирок намояд[206]. Ҳамин тавр, маҷмуи ваколатҳои прокурор ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ тамоми ваколатҳои муфаттиш ва таҳқиқбарандаро оид ба ҷамъоварии далелҳо дар бар мегирифт. Илова бар ин, дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ прокурор метавонист ба таври гайримустақим дар ҷараёни исботкунӣ иштирок карда, оид ба ҷамъоварии далелҳо дастурҳои дахлдор диҳад. Алҳол, низ ин тартиби мурофиавӣ ва ваколати прокурор дар ин самт аз байн нарафтааст.

---

[204] Закон СССР от 25.12.1958 «Об утверждении Основ уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ http //www.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc (санаи муроҷиат: 28.09.2021).

[205] Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР (с изменениями и дополнениями на 1 января 1988 г.). – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 296 с.

[206] Ниг.: Резепов В.П. Субъекты доказывания в советском уголовном процессе / В.П. Резепов // Вопросы государства и права. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1958. – С. 110-123.

М.С. Ғозиев қайд менамояд, ки дар ҶТ барои дар амал татбиқ шудани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо се омил монеа эҷод менамоянд: 1) на дар ҳама категорияҳои парвандаҳои ҷиноятӣ прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ иштирок менамояд; 2) дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ягон асоси мубоҳисавӣ вуҷуд надорад; 3) прокуроре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ назорати прокурориро амалӣ менамояд, нисбат ба тарафи ҳимоя афзалият дорад, яъне тарафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ нобаробар мебошанд[207].

Ба назари мо, дар заминаи таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ҳамчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи муқарраротҳои ҷудогонаи КМҶ ҶТ дар ҷараёни исботкунӣ имкониятҳои прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ва тарафи ҳимоя ба ҳеҷ ваҷҳ баробар нестанд. Яъне, аз мавқеи КМҶ ҶТ маълум мегардад, ки салоҳияти мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ нисбат ба тарафи ҳимоя афзалият дорад. Аз ҳамин лиҳоз, нақши онҳо дар муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бағоят калон арзёбӣ мешавад. Чунончӣ, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд дар бораи ҳама гуна ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда аризаю иттилоотро қабул ва баррасӣ намоянд (қ.1 м.145 КМҶ ҶТ). Моддаи мазкур, ифодакунандаи он аст, ки танҳо субъектони ишорагардида ариза ё иттиллот дар бораи ҷиноятро ба қайд мегиранд.

Лозим ба зикр аст, ки дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, дар хусуси оне ки прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда субъекти уҳдадории исботкунӣ ҷойи шаку шубҳа нест, зеро ақидаи олимону муҳаққиқон дар робита ба ин масъала ягона ва умумиэътирофшуда арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, м. 86, 87 ва 88 КМҶ ҶТ онҳоро салоҳиятдор намудааст, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намоянд. Ин ҳам бошад, тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, муқоиса намудани онҳо бо дигар далелҳои мавҷуда, ҳамчунин манбаъҳои ба даст овардашудаи ин далелҳо анҷом дода мешавад.

[207] Ниг.: Ғозиев М.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе, 2009. – С. 33.

Дарвоқеъ, тахассус ва таҷрибаи тафтишотии прокурор ба ӯ имкон медиҳад, ки бевосита дар тафтишоти пешакӣ иштироки фаъолона намояд. Одатан, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ иштироки фаъоли прокурор дар раванди тафтишоти пешакӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҷиноятҳое, ки боиси таваҷҷуҳи назарраси аҳли ҷомеа гардидаанд, баръало мушоҳида мешавад. Яъне, ташаббуси исботнамоии ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиядоштаро ба дасти худ гирифта, амалҳои тафтишӣ ва мурофиавиро мустақилона анҷом медиҳад.

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии ҶТ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят, ки оқибат ба марг оварда мерасонад, аз қабили, одамкушӣ дар бештари маврид прокурор мустақилона ҷойи ҳодисаро азназаргузаронӣ намуда, пешбурди минбаъдаи парвандаи ҷиноятиро ба зиммаи худ мегирад. Ҳол он ки КМҶ ҶТ мушаххас накардааст, ки дар кадом маврид прокурор метавонад, мустақилона амалҳои тафтиширо ба амал бароварда, нисбати он қарор қабул намояд. Бо вуҷуди ин, дар сархати 6 м.168 КМҶ ҶТ омадааст, ки прокурор дар пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ шахсан амали тафтиширо анҷом медиҳад, оид ба ҳар як парванда дар ҳаҷми пурра тафтиши ҳамаҷонибаи пешакӣ мегузаронад.

Таҳлили ваколатҳои асосии прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар м. 37-и КМҶ ФР пешбинӣ шудааст, нишон медиҳад, ки ин субъекти уҳдадории исботкунӣ минбаъд дар рафти исботкунӣ зимни тафтишотӣ пешакӣ бевосита иштирок намуда наметавонад. Воқеан, бо дарназардошти ташкил шудани Кумитаи тафтишотӣ (СК) дар ФР мавқеи мурофиавии прокурор дар раванди исботкунӣ маҳдуд гардид. Алҳол, КМҶ ФР ба прокурор иҷозат намедиҳад, ки парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз кунад ва онҳоро ба баррасии худ қабул кунад ё шахсан амалҳои муайяни тафтишотӣ ва дигар мурофиавӣ анҷом диҳад. Дар робита ба ин масъала, В.М. Биков қайд менамояд, ки прокурор дар рафти

тафтиши пешакӣ ба шахсе табдил ёфт, ки таъсири мурофиавии худро ба рафт ва натиҷаҳои парвандаи ҷиноятӣ гум намудааст[208].

Дар КМҶ ҶТ бошад, прокурор дарвоқеъ яке аз субъектони муҳимми уҳдадории исботкунӣ маҳсуб ёфта, дар муқаррар намудани ҳақиқат нақши босазо дорад. Гузашта аз ин, прокурор субъекте ба шумор меравад, ки дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок менамояд ва ин нуқта дар қ.1 м.36 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Дар робита ба масъалаи иштироки прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ) ҳангоми исботкунӣ дар суд М. Шаҳидуллозода бамаврид зикр менамояд, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар тафтиши далелҳо иштирок намуда, дар суд дар бораи: 1) татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва ба судшаванда таъин намудани ҷазои асосӣ ва иловагӣ; 2) татбиқи чораҳои маҷбурии тиббӣ; 3) татбиқи низоми адои ҷазо; 4) рӯёнидани маблағи зарар; 5) қабули қарори дахлдор нисбати молу мулк; 6) инчунин, далелҳои шайъӣ, фикри худро возеҳу равшан изҳор менамояд[209].

Л.И. Даншина бошад, оид ба субъектони уҳдадории исботкунӣ чунин меафзояд, ки муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор ҳангоми сару кор гирифтан бо далелҳои парванда мавҷуд будан ё набудани далелҳоро муқаррар намуда, ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд аниқ менамоянд ва на танҳо далелҳои айбдоркунанда, балки далелҳои сафедкунандаро низ ба даст меоранд. Дар ин маврид, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор метавонанд на танҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз намоянд, балки аз оғози намудани парванда даст кашанд ё ин ки онро қатъ намоянд[210].

Вазъи ҳуқуқии муфаттишро м.39 КМҶ ҶТ муайян намудааст. Аслан, то соли 1917 гузаронидани тафтиши пешакӣ ба зиммаи муфаттишони судӣ

[208] Ниг.: Быков В.М. Правовое положение прокурора на предварительном следствии / В.М. Быков // Следователь. – 2008. – №6. – С. 33.
[209] Ниг.: Шаҳидуллозода М. Пешниҳод ва баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби айбдоркунандаи давлатӣ дар мурофиаи судӣ / М. Шаҳидуллозода // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 80.
[210] Ниг.: Даньшина Л.И. Возбуждение уголовного дела и предварительное расследование в уголовном процессе России. – М., 2003. – С. 27.

гузошта шуда буд, ки ба амалҳои мурофиавии онҳо прокурор назорат мекард. Дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистони хозира Ҳокимияти шуравӣ таъсис ёфт. Аз рӯзи аввали барпо гардидани сохти нав дар ин сарзамин ба масъалаи низоми судӣ, падидаҳои муфаттишони судӣ, назорати прокурорӣ ва ғ. диққати махсус дода мешуд. Ҳамин тариқ, 5 марти соли 1918 аз ҷониби Комиссарияти халкии адлияи Туркистон ба Шуроҳо дар бораи дар дигар шаҳрҳо ташкил кардани трибуналҳои инқилобӣ телеграмма фиристода шуд. Дар он чунин пешбинӣ шуда буд: «Фавран Трибунали инқилобӣ ва ду комиссияи тафтишотӣ дар назди он ташкил карда шавад: яке барои мубориза зидди аксулинқилоб, дигаре барои муборизаи зидди ғоратгарӣ...»[211]. Сониян, дастгоҳи тафтишотӣ ба тобеияти мақомоти прокуратура гузашт. Бунёди дастгоҳи тафтишотӣ дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ бошад, дар асоси қарори Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 6 апрели соли 1962 дар бораи додани ҳуқуқи гузаронидани тафтиши пешакӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ ба вуқуъ пайваст.

Алҳол, муфаттиш ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ шахсе мебошад, ки қонунан дар мансаби муфаттиши прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар кору фаъолият менамояд. Ба ин ё он мақомот мансуб будани муфаттишон ваколатҳои онҳоро ба хеҷ ваҷҳ коҳиш намедиҳад, баръакс ҷиҳати сари вақт ва пурра тафтиш намудани парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат менамояд[212].

Бояд тазаккур дод, ки муфаттиш дар доираи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҷиҳати ҳамаҷониба муқаррар кардани ҳолатҳои дар парванда аҳаммиятдошта фаъолияти мурофиавиро анҷом медиҳад. Дар натиҷаи ин фаъолият шахсоне муайян карда мешаванд, ки муфаттиш нисбати онҳо таъқиби ҷиноятиро ба амал мебарорад. Ваколати мурофиавии муфаттиш дар риштаи таъқиби ҷиноятӣ бо роҳи муайян кардани ҳолатҳои аҳаммиятдоштаи

[211] Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР, 1924-1929 гг.: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 1999. – С. 23.
[212] Ниг.: Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 57.

парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд, ки ин метавонад на танҳо иштироки шахсро дар содиршавии ҷиноят, балки мавҷуд набудани иштироки ӯро низ нишон диҳад.

Ҳангоми ба амал баровардани тафтиши пешакӣ муфаттиш мустақилона ба рафти тафтиш роҳбарӣ мекунад, оид ба амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ қарор қабул мекунад, ба истисноИ ҳолатҳое, ки барои гирифтани розигии прокурор ё иҷозати суд зарур аст. «Маҳз дар ҳамин ҳолат мустақилияти муфаттиш, ки унсури муҳимтарини мақоми мурофиавии ӯ ба шумор меравад, ифода мегардад»[213]. Ба назари мо, ақидаи манзуршуда дар маҷмуъ қобили қабул аст, аммо мустақилияти муфаттиш алҳол мутобиқи КМҶ ҶТ нисбӣ аст. Яъне, агар дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ прокурор зарур шуморад, метавонад парвандаи ҷиноятиро ба пешбурди худ қабул намояд, дар мавриде, ки қарор дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш баровард шуда бошад. Ҳамчунин, мо бар онем, ки «ҳолати истисно» аллакай мустақилияти муфаттишро то андозае ноустувор менамояд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи суханони болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Фаъолияти субъектҳои исботкунӣ асоси мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд ва тамоми фаъолияти мурофиаи ҷиноятиро ҷиҳати тафтиш ва ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоранд.

2. Дар сатҳи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ байни мафҳумҳои субъекти исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ фарқият бояд гузошта шавад.

3. Ба андешаи мо, бо мақсади рафъ намудани мушкилотҳои ҷойдошта вобаста ба падидаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан боби 4, инчунин мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст, боби 4 КМҶ таҷдиди назар

---

[213] Табалдиева В.Ш. Уголовно-процессуальный статус следователя как субъекта применения норм права в процессе оказания международной правовой помощи по уголовным делам / В.Ш. Табалдиева // Рос. следователь. – 2004. – №2. – С. 7.

карда шуда, чунин номгузорӣ карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ин боб ишора намуд.

4. Дар м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад. Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд. Тавре мебинем КМҶ ҶТ калимаи айбдоркунандаро ишора намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Аз ҳамин нуқтаи назар, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ хуб мешуд, ки агар ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», айбдоркунандаи хусусӣ ва айбдоркунандаи давлатӣ ворид карда шавад. Яъне, қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ ва айбдоркунандаи давлатӣ гузошта мешавад».

# БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ УНСУРҲОИ ИСБОТКУНӢ

## 2.1. Ҷамъ овардани далелҳо

Чун анъана, раванди исботкунӣ аз се унсури асосӣ (ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо) иборат мебошад, ки баҳри муқаррар кардани ҳақиқат дар мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад. Зимнан бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти илмӣ дар бархе маврид унсурҳои раванди исботкунӣ чун давра[214], қисмат[215], унсур[216] ва ғ. рӯйи кор омадааст. Дар ҳамин ҳол, олими ватанӣ Н.А. Қудратов дар таҳқиқоти хеш вожаи «давра»-ро мавриди истифода қарор дода, ҷараёни исботкуниро ба давраҳо ҷудо намудааст[217].

Албатта, дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳое низ вомехӯранд, ки ҷараёни исботкуниро аз чор унсур иборат медонанд (ҷамъоварӣ, тафтиш, баҳодиҳӣ ва ташаккулёбии донишҳо оид ба предмети даркнамоӣ)[218]. Вале, ақидаи мазкур аз ҷониби аксар олимону муҳаққиқони соҳа дастгирӣ наёфт ва рӯйкардҳои муосири падидаи исботкунӣ бозгӯйи онанд, ки мавқеи олими ишорагардида чандон ба мақсад мувофиқ нест.

Ҷамъ овардани далелҳо – унсури умумиҳатмии раванди исботкунӣ маҳсуб ёфта, моҳияти он дар адабиёти мурофиавӣ ба таври мухталиф мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҷамъоварии далелҳо дар баробари дигар унсурҳои исботкунӣ, яъне тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар алоқамандӣ ба амал бароварда мешаванд. Вале, дар назди ҳар як унсури исботкунӣ вазифаҳои ба худ хос гузошта шудаанд. Таъиноти асосии унсури ҷамъоварии далелҳо ин ба даст овардани иттилоот дар хусуси ҷинояти содиршуда мебошад.

---

214 Ниг.: Егоров К. Оценка доказательств как завершающий этап доказывания / К. Егоров // Российская юстиция. – 2000. – №12. – С. 32.
215 Ниг.: Божьев В.П. Уголовный процесс. – М.: Высшее образование, 2006. – С. 130.
216 Ниг.: Шейфер С.А. Следственные действия. Система и процессуальная форма. – М., 2001. – С. 6; Громов Н.А. Уголовный процесс России: учебное пособие. – М.: Юристь, 1998. – С. 150-151.
217 Ниг.: Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 161.
218 Ниг.: Джатиев В.С. О некоторых вопросах теории доказательств обвинения и защиты / В.С. Джатиев // Российская юстиция. – 1991. – №2. – С. 16.

Маънои калимаи «ҷамъоварӣ» яъне, чизеро ҷамъ намудан, ба даст овардан ё ин ки чизеро ҷустуҷӯй кардан мебошад[219]. Луғати зикргардида ҷамъовариро чун як намуди фаъолият тавсиф намудааст. Тибқи китоби «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ҷамъоварӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: 1) Ҷамъ кардан, гирд овардан, ғун кардан; 2) Ғундоштан, бардоштан, чидан, ҷаъоварии ҳосил[220].

Ба назари А.Р. Белкин ҷамъоварии далелҳо – мафҳуми комплексӣ аст. Манзури муаллифи зикргардида ин аст, ки дар раванди ҷамъоварии далелҳо як қатор амалҳо анҷом дода мешавад, ба мисли ҷустуҷӯй, ба даст овардан (қабул кардан) ва нигоҳ доштани далелҳо[221]. Ю.К. Якимович низ ҷамъоварии далелҳоро дар пайдарҳамии амалҳои муайян мефаҳмад. Мавсуф иброз медорад, ки ҷамъоварии далелҳо аз якчанд давраҳо иборат мебошад: ошкор намудан ё худ дарёфт кардан, гирифтан, сабт намудан ва ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда ҳамроҳ намудан[222].

Ба назари мо, ақидаҳои ҷолиби дар боло зикрёфта сазовори дастгирист. Зеро ҷамъоварии далелҳо пеш аз ҳама амали ҷисмонӣ аст. Яъне, барои ба даст овардани далелҳои барои парванда аҳаммиятдошта муфаттиш ё таҳқиқбаранда бояд ҷораҳои зарурӣ андешанд. Масалан, ҷалби шоҳидони ҳодисаи ҷиноят барои додани нишондод (тибқи қ.2 м.72 КМҶ ҶТ ҳамчун далел баромад менамояд) ё ин ки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва дарёфти олоти содиршавии ҷиноят ва ғ.

В.П. Божев дар корҳои илмии худ ишора менамояд, ки ҷамъоварии далелҳо ҳамчун қисмати раванди исботкунӣ аз пешбурди амалҳои тафтишӣ ва судии субъектони бо қонун ваколатдоршуда иборат мебошад, ки дар доираи

[219] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка / Под общ. ред. проф. Л.И. Скворцова. – 24-е изд. – М.: ООО «Издательство Оникс»: ООО «Издательство «Мир и образование»«, 2008. – 1200 с.
[220] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 608.
[221] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: Норма, 2017. – С. 187.
[222] Ниг.: Якимович Ю.К. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2007. – С. 265.

он маълумотҳои ба парвандаи ҷиноятӣ мансуббуда, ошкор, баррасӣ ва нигоҳ дошта мешаванд[223].

Ба андешаи муаллифи тоҷик Н.Б. Хоҷаева ҷамъоварии далелҳо фаъолияти мурофиавиест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд тавассути гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ба мақсади ошкор намудан, дарёфт ва барасмиятдарории мурофиавии маълумот равона шудааст[224]. Муҳаққиқи дигари тоҷик А.Э. Раҳматуллоев ҷамъоварии далелҳоро ба таври зайл шарҳ додааст: «Ҷамъоварии далелҳо бо риояи қоидаҳо ва тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ҷустуҷӯ, ошкор, пайдо кардан ва сабту мустаҳкам кардани маълумотҳои воқеиро дар бар мегирад»[225].

Ю.К. Орлов масъалаи мазкурро муташаккилона таҳқиқ намуда, сохтори раванди исботкуниро ба 3 қисмат ҷудо менамояд: ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо. Дар навбати худ, ба андешаи муҳаққиқ ҷамъоварии далелҳо аз зерунсурҳои муайян иборат мебошад: ба монанди ҷустуҷӯ, ба даст овардан ва ба расмиятдарории мурофиавии (мустаҳкамнамоии мурофиавӣ) далелҳо[226]. Назари Ю.К. Якимович дар ин бобат дигар аст. Мавсуф таваҷҷуҳи худро вобаста ба ҷамъоварии далелҳо бештар ба ошкор намудан, гирифтан ва мустаҳкам намудан ба парвандаи ҷиноятӣ равона менамояд[227].

Яке аз мурофиачиёни машҳури рус П.А. Лупинская ҷамъоварии делелҳоро ба таври зерин тавсиф додааст: «ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби шахси анҷомдиҳандаи таҳқиқ (таҳқиқбаранда), муфаттиш, прокурор, суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бо дарназардошти ба роҳ мондани амалҳои мурофиавӣ ҷиҳати ошкор намудан, талаб кардан, гирифтан ва ба расмият

---

[223] Ниг.: Божьев В.П. Уголовный процесс. – М.: Высшее образование, 2006. – С. 130.

[224] Ниг.: Хоҷаева Н.Б. Масоили танзими ҳуқуқии ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳогузории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ / Н.Б. Хоҷаева // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2013. – С. 101.

[225] Ниг.: Раҳматуллоев А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 95.

[226] Ниг.: Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе: науч.-практ. пособ. – М., 2000. – С. 74-75.

[227] Ниг.: Якимович Ю.К. Доказательства и доказывание в уголовном процессе России: учеб. пособ. – Томск, 2015. – С. 55.

даровардани далел ба роҳ монда мешавад». А.М. Ларин бошад, ҷамъоварии далелҳоро дар кофтуков, ошкор намудан ва барасмият даровардани онҳо мебинад[228]. А.Р. Ратинов ба мафҳуми ҷамъоварии далелҳо ибораҳои кофтуков (ҷустуҷӯй), ошкор намудан ва гирифтани маълумоте, ки дар он нигоҳ дошта мешавад, ворид менамояд[229].

Дар даврони муосир бо дарназардошти мавҷуд будани ақидаҳои мухталиф дар хусуси унсури нахустини раванди исботкунӣ Е.А. Доля андешаи хешро ифроз менамояд. Номбурда зикр менамояд, ки ҷамъоварии далелҳо талаботи исботкуниро қонеъ карда наметавонад ва маҳфуми «ташаккулёбии далелҳо»-ро чун унсури нахустини исботкунӣ пешниҳод менамояд[230]. Ақидаи муқобилро дар ин хусус П.С. Абдуллоев пешниҳод менамояд. Олими ватанӣ бар он назар аст, ки мафҳуми «ташаккулёбии далелҳо ба таври пурра мафҳуми ҷамъоварии далелҳоро фаро гирифта наметавонад, зеро, ташаккулёбии далелҳо на ҳамчун унсур, балки ҳамчун зерунсури исботкунӣ баромад менамояд[231].

Ҳамин тариқ, агар ба ақидаҳои олимони дар боло зикрёфта назар афканем, дар ҳар яке аз онҳо ҳақиқате аст. Аммо, на ҳамаи андешаҳои ишорагардида қобили қабул ҳастанд. Ақидаи П.А. Лупинская аз як ҷониб ба ҳақиқат наздик аст, аз ҷониби дигар не. Чаро? Чунки, далелҳоро мувофиқи қонун на танҳо субъекти анҷомдиҳандаи таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд ҷамъоварӣ менамоянд, балки дигар субъектон низ чунин ҳуқуқро доро мебошанд. Аз қабили ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, шоҳид, ҷабрдида ва ғ.. Лекин, номбурдаҳо салоҳияти мустақилона ба расмият даровардани далелҳои ҷамъовардашударо надошта, ин салоҳияти истисноии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд маҳсуб меёбад.

---

[228] Ниг.: Ларин А.М. Работа следователя с доказательствами. – М., 1966. – С. 63.
[229] Ниг.: Теория доказательств в советском уголовном процессе / Под ред. Н.В. Жогина. – М., 1975. – С. 300.
[230] Ниг.: Доля Е.А. Формирование доказательств на основе результатов оперативно-розыскной деятельности. – М., 2013. – С. 94.
[231] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 139.

Воқеан, ҷамъ овардани далелҳо мафҳуми комплексӣ[232] буда, аз маҷмуи ҳаракатҳои муайян иборат мебошад. Бо дарназардошти таҳқиқоти мазкур, мо давраҳои зеринро ба ҷамъ овардани далелҳо мутааллиқ медонем:

1) Ошкор намудан;

2) Талаб намудан;

3) Гирифтан;

4) Мустаҳкам намудан ё худ ба расмият даровардан.

**Ошкор намудан**. Тибқи луғатномаи машҳури С.И. Ожегов маънои ибораи ошкор намудан – нишон додан, ёфтан, пай бурдан мебошад[233]. Луғатномаи дигар мафҳуми ошкор намуданро ба таври зайл тафсир намудааст: ба ҳама маълум, намоён, аён, падидор, аён кардан, маълум кардан, ба рӯйи об баровардан[234].

Ошкор намудан ин амали фаъоли субъектҳои дорои уҳдадории исботкунӣ мебошад, ки ҷиҳати дарёфт ва муайян кардани маълумоти воқеии ба парвандаи ҷиноятӣ иртиботдошта, нигаронида шудааст. Минбаъд ин маълумотҳои воқеӣ метавонанд ба сифати далел вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ баромад намоянд[235]. Амалҳое, ки ҷиҳати дарёфти маълумотҳои воқеӣ нигаронида шудаанд, метавонанд мухталиф бошанд. Масалан, ҷалб намудани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят шоҳид буданд, олоти содиршавии ҷиноят, кофтукови молу мулки тасарруфшуда ва ғ.

Чиҳати ошкор намудани сарчашмаҳои маълумот (далелҳо), ки барои парвандаи ҷиноятии баррасишаванда аҳаммият доранд, субъектони масъули тафтишотӣ аз василаҳои мухталифи тактикӣ ва техникӣ истифода менамоянд. Бояд зикр намуд, ки дар унсури ҷамъоварии далелҳо субъекти исботкунӣ на далелҳоро, балки маълумотҳои воқеиро ҷамъоварӣ менамояд. Чунки, барои

---

[232] Ниг.: Комплекс – маҷмуи бо ҳам омадани якчанд зуҳуротҳо,предметҳо ё амалҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.m.viktionary.org (санаи муроҷиат 14.01.23с).

[233] Ниг.: Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. – М.: Азъ Ltd, 1992. – С. 882-883.

[234] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 47-48.

[235] Ниг.: Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 36.

муайян намудани далел, субъекти исботкуниро зарур аст, ки маълумотҳои воқеиро ба расмият дароваранд ва муқаррар намоянд, ки ин маълумотҳо бевосита ё бавосита ба парвандаи ҷиноятӣ иртибот доранд.

**Талаб намудан** – бо мақсади ба расмият даровардани маълумотҳои воқеии ҷамъовардашуда, дар рафти исботкунӣ мумкин аст, ки талаб намудани предметҳо ва ҳуҷҷатҳо аз мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳо анҷом дода шавад. Чун қоида, талаб намудани предметҳо ва ҳуҷҷатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ: таҳқиқбаранда (сардори воҳиди таҳқиқ), муфаттиш (сардори воҳиди тафтишот), прокурор ва суд ба амал бароварда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки талаб кардани предметҳо ва ҳуҷҷатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта танҳо дар он маврид самара медиҳад, ки агар субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ эҳсос намоянд, ки ҳуҷҷатҳои лозима ҷамъоварӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, агар вобаста ба талаб кардани предметҳо ва ҳуҷҷатҳо шубҳа пайдо шавад, беҳтар ин аст, ки амали тафтишии ёфта гирифтан аз ҷониби таҳқиқбаранда ё муфаттиш анҷом дода шавад. Маълумотҳои воқеии талабкардашуда метавонанд предмет ва ҳам ҳуҷҷатҳо бошанд. Масалан, бархе аз олимону муҳаққиқон бар он андешаанд, ки субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ салоҳият доранд, ки танҳо ҳуҷҷатҳои хаттиро, талаб намоянд[236]. Дар робита ба ин, Н.П. Кузнетсов изҳор намудааст, ки бо ибтикори мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд на танҳо ҳуҷҷатҳо, балки предметҳо низ талаб карда мешаванд[237].

Ба назари мо, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд салоҳият доранд, ки предмет ва ҳуҷҷатҳое, ки бевосита ё бавосита ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда марбут аст, талаб намоянд. Ба ҳайси предмети

---

[236] Ниг.: Щерба С.П., Химичева Г.П. Рассмотрение органами дознания заявлений и сообщений о преступлениях. – М., 1987. – С. 30; Шурухнов Н.Г. Предварительная проверка заявлений и сообщений о преступлениях: учеб. пособие. – М., 1985. – С. 48-49.
[237] Ниг.: Кузнецов Н.П. Доказывание в стадии возбуждения уголовного дела. – Воронеж, 1983. – С. 66-67.

талабкардашуда метавонад инҳо баромад намоянд: олоти содиршавии ҷиноят (дар мавриде, ки муфаттиш аз ҷойи ҳодиса онро дарёфт накарда бошад ё ин ки талаб кардани наворҳои видеоие, ки раванди содиршавии ҷиноятро сабт намудааст ва ғ). Масалан, санаи 04 майи соли 2023 нисфирӯзӣ С.С.И., ба дӯкони дузандагии «М» ҳозир шуда, дар заминаи дастури Ш.З.Ш. ҷойҳои муайянкардаи номбурдаро рӯбучин ва тозаву озода намуда, маблағи корҳои кардааш 200 сомониро аз Ш.З.Ш., мегирад ва худи Ш.З.Ш., бо мақсади гирифтани фарзандони хурдсолаш аз боғча ба манзили истиқоматиаш равон мешавад. Сипас, С.С.И, соатҳои 18:15 дақиқа, фурсати муносибро аз даст надода, бо мақсади дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр аз беаҳамиятии Ш.З.Ш., Ш.Н.Ш., ки дар дӯкони дӯзандагии «М» дар хиёбони Р. ноҳияи И. шаҳри Душанбе ҳамчун корманд фаъолият мебарад, истифода бурда, бо роҳи пинҳонӣ аз дохили дӯкони дӯзандагии мазкур, 3 адад матоъҳои кимматбаҳои истеҳсоли Италиё ва Чинро, ки дар маҷмуъ маблағи умумии матоъҳо 3300 сомониро ташкил медиҳад, тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад.

Зимни гузаронидани амали тафтишии пурсиш С.С.И. дар нишондоди худ изҳор намудааст, ки ӯ дар содир намудани ҷиноят даст надорад ва ӯ бегуноҳ аст. Дар ҳамин ҳол, муфаттиш наворҳои видеоиро аз мағозаи хӯрокворӣ, ки дар шафати дӯкони дӯзандагӣ қарор дошт, талаб менамояд. Дар навор возеҳу равшан дида мешавад, ки С.С.И. дар даст бастаи полиэтиленӣ дошта, дӯкони дӯзандагиро тарк менамояд. Ниҳоят дар асоси навори ҷойдошта ва далелҳои дигари ҷамъоваришуда муфаттиш бо дарназардошти саволҳои ба раванди тафтишот хос ва бамаврид ҷинояти мазкурро ошкор менамояд[238].

Қобили зикр аст, ки нусхаи ҳукм, маълумотномаи тиббии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, маълумотнома оид ба доғи судӣ доштан ё надоштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, ҳуҷҷатҳои ронандагӣ, аттестат, диплом ва ғ. ҳамчун ҳуҷҷат пазируфта мешаванд. А.Р.

[238] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №46444/22 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.

Белкин аз нигоҳи худ таснифбандии ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намудааст, ки ба назари мо, муҳим арзёбӣ мешавад:

– вобаста ба манбаъ (сарчашма) – расмӣ ва хусусӣ;

– вобаста ба тартиби ирсоли маълумот – кушодавӣ ва рамзгузоришуда;

– вобаста ба тартиби иҷроиш – дастнависшуда, дар мошинка чоп шуда, ба воситаи техникаи компютерӣ ва ҳоказо;

– вобаста ба табиати инъокосшавии мазмун ва муҳтавои ҳуҷҷат – сурат, киноҳуҷҷатҳо ва видеоҳуҷҷатҳо;

– вобаста ба табиати ҳуқуқӣ – аслӣ ва қалбакӣ[239].

Дар заминаи суханони дар боло зикрёфта зарур мешуморем, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Зеро, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо танҳо маълумотнома ба корхона, ташкилот, муассиса, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод мегардаду халос. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҷиҳати ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протокол тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда шудааст, бояд инъикос карда шавад. Ба назари мо, ворид намудани ин тағйирот падидаи ҷамъ овардани далелҳоро аз лиҳози танзими ҳуқуқӣ такмил медиҳад.

**Гирифтани далелҳо** – аз рӯйи бархе аз хусусиятҳояш бо талаб кардани далелҳо шабеҳият дорад. Аммо, дар талаб кардани далелҳо ташаббус аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд) сурат мегирад.

---

[239] Ниг.: Белкин А.Р. Криминалистические классификации. – М.: Мегатрон, 2000. – С. 46-47.

Чун қоида, дар мавриди гирифтани далелҳо саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна далелҳо гирифта мешаванд? Ҷиҳати дарёфти посухи кобили қабул ба КМҶ ҶТ мурочиат менамоем. Бино ба қ.4 м.86 КМҶ ҶТ маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод кунанд[240]. Иштирокчиёне, ки дар моддаи мазкур зикр ёфтаанд, ҳуқуқ доранд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва минбаъд ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ онҳоро пешниҳод намоянд.

Ба назари мо, айбдоркунандаи хусусӣ низ бояд дар қ.4 м.86 КМҶ ҶТ ҳамчун иштирокчии пешниҳодкунандаи далелҳо ишора карда шавад. Мутаассифона, дар ин модда дар хусуси айбдоркунандаи хусусӣ меъёре пешбинӣ нагардидааст. Гузашта аз ин, айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҷабрдида истифода мебарад. Ин ҳолат собит менамояд, ки КМҶ ҶТ то кунун ба иштирокчии нави мурофиа, яъне айбдоркунандаи хусусӣ баҳои ҳуқуқии муносиб ва сазовор нагузоштааст.

Аз ҳама иштирокчиёни болозикр вобаста ба ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани далелҳо, ҳимоятгарро ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, рисолати асосии ҳимоятгар расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ мебошад ва бидуни ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани далелҳои сафедкунанда, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

---

[240] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11 с. – №692; аз 02.08.17 с. – №755; – №1696, аз 04.07.2020. – №1702. – Душанбе: Матн, 2020.

Моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адовокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбӣ адвокат ҳуқуқ дорад:

– маълумоти заруриро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ намояд, аз ҷумла маълумотномаҳо, тавсифномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин аз дигар шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон дархост карда гирад ва мақомот ва ташкилотҳои зикргардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд ба адвокат ҳуҷҷатҳои дархосткардаи ӯ ё нусхаи тасдиқгардидаи онҳоро ба истисноӣ ҳуҷҷатҳое, ки маълумоти дорои сирри давлатиро дар бар гирифтаанд, диҳанд;

– далел ва маълумоти барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруриро ҷамъ оварад ва пешниҳод намояд;

– бо шахси таҳти ҳимояташбуда бо пешниҳоди ордер ва шаҳодатномаи адвокат бе мамониат як ба як (аз ҷумла аз лаҳзаи дастгир шудан, нигоҳ доштан дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ё изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ) бе маҳдуд кардани шумора ва давомнокии муҳлат суҳбат кунад;

– маълумоти дар парванда мавҷудбударо, ки аз рӯйи он адвокат ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, бо риоя намудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда нусхабардорӣ намояд;

– ҳангоми иштирок намудан дар маҷлиси пӯшидаи судӣ бо матни пурраи санадҳои судии қабулнамудаи суд шинос шавад;

– барои ҳимоя ҳама гуна восита ва тарзҳои қонуниро истифода барад[241].

Мазмун ва муҳтавои моддаҳои зикршуда бозгӯйи он аст, ки ҳимоятгар ҳуқуқ дорад, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва пешниҳод намояд, аз қабили

---

[241] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №3. – мод. 204; – №11. – мод. 958; – 2016. – №5. – мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с. – №1391; аз 04.07.2020. – №1704).

далелҳои шайъӣ, сабтҳои пинҳонӣ, ҳуҷҷатҳои дигар, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида ва ғ. Ба андешаи мо, фаъолияти ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо дар ҷамъоварии далелҳо хусусияти ёрирасонро дорад. Ба ибораи дигар, далелҳое, ки аз ҷониби ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд, ҷиҳати муқаррар намудан ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд.

Табиист, ки ҳимоятгар ба монанди таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор наметавонад аз фишангҳои мурофиавӣ, аз қабили ба амал баровардани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ ва ғ. истифода намояд. Зеро ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ: азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, шаҳодаткунонӣ, озмоиши тафтишӣ, пурсиш, экспертиза, тартиб додани протоколи пурсиш, протоколи амали тафтишӣ ва судӣ танҳо салоҳияти истисноии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд маҳсуб меёбад[242].

Бо дарназардошти суханони зикрёфта, саволе ба миён меояд, ки бо кадом тартиб таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд далелҳои ҷамъовардашудаи (агар бешак ин маълумотҳо ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда иртибот дошта бошанд) ҳимоятгарро ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда ҳамроҳ менамоянд?

Дар натиҷаи мавриди таҳқиқ қарор додани қонунгузорӣ, назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян карда шуд, ки механизми тартиб, қоидаи пешниҳод ва дар навбати худ гирифтани далелҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ба таври дахлдор коркард карда нашудааст. Масалан, дар рафти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ҳимоятгар маълум мегардад, ки яке аз шоҳидоне, ки бевосита ё бавосита роҷеъ ба содиршавии ҷиноят маълумоте дорад ва нишондоди ӯ метавонад ҳамчун далелҳои сафедкунанда

---
[242] Ниг.: Маҷидов А.М. Пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар / А.М. Маҷидов // Қонуният. – 2014. – №5. – С. 85-95.

пазируфта шавад, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор пурсиш карда нашудааст. Ҳимоятгар чун рисолаташ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда мебошад, бояд аз ҳама гуна васила ва тарзҳои қонунӣ, ки КМҶ ва қонунҳои амалкунанда пешбинӣ намудаанд, истифода намояд. Яъне, КМҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешбинӣ намудаанд, ки ҳимоятгар ҳуқуқ дорад далел ва маълумоти барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруриро ҷамъоварӣ намуда, пешниҳод намояд. Ба андешаи мо, дар ин маврид ягона муқаррароте, ки ҳимоятгар ба он такя менамояд, ин м.175 КМҶ ҶТ маҳсуб меёбад[243].

Мутобиқи моддаи ишорагардида, муфаттиш вазифадор аст, тамоми дархостҳои оид ба парванда арзшударо баррасӣ кунад. Дар айни замон ӯ ҳуқуқ надорад дархости гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро дар хусуси пурсиши шоҳидон, пешбурди экспертиза ва дигар амали тафтишӣ рад намояд, агар ҳолатҳое, ки барои муқаррар намуданашон онҳо дархост додаанд, барои парванда аҳаммиятнок бошанд. Дар бораи натиҷаҳои баррасии дархост дар муҳлати на бештар аз панҷ шабонарӯз ба аризадиҳанда хабар дода мешавад. Ҳангоми пурра ё қисман рад кардани қонеъгардонии дархост муфаттиш вазифадор аст бо зикри сабабҳои рад қарор барорад[244].

Табиист, ки ҳимоятгар салоҳият надорад, ки шоҳиди аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор пурсиданашударо пурсиш намояд, чун ба амал баровардани амалҳои тафтишӣ салоҳияти истисноии субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ мебошанд. Ба назари мо, КМҶ ФР масъалаи мазкурро возеҳу равшан нишон додааст. Тибқи м.86 КМҶ ФР яке аз воситаҳои ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар ин гузаронидани мусоҳиба

---

[243] Ниг.: Исоев К.М. Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ / К.М. Исоев // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 343.
[244] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

мебошад. Яъне, ҳимоятгар ҳуқуқ дорад, ки бо розигии худи шахс (мумкин шоҳид бошад) бо ӯ мусоҳиба гузаронад. Сониян, ҳимоятгар метавонад маълумотҳои бадастовардашударо ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ манзур намояд.

Дар қ.2 м.87 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар пайвандӣ ба ҳамин масъала пешбинӣ шудааст, ки ҳимоятгар далелҳоро ба василаҳои зерин ҷамъоварӣ менамояд: а) гузаронидани мусоҳиба бо шахсони дорои маълумоти дахлдор роҷеъ ба парванда; б) гирифтани баёнотҳои хаттӣ бо ризоияти онҳо[245]. Айнан ҳамин муқаррарот дар сархати 5 қ.3 м.122 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон омадааст. Ҳамчунин, тибқи Кодекси мазкур ҳимоятгар ҳуқуқ дорад, ки зимни гузаронидани мусоҳиба аз воситаҳои илмию техникӣ васеъ истифода намояд[246].

Мо низ ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки чунин муқаррарот дар оянда ба КМҶ ҶТ ворид карда шавад. Яъне, ба ҳимоятгар салоҳият дода шавад, ки бо шахс бо розигии худи ӯ мусоҳиба намояд. Ба андешаи мо, ворид намудани чунин муқаррарот ба КМҶ ҶТ ҷиҳати такмил ва инкишоф ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо заминаи устувор мегузорад.

**Мустаҳкам намудан ё худ ба расмият даровардани далелҳо**. Мустаҳкам намудани далелҳои ҷамъовардашуда аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд далолати он аст, ки тамоми шарт ва шароитҳои ҷамъ овардани далелҳо тибқи КМҶ ҶТ риоя карда шудаанд. Ба назари Р.Р. Юлдошев таҳти мафҳуми мустаҳкам кардани далел ин ба парвандаи ҷиноятӣ дар асоси шакли КМҶ муайян карда ҳамроҳ кардани далел дониста мешавад[247].

---

[245] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2013-XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (санаи муроҷиат: 14.01.23).
[246] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, №231-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (санаи муроҷиат: 14.10.23).
[247] Ниг.: Мурофиаи ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 159.

Аз ҳама роҳи маъмул ва умумиэътирофшудаи мустаҳкам намудани далелҳо – ин тартиб додани протоколи муносиби амали тафтишӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки дар рафти ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ протоколҳои зиёд тартиб дода мешаванд, аз қабили, протоколи азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ, протоколи озмоиши тафтишӣ, протоколи кофтуков ва ёфтан гирифтан, протоколи пурсиш, протоколи рӯбарӯкунӣ, протоколи нишон додан барои шинохтан, протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва ғ.

**Воситаҳои ҷамъ овардани далелҳо.** Мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, гурӯҳи тафтишот (сардори гурӯҳи тафтишотӣ), прокурор ва суд салоҳият доранд, ки аз шаклҳои мухталифи ҷамъоварии далелҳо истифода намоянд. Мусаллам аст, ки воситаи асосии мурофиавии ҷамъоварии далелҳо ин ба амал баровардани амалҳои тафтишӣ мебошад. Аз ҷониби субъектони ваколатдоршудаи КМҶ самаранок ташкил ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ бевосита ба натиҷаҳои тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ ва баррасӣ шудани он дар муҳокимаи судӣ таъсири ҳалкунанда мегузорад. Бино ба муқаррароти КМҶ ҶТ ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд аз амалҳои тафтишии васеъ истифода менамоянд.

Ба назари мо, В.А. Лазарева ақидаи ҷолибро вобаста ба ин масъала иброз намудааст. Номбурда зикр менамояд, ки амалҳои тафтишӣ воситаи асосии ҷамъ овардани далелҳо маҳсуб меёбад[248]. Аммо, роҳу воситаи дигари ҷамъ овардани далелҳоро инкор намекунад, аз зумраи пешниҳод кардани кардани далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, талаби гузаронидани ревизияи ҳуҷҷатнигорӣ ва ғ.

Воқеан, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки амалҳои тафтишӣ ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳо, муайян кардани ҳолатҳое, ки вобаста

---

[248] Ниг.: Лазарева В.А. Доказывание в уголовном процессе. – М., 2009. – С. 63.

ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, самараи хуб дода, ҷиноятҳои бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ошкор карда мешаванд.

Дар робита ба ин масъала С.А. Шейфер ибрози назар менамояд. Мавсуф ғайр аз амалҳои тафтишӣ, ҳамзамон воситаи дигари ҷамъ овардани далелҳоро ин пешниҳоди предметҳо ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида ва намояндаи ӯ, ҳамчунин, мақомот ва шахсон ишора менамояд[249]. А.В Смирнов ва К.Б. Калиновский амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиаро воситаи ҷамъ овардани далелҳо мепиндоранд. Муҳаққиқони зикрёфта зери амалҳои дигари мурофиавӣ, талаб ва пешниҳод намудани далелҳо, гирифтани предмет, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳо аз ҷониби ҳимоятгар ва гузаронидани мусоҳиба бо розигии худи шахсро (хотиррасон менамоем, ки муқаррароти гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби ҳимоятгар бо розигии худи шахс то кунун дар КМҶ ҶТ ҷой надорад) мефаҳманд[250].

Дар қ.1 ва 2 м.86 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом дода мешавад. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя бо дархости тарафҳо ҳуқуқ доранд:

– оид ба парвандаи таҳти пешбурд қарордошта бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ҳар шахсро барои пурсиш ва пешниҳод кардани хулоса ба сифати коршинос ҷалб намоянд;

– азназаргузаронӣ, кофтуков ва амали дигари тафтишии пешбининамудаи Кодекси мазкурро анҷом диҳанд;

– аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳаммиятдоштаро талаб намоянд;

---

[249] Ниг.: Шейфер С.А. Доказательства и доказывание по уголовным делам: Проблемы теории и правового регулирования. – М., 2009. – С. 96-104.
[250] Ниг.: Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Уголовный процесс: учебник для вузов / Под общ. ред. А.В. Смирнова. –СПб., 2004. – С. 210.

– пешбурди тафтиш ва санҷишро (ревизия) аз мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор талаб кунанд[251].

Мавриди зикр аст, ки моддаи ишорагардидаи КМҶ ҶТ мустақиман воситаҳои ҷамъ овардани далелҳоро манзур накардааст. Вале, аз муҳтавои модда дарк намудан мумкин аст, ки дар асл воситаҳои ҷамъ овардани ҷой дорад, чунончӣ, ба роҳ монданаи амалҳои тафтишӣ дар давраи тафтиши пешакӣ ё тафтиши судӣ, талаб намудани ҳуҷҷатҳо ва ашёҳои барои парванда аҳаммиятдошта, гузаронидани ревизияҳо ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғ.

Ҷиҳати боз ҳам мукаммал ва вусъат бахшидани падидаи ҷамъ овардани далелҳо ва омӯзиши пурраи он ба Кодексҳои мурофиавии кишварҳои ИДМ муроҷиат намудан ба мақсад мувофиқ аст. Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз кишварҳое ба шумор меравад, ки аввалин шуда Кодекси мурофиавии ҷиноятиро баъд аз пош хӯрдани ИҶШС қабул намудааст. Дар м. 87 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинӣ шудааст, ки далелҳо ба воситаи ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва судӣ: пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, шоҳид, ҷабрдида, коршинос, рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан, санҷиши нишондода дар ҷойи ҳодиса, ёфта гирифтан, кофтуков, азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, эксгуматсияи ҷасад, эксперименти тафтишӣ, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, таъин кардани экспертиза ва ревизия, қабул намудани предмет ва ашёҳои пешниҳодшуда, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ ва тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд[252]. Таҳлили муқоисавии КМҶ ҶТ ва КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон собит менамояд, ки фазои ҳуқуқии ду кишвар дар самти падидаи ҷамъ овардани далелҳо ба ҳам шабеҳият доранд.

---

[251] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

[252] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2013-XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (санаи муроҷиат: 12.05.22).

Дар м.93 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ҷамъ овардани далелҳо ба таври зайл тавсиф дода шудааст: «ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои мурофиавӣ ба амал баровварда мешавад»[253]. Дар ин муқаррароти инъикосшуда маълум нест, ки ибораи «амалҳои мурофиавӣ» ба кадом маъно омадааст?!

Ба назари банда, мафҳуми амалҳои мурофиавӣ нисбати амалҳои тафтишӣ васеъ ва паҳновар аст. Чунки, қаблан аз ҷониби мо ишора гардид, ки воситаи асосии ба даст овардани далелҳо – ин анҷом додани амали тафтишӣ аст. Аз ин ҷост, ки амалҳои тафтишӣ ва судӣ ҷузъи таркибии амалҳои мурофиавӣ маҳсуб меёбанд. Манзури мо ин аст, ки на ҳамаи амалҳои мурофиавӣ ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳо анҷом дода мешаванд. Масалан, маҷбуран овардани шахс амали мурофиавӣ аст. Мутобиқи м.115 КМҶ ҶТ дар сурати бе сабабҳои узрнок ба даъват ҳозир нашудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, инчунин шоҳид ва ҷабрдида бо қарори асосноки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ва ё бо таъиноти суд онҳо аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран оварда мешаванд. Аз муҳтавои моддаи мазкур, пай бурдан мумкин аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ маҷбуран овардан ба мақсади ҷамъ овардани далелҳо ба роҳ монда намешавад.

Ба ақидаи мо, маҷбуран овардан танҳо функсияи «таъминотӣ ё худ ёрирасонро» анҷом медиҳад, чун вақте гумонбаршуда ё айбдоршаванда маҷбуран оварда мешавад, субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ метавонад ӯро пурсиш намояд. Табиист, ки пурсиш амали тафтишӣ аст, пас амали тафтишӣ ҳамчун воситаи ҷамъ овардани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ баромад карда метавонад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки КМҶ ФР ва Ҷумҳурии Беларус падидаи ҷамъ овардани далелҳоро ба таври мукаммал ва бидуни духурагӣ ба танзим даровардаанд. Тибқи м.86 КМҶ ФР ҷамъ овардани далелҳо дар рафти

---

[253] Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №129 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1697;-57 (санаи муроҷиат: 13.05.22).

мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд тариқи ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад[254]. Ба андешаи мо, муқаррароти зикршуда, фаъолияти кормандони амалияи ҳуқуқтатбиқнамоиро саҳлу осон менамояд, зеро ин ҳолат бидуни шак духӯрагиро лағв мекунад. Дар ҳар сурат, саволе ба миён меояд, ки зери мафҳуми «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» чӣ гуна фаъолият фаҳмида мешавад?

Ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ, ки баҳри ҷамъ овардани далелҳо анҷом дода мешавад, яке аз проблемаҳои ҳалталаб дар назарияи мурофиаи судии ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Ҷиҳати дарёфти посух вобаста ба «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» ба якчанд ақидаҳои олимону муҳаққиқон мароқ зоҳир намудан мувофиқи мақсад аст. Ба андешаи В.Т. Очередин ҳама гуна ҳаракатҳое, ки дар КМҶ пешбинӣ шудаанд ва ба амалҳои тафтишӣ рабт надоранд, «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» фаҳмидан мумкин аст. Мавсуф зери мафҳуми «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» ҳаракатҳои зерини мурофиавиро мефаҳмад:

– дастгир кардани шахс;

– ҳабси молу мулк;

– талаб намудани ҳуҷҷатҳо;

– гирифтани ашёҳо, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳо;

– мусоҳибаи шахс;

– ба амал баровардани санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва гузаронидани ревизияҳо;

– ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ[255].

Мо бо ақидаи В.Т. Очередин на дар ҳама ҳолатҳои зикрёфта розӣ шуда метавонем. Зеро, на ҳама ҳаракатҳои мурофиавии зикршуда ба воситаи ҷамъ овардани далелҳо иртибот доранд. Масалан, О.Я. Баев ва Д.А. Солодов дар робита падидаи дастиргунӣ возеҳу равшан қайд менамоянд, ки мақсади

---

[254] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, №174-ФЗ (ред. от 04.08.2023) (с изм. и доп., вступ. в силу с 12.10.2023) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481/ (санаи муроҷиат: 13.05.22).

[255] Ниг.: Очередин В.Т. Доказательства в уголовном процессе: сущность, источники, способы собирания. – М., 2009. – С. 192.

асосии дастгиркунӣ таъмини иштироки шахс (гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, тибқи КМҶ) ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аст, на воситаи ҷамъ овардани далелҳо[256].

Ҳамин тариқ, муайян кардани «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» ки ба ҷамъ овардани далелҳо алоқамандӣ доранд, масъалаи мураккабу гуногунҷанба аст ва ҷиҳати ҳаллу фасл намудани он заминаи назариявӣ лозим аст. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, В.С. Балакшин ба таври дахлдор «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» тавсиф намудааст. Мавсуф иброз менамояд, ки ҳаракатҳои дигари мурофиавиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ», ки мақсади пешбурди он ба даст овардани далелҳо мебошад;

2) «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ», ки мақсади пешбурди он таъмини шароит ва тартиби тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, қабул намудани қарорҳои мурофиавӣ, инчунин риоя ва амалӣ шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар иштирокчиёне, ки дар муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ қарор доранд, мебошад[257].

Аз ҳамин нуқтаи назар, зери мафҳуми «ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ» инҳо фаҳмида мешаванд:

– талаб намудани ҳуҷҷатҳо ва предмет (ашё);

– гирифтани ҳуҷҷатҳо ва предмет (ашё);

– гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатӣ ва ревизия.

Иттилооте, ки субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ дар раванди исботкунӣ мавриди истифода қарор медиҳанд, гуногунанд. Вобаста ба усулҳои ба даст овардани маълумотҳо, ки хусусияти далелнокиро пайдо

---

[256] Ниг.: Баев О.Я., Солодов Д.А. Производство следственных действий. Криминалистический анализ УПК. России Практика. Рекомендации профессионалов. –М., 2009. – С. 6.

[257] Ниг.: Балакшин В.С. Иные процессуальные действия как средства доказывания / В.С. Балакшин // ВЕСТНИК ОГУ. – 2006. – №3. – С. 27-28.

менамоянд, ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст: мурофиавӣ ва ғайримурофиавӣ[258].

Василаи ғайримурофиавии ҷамъоварии далелҳо дар раванди исботкунӣ ин истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравaнд. Истифода шудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва қобили қабул будани маълумот ҳамчун далел дар парвандаи ҷиноятӣ аз масъалаи муҳим ва ҳамзамон ҳалталаб арзёбӣ мешавад. Бояд тазаккур дод, ки аслан натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар номгӯйи сарчашмаи далелҳои қ.2 м.72 КМҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст. Бо вуҷуди ин, м.84 КМҶ ҶТ имкони истифодаи натиҷаҳои ин фаъолиятро дар раванди исботкунӣ раво медонад. Ба андешаи мо, мавқеи КМҶ ҶТ-ро дар ин хусус мусбат донистан мумкин аст, зеро ФОҶ бо усулҳои ба худ хос аз доираи мурофиаи ҷиноятӣ берун ба амал бароварда мешавад. Зиёда аз ин, агар амалҳои тафтишӣ ҷиҳати ҷамъоварии далелҳо тавассути КМҶ ҶТ танзими ҳуқуқии худро пайдо намояд, ФОҶ бошад, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»[259] ба амал бароварда мешавад.

Амалияи ҳуқуқтатбинамоӣ бозгӯйи он аст, ки истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо нақши босазо дорад. Зеро на дар ҳама маврид ҷиноятҳо тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ҷинояти содиргардида пурра ва сари вақт ошкор карда мешаванд. Дар замони муосир таҷассуми пурраю воқеии он, дуруст татбиқ ва истифодаи имкониятҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти мақомоти анҷомдиҳандаи тафтишоти пешакӣ шарту шароитҳои муносиби ошкоршавии ҷиноятҳоро ба миён гузоштааст[260].

---

[258] Ниг.: Кореневский Ю.В., Токарева М.Е. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам. Методическое пособие. – М.: ООО Издательство «Юрлитинформ», 2000. – С. 29.

[259] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.05.2022).

[260] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Возможности использования результатов оперативно-розыскной деятельности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан / Р.Р. Юлдошев // Современное состояние науки и законодательства об оперативно-розыскной деятельности (материалы международной научно-практической конференции). – Душанбе, 2016. – С. 182.

Чун қоида, дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ин масоил ақидаҳои мухталифро вохӯрдан мумкин аст, ки истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва иртибот доштани он бо далелҳоро аз нигоҳи худ шарҳ додаанд. Дар иртибот ба ҳамин масъала олимони ватанӣ Р.Ҳ. Раҳимзода[261] ва И.Т. Маҳмудов[262] дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии хеш масъалаи истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун далел мавриди васеи пажӯҳиш қарор дода, дар ин ҷода фикру мулоҳизаҳои худро иброз намудаанд.

Р.Ҳ. Раҳимзода фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтиширо муташаккилона таҳлил карда, фарқияти асосии онҳоро ишора намудааст. Мавсуф чунин зикр менамояд: «Ин ду намуди фаъолият бо ҳам алоқамандии зич қарор доранд. Алоқамандии ин намудҳои фаъолият дар ягонагии мақсади онҳо барои ноил гаштан мақсади ягона равона карда шудаанд: ин ошкор кардан, огоҳонидан, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо мебошад. Ҳамзамон, фаъолиятҳои ишорагардида бо натиҷагириҳои худ фарқ мекунанд. Натиҷаи ҳаракатҳои мурофиавӣ далелҳо буда, натиҷаи ФОҶ бошад – маълумотҳои воқеӣ (маълумотҳои ғайримурофиавӣ) мебошанд[263]. Муаллиф И.Т. Маҳмудов мазмунан ба ҳамин ақидаи шабеҳро манзур менамояд: «Маълумотҳои дар рафти ФОҶ бадастовардашуда ҳанӯз далел нестанд, ин маълумотҳо зарур аст тариқи мурофиавӣ мустаҳкам карда шаванд, ки тартиб ва қоидаҳои ба худ хосро дорад»[264].

Ба қавли П.С. Абдуллоев натиҷаҳои ФОҶ танҳо барои мукаммал гардидани далелҳо хизмат мекунанду халос ва агар мо ба сифати далел натиҷаҳои ФОҶ-ро эътироф намоем, пас дар натиҷа худи таъиноти мурофиаи

---

[261] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ба сифати далелҳо мубаддал гардонидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашуда: проблемаҳои ҷойдошта / Р.Ҳ. Раҳимзода // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 17-20; Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность: учебник. Общая часть. 3-е изд. – Душанбе: «ЭР- граф», 2015. – 756 с.

[262] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 35-41.

[263] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Асари зикршуда. – С. 19.

[264] Махмудов И.Т. Прокурорский надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламентации. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – С. 60.

ҷиноятӣ зери шубҳа қарор мегирад[265]. Аз суханони зикрёфта ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷиҳати эътироф намудани натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далел ибтикори бевоситаи субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ зарур меояд. Ба ибораи дигар, агар маълум гардад, ки натиҷаҳои ФОҶ бархилофи муқарраротҳои КМҶ нест, он гоҳ ба эҳтимоли зиёд ҳамроҳ намудани маълумотҳои воқеӣ ҳамчун далел ҷой дорад. Дар қ.5 м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далелҳо истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумотҳо пурсиш карда шаванд. Дар ин маврид шахсоне, ки ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ворид карда шудаанд ва кормандони штатии ғайриошкоро метавонанд фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истиснои ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят, пурсиш карда шаванд[266].

Зимнан бояд зикр намуд, ки пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё суд дар асоси қарори сардори мақомоти анҷомдиҳандаи ФОҶ сурат мегирад. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ натиҷаҳои ФОҶ тариқи гузориш, протокол ё маълумотнома ба расмият даровварда мешаванд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи имконпазирии натиҷаҳои ФОҶ ба сифати далелҳо бояд давраҳои зерини таҳқиқи онҳо амалӣ карда шавад:

1) аниқ намудани мансубияти маълумотҳои бадастовардашуда бо предмети исботкунӣ (м.85 КМҶ ҶТ);

2) санҷиши риояи шартҳо ва асосҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва инчунин шакл ва мазмуни ҳуҷҷатҳое, ки рафти гузаронидани ин чорабиниҳоро инъикос менамоянд;

[265] Ниг.: Абдуллоев П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджик. нац. ун-та. Сер. гуманитарных наук. – 2013. – №3/4 (115). – С.113-122.

[266] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.05.2022).

3) риоя намудани талаботи қонунгузорӣ дар бобати ба расмият даровардани натиҷаҳои амалиётҳои тафтишотӣ зимни ҷамъоварии далелҳо;

4) аз ҷониби субъектони дахлдор ба даст овардани овардани далелҳо.

Ба назари мо, дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ ба таври мукаммал ба роҳ монда нашудааст. Ҳол он ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ФОҶ ҷиҳати огоҳонидан, пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм, одамрабоӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ нақши бориз дорад. Аз ин лиҳоз, м.84 КМҶ ҶТ бояд аз ҷониби масъулин таҷдиди назар карда шавад.

Дар м.84 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд. Аз ин рӯ, назари И.Т. Маҳмудов дар хусуси м. 84 бамаврид арзёбӣ мегардад. Мавсуф чунин изҳор менамояд: «моддаи мазкур дар ҳаҷми хело маҳдуд пешбинишуда наметавонад ба пуррагӣ моҳият ва имкони истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро дар ҷараёни исботкунӣ ошкор намояд».

Аз ҳамин лиҳоз, олими тоҷик бо мақсади такмил ва пурра инъикос намудани натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далел зарур мешуморад, ки м.84 КМҶ дар шакли зерин ифода ёбад: «натиҷаҳои ФОҶ барои тайёр ва иҷро кардани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва ошкор кардани ҷиноят, фош ва муқаррар намудани шахсоне, ки онҳоро тайёр мекунанд, содир менамоянд ва ё содир намудаанд ва ҳамчунин барои ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз иҷрои ҷазои саркашикарда бедарак гумшуда ва муайян намудан молу мулки мусодирашаванда истифода шуда метавонанд[267].

---

[267] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ / И.Т. Маҳмудов // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 39.

Дар фароварди сухан, бо мақсади такмили самаранокии муқарраротҳои КМҶ ҶТ, бахусус ҷиҳати бартараф намудани иштибоҳҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ якчанд таклифу пешниҳодҳои худро манзур менамоем:

1. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо, танҳо маълумотномаи корхона, ташкилот, муассиса, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод мегардаду халос. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҷиҳати ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул кардани онҳо бояд инъикос карда шавад. Ба назари мо, ворид намудани ин тағйирот ба падидаи ҷамъ овардани далелҳо ривоҷу тақвият мебахшад;

2. Пешниҳод менамоем, ки м.86 КМҶ ҶТ боздид ва аз нав мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Зеро, механизми ҷамъ овардани далелҳо ва минбаъд пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар дар КМҶ пешбинӣ нашудааст. Яъне, равшан нест, ки чӣ гуна ҳимоятгар далелҳои худро ба субъектони уҳдадории исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор) пешниҳод менамояд. Дар навбати худ заминаи мурофиавии қабул шудани ин далелҳо аз ҷониби ин субъектон дар КМҶ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки дар моддаи ҷудогона оид ба қабул гардидани далелҳои ба парвандаи ҷиноятӣ иртиботдошта аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ рӯйи кор оварда шавад. Зеро м. 175 КМҶ ҶТ (Ҳатмӣ будани баррасии дархост) пурра масъалаи мазкурро ба танзими ҳуқуқӣ даровarda наметавонад.

3. Таҳлили амиқи зербоби мазкур нишон дод, ки амалҳои тафтишӣ роҳи ягонаи ҷамъ овардани далелҳо нест. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин хотир, зарур мешуморем, ки қ.1 м.86 КМҶ ҶТ дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Ҷамъ овардани

далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад».

4. Баъдан зарур аст, ки бинобар вусъат ва инкишоф ёфтани меъёрҳои диспозитивӣ, принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо салоҳияти ҳимоятгар (м.53 КМҶ ҶТ) боздид карда шавад. Дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи ҷамъ овардани далел мо ба чунин хулоса омадем, ки ба ҳимоятгар ҳуқуқи гузаронидани мусоҳибаро бо дилхоҳ шахсе, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти аҳаммиятдоштаро соҳиб аст, дода шавад. Ба хусус, дар мавриде, ки он шахс аз ҷониби муфаттиш бинобар омилҳои объективӣ ё субъективӣ пурсида нашудааст. Ба назари мо, ҳуқуқи гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби ҳимоятгар то андозае баробарии тарафҳоро (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дар мурофиаи судии ҷиноятӣ нигоҳ медорад.

### 2.2. Таҳлили назарӣ, амалӣ ва танзими ҳуқуқии тафтиши далелҳо

Тафтиши далелҳо як риштаи бағоят муҳимми назарияи мурофиаи ҷиноятӣ буда, таҳлил ва баррасии он яке аз василаҳои асосии пажӯҳиш ва таҳқиқи бахши исботкунӣ маҳсуб мешавад. Тафтиши далелҳо дар рафти тафтиши пешакӣ ва судӣ ҷиҳати исбот кардани дараҷаи гунаҳгориву бегуноҳии шахси таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарордошта ва дар ин асос ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон мустақиман аз меъёрҳои Конститутсияи ҶТ сарчашма мегирад. Зеро таҳқиқу тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисона дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳии инсон пойдевори устувори ҳуқуқиро асос мегузорад. Тафтиши далелҳо ҳамчун воситаи махсуси таъмини ҳифзи ашхос аз айбдоркунии беасос, маҳкумкунии ғайриқонунӣ, маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои ӯ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ва дигар чораҳои бо қонун пешбининашуда пазируфта мешавад. Маҳз ҳангоми тафтиш эътимоднокии манбаъи далелҳои ҷамъовардашуда муайян карда шуда,

минбаъд мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдоршуда нисбати қазияи баррасишаванда баҳои ҳуқуқӣ медиҳанд.

Бо назардошти норавшанӣ ва номураттабӣ то кунун масоили унсурҳои раванди исботкунӣ аз зери назари олимону мурофиачиён дур нагаштааст. Қабл аз он, ки ба асли матлаб мегузарем, зарур мешуморем, ки маънои вожаи тафтишро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Мувофиқи китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» тафтиш маънои кофтуков, таҳқиқ ё санҷишро дорад[268]. Тибқи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад (соли 2010), тафтиш ба маънои кофта додани чизе, кофтуков, санҷиш, таҳқиқ, истинтоқ ва бозпурсӣ шарҳу тафсир шудааст[269].

Табиист, ки забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳоли инкишофу такомул ва тағйиру таҳаввул буда, пайваста мафҳумҳои нав ва маълумоти тозаи фаровон тавассути расонаҳои мухталифи ахборӣ ба он ворид мегардад. Аз ҳамин хотир, зимни омӯзиши монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ пай бурдан мумкин аст, ки ба ҷои тафтиши далелҳо, истилоҳҳои «таҳқиқ», «таҳқиқ», «таҳқиқот» ё «санҷидани далелҳо» мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ бахусус истилоҳи «таҳқиқи далелҳо» ва «санҷидани далелҳо» бештар ба мушоҳида мерасад.

Масалан, донишманди маъруфи ватанӣ З.Ҳ. Искандаров дар хусуси мавриди истифода қарор гирифтани вожаҳои «тафтиш» ва «санҷиш» дар қонунгузории ҶТ ибрози назар намуда, зикр менамояд: «Мутаассифона моддаи 87 КМҶ бархилофи талаботи ҳаммаъно истифода шудани калимаҳо дар санади меъёрии ҳуқуқӣ нодуруст «тафтиши далелҳо» ном гирифтааст. Маъмулан калимаи тафтишро чун фаъолияти муфаттиш ҳангоми тафтишот ва ё чун як қисми муҳокимаи судӣ – тафтиши судӣ истифода менамоянд. Бинобар ин, хуб мебуд, ки агар номи моддаи 87 КМҶ ба «санҷиши далелҳо» иваз карда

---

[268] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Н.А. Маъсумӣ. – Ҷ. II П-Ҷ. – Москва: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – С. 341.

[269] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 333.

шавад[270]. Олими дигари тоҷик Н.А. Абдуллоев ва академик М.А. Маҳмудов (М.А. Маҳмудзода)[271] низ вожаи санҷиданро рӯйи кор овардаанд[272].

Яқин аст, ки ин масоили ҳалталаб аз ҷониби муҳаққиқону олимон ба таври мухталиф ҳаллу фасл карда мешавад. Дар ин замина, ақидаҳои олимону муҳаққиқонро вобаста ба ин масоил шартан ба чаҳор гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум олимоне шомил мешаванд, ки таҳқиқи далелҳоро дар ҷараёни тафтиш ворид менамоянд, ба монанди Ф.Н. Фаткуллин[273].

Ба гурӯҳи дуюм бошад, муҳаққиқоне шомил мешаванд, ки баръакс таҳқиқи далелҳоро дар баробари ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо як ҷузъи мустақили раванди исботкунӣ мешуморанд. Чунончӣ, Р.С. Белкин дар заминаи омӯзиши масъалаи мазкур изҳор менамояд, ки ба ҷойи тафтиши далелҳо категорияи «таҳқиқи далелҳо» истифода карда шавад. Ба ақидаи муҳаққиқи номбурда «таҳқиқи далелҳо ин ҷараёни даркнамоии мазмуни далелҳо ва мавҷуд будани робита бо дигар далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда аз ҷониби муфаттиш ё суд арзёбӣ мешавад»[274]. Яъне, моҳияти асосии таҳқиқи далелҳоро мавсуф дар санҷиши саҳеҳ будан ё набудани иттилоот мефаҳмад.

Ба гурӯҳи сеюм олимоне шомил мешаванд, ки мафҳуми «тафтиш» ва «таҳқиқ»-ро ҳамчун синоним дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор додаанд, ба монанди В.Д. Арсенев[275] А.И. Винберг[276].

---

[270] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Баъзе аз масоили қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмуи далелҳо / З.Ҳ. Искандаров // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2019. – С. 21.

[271] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – С. 555.

[272] Ниг.: Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми якум: воситаи таълимӣ. – Душанбе, 1979. – С. 98-139.

[273] Ниг.: Фаткуллин Ф.Н. Общие проблемы процессуального доказывания. – 2-е изд., доп. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1976. – С. 12.

[274] Белкин Р.С. Избранные труды. – М.: Норма, 2009. – С. 167-168.

[275] Ниг.: Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств в советском уголовном процессе. – М., 1964. – С. 15-16.

[276] Ниг.: Винберг А.И. Криминалистика: учебник. – М.: Госюриздат, 1950. – Ч. 1. – 304 с.

Гурӯҳи чаҳорумро як гурӯҳ олимон, аз зумраи Н.А. Василиева, Г.Н. Мудюгина, В.А. Притузова, Л.Т. Улянова, Н.А. Якубович ташкил медиҳанд.

Олимони ишорагардида бар он ақидаанд, ки тафтиши далел унсури мустақили раванди исботкунӣ набуда, онро бо баҳодиҳии далелҳо рабт медиҳанд. Ба ибораи дигар, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо як ҷараёни ягонаву муайянеро ташкил медиҳад[277]. Дар робита ба ин масоил В.А. Притузова қайд менамояд, ки «баҳодиҳии далелҳо маънои муайян кардани муносибатро ба далели мавҷуда, санҷидани эътимоднокии онҳо бо роҳи таҳлил ва муқоиса бо дигар далелҳои дар парванда ҷамъовардашударо дорад»[278].

Гузашта аз ин, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ақидаҳое, низ ҷой доранд, ки тафтиши далелҳоро дар низоми исботкунӣ пурра инкор менамоянд. Масалан, ба назари А.М. Ларин исботкунӣ дар маҷмуъ аз ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳо иборат набуда, танҳо аз фаъолияти мураккаби субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки баҳри даркнамоии ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ равона шудааст, иборат мебошад. Яъне, барои муқаррар кардани ҳақиқат факти асосиро ошкор намудан кифоят аст[279]. Тибқи андешаҳои ҷойдошта, «факти асосӣ – ин маҷмуи ҳолатҳоест, ки таркиби ҷиноят (объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ, субъекти ҷиноят) ё ин ки факти содиршавии ҷиноят аз ҷониби шахсро таҷассум менамояд»[280].

Дар навбати худ, мо бо ақидаи манзуршуда ҳамфикр буда наметавонем. Воқеан, чунин андешаҳо мансуби даврони Шуравӣ буданд ва миёни дигар андешаҳо ба истилоҳ «ҳукмрон» буданд[281]. Аммо, дар фаҳмиши имрӯза, бо дарназардошти инкишоф ёфтани илми мурофиаи ҷиноятӣ ва васеъ шудани предмети исботкунӣ (ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот

[277] Ниг.: Васильев А.Н., Мудьюгин Г.Н., Якубович Н.А. Планирование расследования преступлений. – М., 1957. – С. 103-105.
[278] Притузова В.А. Заключение эксперта как доказательство в уголовном процессе. – М., 1959. – С. 75.
[279] Ниг.:Ларин А.М. Работа следователя с доказательствами. – М.: Юрид. лит., 1966. – С. 8-9.
[280] Лазарева В.А. Проблемы доказывания в современном уголовном процессе России: учебное пособие. – Самара: Издательство «Самарский университет», 2007. – С. 98.
[281] Ниг.: Строгович М.С. Материальная истина и судбеные доказательства в советском уголовном процессе / Отв. ред. Б.С. Никифоров. – М.: Издательство АН СССР, 1955. – С. 281-282.

карда шаванд, манзур м.85 КМҶ ҶТ) унсурҳои исботкуниро ба ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳои ҷудо менамоянд.

Зимни омӯзиши корҳои илмии минбаъдаи А.М. Ларин пай бурдан мумкин аст, ки мавқеи ӯ нисбати тафтиши далелҳо ва умуман падидаи исботкунӣ каме тағйир ёфтааст. Чунончӣ, муҳаққиқи номбурда чунин мешуморад, ки «тафтиш аз ҷамъ намудани далелҳои иловагӣ иборат аст, ки далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятии мавҷударо тасдиқ ё рад менамояд»[282]. Бо вуҷуди ин, А.М. Ларин тафтиши далелро ҳамчун унсури мустақили исботкунӣ қабул надорад.

Муҳаққиқи дигаре, ки истилоҳи «таҳқиқи далел»-ро истифода менамояд, ин П.Ф. Пашкевич маҳсуб меёбад. Муҳаққиқи зикрёфта изҳор менамояд, ки субъектони исботкунӣ танҳо дар натиҷаи таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи далелҳо имконияти баҳодиҳии дурусти онҳоро доранд[283]. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар замони муосир муҳаққиқоне низ вуҷуд доранд, ки дар корҳои илмию таҳқиқотии худ истилоҳи «таҳқиқи далел»-ро мавриди истифода қарор додаанд[284]. Муҳаққиқи зикрёфта, дар баробари ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, баъзе унсурҳои дигарро ба сохтори падидаи исботкунӣ, бахусус «таҳқиқи далел»-ро ворид менамояд[285].

Ақидаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст, андешаи муаллифони «Назарияи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятии Шуравӣ» ба шумор меравад. Онҳо бар он андешаанд, ки ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо унсурҳои алоҳидаи исботкунӣ набуда, дар ҳамбастагӣ як ҷараёнро ташкил медиҳанд, ки онро «тафтиши далелҳо» ном мебаранд. Ҳамзамон, изҳор медоранд, ки ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо бо усули умумӣ ба амал бароварда мешаванд[286]. Олими ватанӣ, А.Л. Арипов низ ҷонибдори ҳамин ақида буда, чунин мешуморад: «Раванди

---

[282] Ларин А.М. Расследование по уголовному делу: Процессуальные функции. – М., 1986. – С. 19; Ларин А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М. Уголовный процесс России: Лекции-очерки. – М., 1997. – С. 112-114.
[283] Ниг.: Пашкевич П.Ф. Объективность судебного исследования уголовного дела / П.Ф. Пашкевич // Сов. юстиция. – 1961. – №4. – С. 5.
[284] Ниг.: Россинский С.Б. Концептуальные основы формирования результатов «невербальных» следственных и судебных действий в доказывании по уголовному делу: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2015. – С. 9.
[285] Ниг.: Россинский С.Б. Досудебное производство по уголовному делу: сущность и способы собирания доказательств: монография. – М., 2021. – С. 116.
[286] Ниг.: Теория доказательств в советском уголовном процессе / Под ред. Н.В. Жогина. Гл. 6. . – М., 1975. – С. 431.

исботкунӣ зуҳуроти ягонаест, ки тамоми унсурҳои он (ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо) дар алоқамандии зич қарор доранд. Фаҳмиши оне, ки муфаттиш нахуст далелҳоро ҷамъоварӣ ва сониян онҳоро тафтиш ва баҳодиҳӣ менамояд, воқеиятро таҷассум намекунад»[287].

Ба назари мо, ин ақида бо дарназардошти фаҳмиши муосири раванди исботкунӣ чандон мувофиқи мақсад нест. Зеро дар зербоби қаблӣ мо иброз доштем, ки раванди исботкунӣ аз се унсури ҷудогона (ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо) иборат мебошад ва ҳар як унсур хусусиятҳои ба худ хосро доро аст. Масалан, субъектони ҷамъоварии далелҳо метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва ғ. бошанд. Субъектони тафтиши далелҳо бошад, танҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя, ки бо КМҶ ҶТ ваколатдор шудаанд, шуда метавонанд[288]. Гузашта аз ин, КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шаванд. Яъне, аз муқаррароти мазкур чунин бармеояд, ки тафтиш танҳо баъд аз ҷамъ овардани далелҳо аз ҷониби субъектони ваколатдор анҷом дода мешавад.

Ҳамин тариқ, Н.П. Кузнетсов дуруст зикр менамояд, ки «тафтиши далелҳо воқеан унсури мустақили раванди исботкунӣ маҳсуб меёбад ва дилхоҳ амали мурофиавӣ, ки бо ёрии он маълумоти барои парванда аҳаммиятдошта ба даст оварда мешавад, ҳамзамон ба тафтиши маълумоти мавҷуда нигаронида шудааст»[289]. Мурофиачиёни дигар низ ҷой доранд, ки мавқеи пешгирифтаи Н.П. Кузнетсовро дар хусуси унсури мустақили раванди исботкунӣ эътироф гардидани тафтиши далелҳо дастгирӣ менамоянд[290].

---

[287] Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 43.

[288] Лозим ба ёдоварист, ки м. 87 КМҶ ҶТ (тафтиши далелҳо) пешбинӣ накардааст, ки тафтиши далелҳо маҳз аз ҷониби муфаттиш, прокурор, суд, судя ба анҷом расонида мешавад.

[289] Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1998. – С. 57-58.

[290] Ниг.: Валяев А.И. Проверка доказательств как самостоятельный элемент процессуального доказывания / Актуальные проблемы судоустройства, судопроизводства и прокурорского надзора. – М., 1985. – С. 108-109; Маслов А.Г. Проверка доказательств – средство обеспечения законности в уголовном судопроизводстве / А.Г. Маслов // Вопросы уголовного процесса. – 1989. – №4. – С. 42-45.

Мо низ ҷонибдори ин андеша буда, тарафдори он мебошем, ки тафтиши далелҳо дар баробари дигар унсурҳои раванди исботкунӣ ҷойу мавқеи ҷудогонаи худро соҳиб гаштааст. Ҷиҳати мустаҳкам намудани мавқеи мазкур якчанд амалҳои тафтиширо ишора намудан мумкин аст, ки таъиноти асосии онҳо тафтиш намудани далелҳо мебошад, ба монанди озмоиши тафтишӣ (эксперименти тафтишӣ), санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан ва ғ.

Мутобиқи м.87 КМҶ ҶТ далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шаванд. Тафтиш аз таҳлили далелҳои бадастовардашуда, муқоисаи онҳо бо дигар далелҳо, далелҳои нави ҷамъовардашуда, манбаъҳои бадастовардашудаи далелҳо иборат аст[291]. Дар заминаи таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи моддаи мазкур, мо ба хулосае омадем, ки раванди тафтиши далелҳо аз фаъолияти якҷояи амалӣ ва равонӣ ё худ ақлонӣ иборат мебошад.

Бояд тазаккур намуд, ки ба қисмати фаъолияти равонии тафтиши далелҳо муқоиса намудани далелҳои аз ҷониби субъектони исботкунӣ ҷамъовардашуда мансуб дониста мешавад. З.З. Зинатуллин, Т.З. Егорова,Т.З. Зинаттулин дар робита ба ин масоил чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки дар рафти фаъолияти равонии тафтиши далелҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор аз усулҳои (методҳои) индуктивӣ, дедуктивӣ, таҳлил ва синтез, ки хоси илми мантиқ аст, васеъ истифода менамоянд[292]. Бо истифода аз усули таҳлил ва синтези далелҳо мазмун, хусусиятҳо ва мутобиқат бо дигар далелҳои мавҷудаи парванда муқаррар карда шуда, дар бораи пайдоиши онҳо низ бархе фарзияҳо пайдо намудан мумкин аст[293].

Қисмати амалии тафтиши далелҳо бошад, аз ҳаракатҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, ки дар ҷараёни он далелҳои ҷадид ба даст оварда мешаванд,

---

[291] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, тахти №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

[292] Ниг.: Зинатуллин З.З., Егорова Т.З., Зинатуллин Т.З. Уголовно-процессуальное доказывание. Концептуальные основы. – Ижевск, 2002. – С. 113.

[293] Ниг.: Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 49.

иборат мебошад. Дар ин хусус, Ю.К. Орлов изҳор менамояд, ки тафтиш одатан бо роҳи ба даст овардани далелҳои ҷадид, ки мустақим ё ғайримустақим далелҳоро тасдиқ (рад) менамояд, ба амал бароварда мешавад[294]. Лозим ба зикр аст, ки далелҳои мустақим ва ҳам далелҳои ғайримустақим бояд мавриди тафтиш қарор дода шаванд.

Тасдиқ ё рад шудани далелҳои мустақим зимни тафтиш ҷиҳати сари вақт, пурра ва ҳамаҷониба баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, аҳаммияти мустақил доранд. Масалан, дар роҳи автомобилгарди шаҳри В. ҷинояти м.212 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт) содир гардид. Муфаттиш, дар рафти тафтиши пешакӣ як қатор ҳаракатҳои тафтиширо ба амал баровард ва якчанд шахсро (ронандаҳои автомашинаҳо) ҳамчун шоҳид мавриди пурсиш қарор дод. Дар асоси дархости ҳимоятгар, муфаттиш як нафари дигарро, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ иттилоот дорад, мавриди пурсиш қарор медиҳад[295]. Ҳолати мазкур ба муфаттиш шароит фароҳам меоварад, ки нишондодҳои шоҳиди ҷалбшударо бо нишондодҳои шоҳидоне, ки аллакай пурсиш карда шудаанд, муқоиса намояд.

Тасдиқ шудани далелҳои ғайримустақим зимни тафтиш аҳаммияти мустақил ба ҷараёни исботкунӣ надоранд (масалан, маълумот дар бораи шахсияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ба монанди шоҳид, тарҷумон, мутахассис ва ғ.).

Суханони дар боло зикргардида бозгӯйи онанд, ки ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо ҳамчун унсури раванди исботкунӣ дар алоқамандии ногусастанӣ қарор доранд[296]. Ба ақидаи Г.М. Минковский воситаҳои ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо якзайл ба роҳ монда мешавад:

---

[294] Ниг.: Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. Научно-практическое пособие. – М., 2000. – С. 73.

[295] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-54/23 // Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[296] Ниг.: Миньковский Г.М. Общая характеристика способов собирания и проверки доказательств / Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – М., 1973. – С. 366-426.

1) Амалҳои тафтишӣ ва судӣ вобаста ба ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо;

2) Амалҳои санҷишӣ (проверочные действия) дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;

3) Талаб намудани ҳуҷҷатҳо ва предметҳо бо ташаббуси мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

4) Қабул намудани иттилоот (аз ҷумла, ҳуҷҷатҳо ва предметҳо)[297].

Н.П. Кузнетсов дар таҳқиқоти хеш тафтиши далелҳоро мушаххас ва муташаккилона мавриди омӯзиш қарор дода, иброз медорад, ки: «таҳлили муҳтавои ҳар як далел дар алоҳидагӣ ва муқоиса намудани онҳо бо дигар далелҳои мавҷуда дар парвандаи ҷиноятӣ шакли равонӣ ва мантиқии тафтиши далелҳо маҳсуб меёбад. Ҷамъоварии далелҳои ҷадид бошад, қабл аз ҳама фаъолияти амалиявӣ аст»[298]. Мавқеи шабеҳро дар ин хусус А.В. Рудин дорад[299].

Ақидаҳои зикрёфта бори дигар собит менамояд, ки тафтиши далелҳо ҳамчун унсури умумиҳатмии раванди исботкунӣ аз фаъолияти равонӣ ё худ ақлонӣ ва фаъолияти амалиявӣ иборат мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти амалӣ барои ба даст овардани далелҳои нав, ки далелҳои тафтишшавандаро тасдиқ ё рад мекунанд, равона карда шудааст. Аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи м.87 КМҶ ҶТ аён мегардад, ки тафтиши далелҳо воқеан аз фаъолияти равонӣ ё худ ақлонӣ ва фаъолияти амалӣ иборат буда, бо ақидаҳои манзуршуда мутобиқат менамояд. Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки тафтиши далелҳо аз рӯйи табиат ва хусусиятҳои худ бо дигар унсури исботкунӣ баҳо додани далелҳо шабеҳият дорад.

Масъалаи дигаре, ки то кунун миёни олимону муҳаққиқон ақидаи муайяну умумиэътирофшуда ба назар намерасад, ин омезиш ёфтани тафтиш

[297] Ниг.: Минковский Г.М. Общая характеристика способов собирания и проверки доказательств / Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – М., 1973. – С. 110.
[298] Кузнецов Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1998. – С. 56.
[299] Ниг.: Рудин А.В. Проверка доказательств в системе элементов процесса доказывания по уголовным делам / А.В. Рудин // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2015. – №4. – С. 8.

бо баҳо додани далелҳо мебошад. Воқеан, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот дар илми мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ин ду зуҳурот (тафтиш ва баҳо додани далелҳо) аз рӯйи бархе аз ҷузъиётҳо бо ҳам монанд ҳастанд. Чун баҳо додани далелҳо дар баробари тафтиши далелҳо низ аз фаъолияти равонӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, ақидаҳои ҷолибро дар ин бобат манзур намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Ба назари мо, ақидаи ҷолиб ва диққатҷалбкунандаро дар бобати ҷудо намудани ҳудуд ё доираи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо М.М. Михеенко ироз намудааст. Мавсуф изҳор менамояд, ки фарқияти асосии тафтиши далелҳо аз баҳодиҳии далелҳо дар он аст, ки тафтиши далелҳо ҳам бо роҳи амалҳои тафтишию судӣ ва ҳам бо ёрии фаъолияти ақлонӣ ба амал бароварда мешавад. Баҳодиҳии далелҳо бошад, фаъолияти сирф ақлонӣ мебошад[300]. Гарчанде ки ақидаи мазкур ба қарни XX рост меояд, аммо мавқеи ишғолкардаи М.М. Михеенко дар бобати фарқияти тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ҳанӯз ҳам мубрам арзёбӣ мешавад. Зиёда аз ин, чунин ба назар мерасад, ки олимону муҳаққиқони даврони муосир ба муҳиммияти масъалаи мазкур мароқ зоҳир намуда, назарҳои мухталифи худро пешбарӣ намуда истодаанд. Ин ҳам бошад, дар заминаи вусъат ёфтани қонунгузорӣ, назария ва пешрафти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ сурат гирифта истодааст.

Ҷиҳати ҳарчи фарохтару паҳновар пажуҳиш намудани зуҳуроти исботкунӣ, бахусус ошкор намудани хусусиятҳои фарқкунандаи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо муҳаққиқи рус Ю.К. Орлов борҳо ибрози назар намудааст, ки мазмунан бо ақидаи қаблан ишорагардидаи М.М. Михеенко шабеҳият дорад. Мавсуф қоидаи махсусро вобаста ба ҷудо намудани зуҳуроти тафтиш ва баҳо додани далелҳо пешниҳод менамояд: «дар ҷойе, ки сухан дар бораи сирф ҷараёни равонӣ меравад, баҳодиҳӣ аст, дар мавриде, ки ба ғайр аз фаъолияти равонӣ ҳамчунин фаъолияти амалиявӣ мушоҳида мешавад, тафтиш

---

[300] Ниг.: Михеенко М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве. – Киев Изд. Высщая школа 1984. – С. 11-13.

маҳсуб меёбад»[301]. Яъне, дар тафтиш фаъолияти пайдарҳамии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд тариқи мушоҳида, муқоиса, хондан, тавсифнамоӣ, андозагирӣ ва ғ. ба роҳ монда мешавад.

Ба назари мо, ақидаҳои манзургардида дар хусуси муайян намудани фарқияти асосӣ байни унсурҳои тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар маҷмуъ қобили қабуланд. Аммо, вақте ки сухан дар бораи ду зуҳуроти ҷудогона меравад, нахуст бояд хусусиятҳо ва ҷанбаҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ва сониян дар робита ба онҳо хулосабарорӣ намуд. Ба андешаи банда, муҳаққиқон М.М. Михеенко ва Ю.К. Орлов фарқияти онҳоро танҳо аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолият мепиндоранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, ин мавқеи олимон барои мо аз нигоҳи назариявӣ қобили ҷонибдорианд.

Дар баробари ин, олимони дигарро низ ишора намудан бамаврид аст, ки ҷанбаҳои фарқкунандаи тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро аз рӯйи нишондодҳои дигар низ манзур намудаанд. Чунончӣ, тибқи андешаҳои А.В. Рудин ва О.А. Берзин тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танҳо дар асоси донишҳои назариявӣ тафовут гузоштан чандон қобили қабул нест, зеро аз лиҳози амалиявӣ ҳарсе унсурҳои исботнамоӣ дар фазои «ягонаи диалектикӣ» қарор дошта, ҷудо намудани онҳо ғайриимкон аст[302]. Воқеан, дар раванди амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян намудани ба истилоҳ «марз» миёни тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бениҳоят душвор аст, зеро ҳардуи унсур дорои сифатҳои равонӣ (ақлонӣ) аст.

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди андешаҳои мухталиф бобати таносуб ва фарқияти тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, банда бар он андеша аст, ки аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолияти онҳо тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо аз якдигар фарқ доранд, вобаста ба ҷанбаҳои амалиявӣ бошад, байни ин ду зуҳурот фарқ гузошта намешавад. Зимнан бояд таъкид намуд, ки қонунгузор бешак ин ду

[301] Орлов Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе. – М., 2009. – С. 116.
[302] Ниг.: Рудин А.В. Берзин. Доказательства в уголовном процессе: вопросы соотношения их проверки и оценки / А.В. Рудин // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2017. – №1. – С. 57.

унсури исботнамоиро аз ҳам ҷудо намудааст. Масалан, КМҶ ҶТ мутаносибан ба унсури тафтиши далелҳо (м.87) ва баҳодиҳии далелҳо (м.88)-ро бахшидааст.

Масоили дигаре, ки дар доираи зербоби мазкур аз мавриди пажуҳиш қарор дода мешавад, ин **воситаҳои тафтиш намудани далелҳо** маҳсуб меёбад. Ҷиҳати муайян намудани воситаҳои тафтиши далелҳо ба м.87 КМҶ ҶТ муроҷиат намудан бамаврид аст. Мутобиқи моддаи мазкур, воситаҳои зерини тафтиши далелҳо ҷой доранд: 1) таҳлили далелҳои бадастовардашуда, 2) муқоиса намудани далелҳои тафтишшаванда бо далелҳои дигар; 3) муайян намудани манбаъҳои бадастовардашудаи далелҳо; 4) ба даст овардани далелҳое, ки далелҳои қаблан ҷамъовардашударо тасдиқ ё рад менамояд.

Дар баъзе мавридҳо ҳолатҳое ҷой дорад, ки мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ маҳз тафтиши далелҳоро яктарафа ва бо риоя накардани талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди амал қарор дода, оқибат боиси ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ё қабули ҳукми сафедкунанда мегардад. Масалан, дар ҶТ (соли 2020) 20 парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Дар соли 2021 бошад, ин нишондод 11 ҳолатро ташкил медиҳад[303].

Соли 2022 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 19 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 22 нафар асоснок ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст, ки ба мақомоти прокуратура 12 парвандаи ҷиноятӣ ва ба мақомоти ВКД ҶТ 7 парвандаи ҷиноятӣ рост меоянд[304].

Зимни омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ як зумра ҳолатҳоеро ошкор намудан мумкин аст, ки дар асоси онҳо бо дарназардошти ҷиддан риоя накардани талаботи қонун парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида мешаванд:

---

[303] Ниг.: Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2021 / Рахмаджонзода Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Том 2. – Душанбе, 2022. – С. 115.

[304] Ниг.: Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2022.

– таъмин накардани ҳимоятгар ба гумонбаршуда ё айбдоршаванда (дар ҳолате ки мутобиқи м.51 КМҶ ҶТ иштироки ӯ ҳатмист) дар рафти тафтишоти пешакӣ;

– таъмин накардани тарҷумон ба гумонбаршуда ё айбдоршавандае, ки забони пешбурди парвандаи ҷиноятиро намедонад;

– ба таври дахлдор анҷом надодани амалҳои тафтишӣ, аз қабили азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, пурсиш, кофтуков ва ғ.

– бандубасти нодурусти ҷиноятҳо.

Чунончӣ, аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ба В.З.В. ва Ю.Ф Р. бо м. 253 қ.2 банди «б» қ.2 КҶ ҶТ барои он айб эълон карда шудааст, ки В.З.В. ҳангоми ба ҳайси агент оид ба ташкили хизматрасонии ҳамлу нақли ҳавоии бахши хизматрасонӣ ба мусофирони ХИТФ-и ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» фаъолият карданаш, 3 августи соли 2018 соати 05:30 дақиқа, басти кориро дар толори умумии бақайдгирии мусофирони ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» қабул кардааст. Худи ҳамон рӯз ҳангоми бақайдгирии мусофирони хатсайри №201 самти «Душанбе – Москва» ва бағоҷи онҳо, ки соати 05:30 дақиқа оғоз гардида, соати 07:21 дақиқа ба анҷом расида буд, ба наздаш шаҳрванд С.М, ки ба ин хатсайр чиптаи ҳавопаймоӣ надошт, бо мақсади парвоз кардан бо хатсайри мазкур, барои бақайдгирӣ ҳозир гардидааст. В.З.В. бархилофи талаботи дастурамали хизматиаш амал намуда, маълумотҳои шиносномаи СМ-ро бо маълумотҳои дар системаи электронии бақайдгирии чиптаҳои ҳавопаймоии ҳамин хатсайр ҷойдошта дуруст муқоиса накарда, нисбат ба иҷрои вазифаҳои хизматиаш беэътиноёна муносибат карда, ба ҷойи мусофир С.А, ки бо ин хатсайр чиптаи ҳавопаймои дошта, аммо барои бақайдгирӣ ва парвоз намудан бо ин хатсайр ба фурудгоҳ ҳозир нагардидааст, ному насаби СМ-ро бо 20 кг бору бағоҷ ба хатсайри мазкур ба қайд гирифтааст. Сипас, ӯ СМ-ро дар рӯйхати мусофирон ҷойи нишасти 25А қайд намуда, корти нишастро ба ному насаби С.А. тартиб

дода, ба номбурда, ки бе чипта тавассути ин хатсайр ба шаҳри Москваи ФР парвоз карданӣ буд, додааст.

Мақомоти тафтишоти пешакӣ ба В.З.В. ва Ю.Ф.Р. бо моддаи 253 қ.2 банди «б»-и КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф, бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд, айб эълон кардаанд. Суди марҳилаи якум парвандаи ҷиноятиро ба тафтишоти иловагӣ баргардонида, дар таъиноташ қайд намудааст, ки аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ зимни тафтиши парвандаи ҷиноятии мазкур талаботи қонун дар хусуси ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонун андешида нашудааст. Камбудиҳое, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ роҳ дода шудаанд, дар мурофиаи судӣ бартараф намудан имконнопазир мебошад[305].

Ба назари мо, бо мақсади аз байн бурдан ё коҳиш додани иштибоҳҳои мурофиавӣ аз ҷониби субъетони дорои уҳдадории исботкунӣ бояд як қатор чораҳои дахлдор андешида шаванд:

1) то андозае баланд бардоштани шуури ҳуқуқии субъектони бо қонун ваколатдоршуда, ки пеш аз ҳама дар баровардани қарорҳои қонунӣ ва асоснок ифода меёбанд;

2) баланд бардоштани сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқии субъектони босалоҳият дар раванди исботкунӣ, ки дар қабул намудани қарорҳои мурофиавӣ нақши бориз доранд;

3) пурзӯр намудани ҷавобгарии инфиродии субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, дар симои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя (ҷавобгарии интизомӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ);

4) пурзӯр намудани назорати курсу семинарҳои мақсадноки субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ;

---

[305] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии 1-14/20 // Бойгонии суди ш. Душанбе.

5) андешидани чораҳои муносиб ва бамаврид нисбати субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, ки зимни ба амал баровардани функсияҳои хизматии худ меъёрҳои ҳуқуқӣ ё ахлоқиро ҷиддан вайрон кардаанд.

Ба ақидаи мо, маҳз ба таври комплексӣ ва низомнок чораандешӣ намудани масъалаи мазкур боиси ҳалли мушкилоти ҷойдошта мегардад.

Мусаллам аст, ки дар тафтиш нақши мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ ниҳоят назаррас буда, билохира ба хулосаву қарорҳои мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ, шахсони мансабдори ваколатдоршуда, далелҳои ҷамъовардашуда аз рӯйи принсипҳои баробарӣ дар назди қонун ва суд, эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият, қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҷониби суд баҳо дода мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, нақши прокурор ҳамчун субъекти мустақими тафтиш ва ҳамзамон анҷомдиҳандаи назорати иҷрои қонунҳо дар самти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бениҳоят аҳаммиятнок арзёбӣ мешавад. Бо мақсади самаранок анҷом додани рисолати худ прокурор вазифадор аст дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҷиҳати таъмини имконпазирии далелҳо чораҷӯӣ намояд[306]. Ёдрас бояд шуд, ки прокурор дар баробари таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд вазифадор аст далелҳои аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашударо комилан ва холисона тафтиш намояд ва ин муқаррарот мутаассифона дар м.87 КМҶ ҶТ мустақиман пешбинӣ нашудааст. Ишора нагардидани субъектони тафтиши далелҳо дар м.86 барои мо муаммо боқӣ мемонад. Ин ҳам дар ҳолест, ки то кунун дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсири расмии КМҶ ба тасвиб нарасидааст ва тафсири мазкур метавонист ба масъалаи мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ то андозае равшанӣ андозад.

**Муқоисаи далелҳои ҷамъовардашуда.** Ба назари мо, масъалаи муқоиса намудани далелҳои ҷамъовардашуда бояд ба таври густурда мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Зеро муқоисаи далелҳо дар асоси усули муқоисавӣ ба роҳ

---

[306] Ниг.: Халифазода М.Н. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавии ба даст овардани далелҳо бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ / М.Н. Халифазода // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 69.

монда мешавад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз роҳҳои маъмули такмил додани қонунгузорӣ арзёбӣ мешавад. Бо роҳи муқоиса намудан мухолифати байни далелҳо ошкор мегардад ва бартараф кардани ин мухолифатҳо имконият медиҳад далелҳои нав ба даст оварда шаванд[307].

Мавриди зикр аст, ки маҳаки марказии тамоми мурофиаи судии ҷиноятиро таъмини эҳтироми шаъну шарафи шахс ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, субъектони исботкунӣ вазифадор мегарданд, ки на танҳо далелҳои айбдоркунанда, балки далелҳои сафедкунандаро низ ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намоянд[308].

Аз ин ҷост, ки маҳз ҳангоми муқоиса ва таҳлил намудан далелҳо ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо карда мешаванд. Яъне, зимни муқоисаи дахлдори далелҳо субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ муайян менамоянд, ки кадоме аз далелҳои ҷамъовардашуда мустақим ва кадоме аз онҳо ғайримустақиманд. Ба ақидаи мо, далелҳои айбдоркунанда ва сафедкунанда низ дар заминаи муқоиса намудани далелҳои мавҷуда муайян карда мешаванд. Масалан, дар содир намудани ҷинояти одамкушӣ (м.104 КҶ ҶТ) шаҳрванд Р. ба ҳайси гумонбар (дар асоси нишондоди шоҳид) аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ дастгир карда шуда, нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид. Зимни пурсиши гумонбаршуда муайян карда шуд, ки ӯ дар вақти содиршавии ҷиноят ҷисман ҳеҷ имкон надошт, ки ҷинояти мазкурро содир намояд. Ин ҳам дар ҳолест, ки наворҳои видеоӣ ва хулосаҳои ташхисҳои судӣ-тиббӣ, судӣ-биологӣ иштирок надоштани ӯро дар содир намудани ҷиноят собит намуданд. Аз мисоли овардашуда чунин бармеояд, ки муфаттиш усули муқоисавии далелҳоро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳои айбдоркунандаро аз сафедкунанда ва далелҳои мустақимро аз ғайримустақим ҷудо намудааст.

Ҳолати мазкур собит менамояд, ки танҳо дар мавриди қотеъона иҷро намудани талаботи қонун ва анҷом додани рисолати касбии худ субъектони

---

307 Ниг.: Мурофиаи ҷиноятӣ : китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 160.

308 Ниг.: Исоев М.Ш. Защита прав человека в судебном процессе / М.Ш. Исоев // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №1. – С. 35.

ваколатдор дар робита ба ин ё қазияи мурофиавӣ метавонанд қарорҳои дахлдори қонунӣ ва асоснок бароранд.

Ба қавли И.Б. Михайловская муқоисаи далелҳо бо дигар далелҳои нави ҷамъовардашуда дар равандаи тамоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ сурат гирифта метавонад[309]. Дар ҳақиқат ба андешаи муҳаққиқи номбурда розӣ шудан раво дониста мешавад, зеро дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳолатҳое ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки аз ҷониби ҳимоятгар далелҳое, ки дар натиҷаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба зерҳимояаш расонида мешавад, ба муфаттиш (ҳангоми тафтиши пешакӣ) ё ин ки ба раисикунанда (ҳангоми тафтиши судӣ) пешниҳод мегарданд. Табиист, ки ҳар як далели пешниҳоднамудаи ҳимоятгар дар баробари дигар далелҳо бояд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, онҳо муқоиса карда шаванд. Ниҳоят натиҷаи муқоисаи далелҳои мавҷуда возеҳу равшан нишон медиҳанд, ки манбаъҳои бадастовардашудаи далелҳо то чӣ андоза боэътимод пазируфта мешаванд.

Ҳамин тариқ, мақсади асосии муқоисаи далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ – ин аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ бартараф намудани ҳама гуна ихтилофот, шакку тардид мебошад, ки ҷиҳати пурра ва ҳамаҷониба тафтиш кардани ҳолатҳои кор мусоидат менамояд.

**Муайян намудани манбаъҳои бадастовардашудаи далелҳо** дар баробари муқоисаи далелҳо воситаи дигари тафтиши далелҳо ба шумор меравад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ муҳаққиқону олимони риштаи мурофиаи ҷиноятӣ мафҳуми сарчашмаи далел ва сарчашмаи маълумотҳои воқеиро аз ҳам ҷудо менамоянд. Ба назари В.М. Лебедев сарчашмаи дилхоҳ намуди далел ҳамеша шахс (субъекте, ки бо дарназардошти ҳолати ҳуқуқиаш аз ӯ далел бармеояд) баромад менамояд. Мафҳуми мазкурро ба эътибор гирифта сарчашмаи далелҳо гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, шахси холис, коршинос, тарҷумон, айбдоркунандаи хусусӣ, мутахассис, муфаттиш,

[309] Ниг.: Михайловская И.Б. Глава 11. Доказывание // Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под ред. И.Л. Петрухина. – М.: ООО «ТК Велби», 2002. – С. 149.

таҳқиқбаранда, прокурор судя шуда метавонанд[310]. Доираи сарчашмаҳои маълумоти воқеӣ бошад, дар қ.2 м.72 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Мавриди зикри хос аст, ки КМҶ ҶТ мафҳуми «манбаи ё худ сарчашмаи бадастовардашудаи далел»-ро пешбинӣ накардааст, аммо агар муқаррароти м.87 КМҶ ҶТ-ро айнан тафсир намоем, маълум мегардад, ки сухан дар бораи аз куҷо пайдо гардидани маълумоти воқеӣ меравад. Масалан, м.74 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки агар ҷабрдида сарчашмаи маълумоти додаашро нишон дода натавонад, он далел шуда наметавонад. Гузашта аз ин, нисбати нишондоди шоҳид ва ҷабрдида аз ҷониби субъектони исботкунӣ ҳамеша тафтиш дар шакли муқаррар намудани манбаъи бадастовардашудаи далелҳо ба амал бароварда мешавад.

Дар раванди муайян намудани манбаъҳои бадастовардашудаи далелҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд қабл аз ҳама бояд сарчашмаи авалияи маълумоти воқеии барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро муайян намоянд. Ҳамзамон, субъектони ишорагардида вазифадоранд, шахсоне, ки бо сабаби норасоиҳои ҷисмонӣ ё руҳӣ қобилият надоранд, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршавандаро дуруст дарк ва барқарор намоянд, муайян кунанд. Яъне, ин ҷо сухан дар бораи нишондодҳои шоҳид рафта истодааст, ки мутобиқи муқаррароти қ.2 м.72 КМҶ ҶТ ба сифати далел баромад менамоянд. Айнан чунин талабот нисбати нишондодҳои ҷабрдида низ татбиқ мегардад.

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҷиҳати муайян намудани манбаи бадастовардашудаи далелҳо субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ вобаста ба пайдо шудани шубҳа нисбати нишондодҳои шоҳид ё ҷабрдида таъини ҳатмии экспертизаро зурур мешуморанд. Ҳамчунин, бояд тазаккур дод, ки ҳуҷҷатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта низ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҷиҳати боэътимод будан ё

---

[310] Ниг.: Научно-практический комментарий Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации 7-е издание, переработанное и дополненное / Под общ. Ред. Председателя Верховного Суда РФ, заслуженного юриста РФ, доктора юридических наук, профессора В.М. Лебедева; научный редактор – заслуженный деятель науки РФ, доктор юридических наук, профессор В.П. Божьев. – Москва: Юрайт, 2010. – С. 349.

набудани сарчашмаи далел мавриди тафтиш қарор мегиранд, масалан, аслӣ ё худ ҳақиқӣ будани шаҳодатномаи хизматиро муфаттиш муайян менамояд.

Дар бобати муайян намудани манбаи далелҳо А.В. Смирнов бамаврид зикр менамояд, ки «ҳангоме, ки манбаи маълумоти гирифташуда номаълум ё номуайян аст, ин норасоиро бо ҷамъоварии далелҳои иловагӣ рӯйпуш намудан мумкин аст»[311].

**Ба даст овардани далелҳои наве, ки далелҳои қаблан ҷамъовардашударо тасдиқ ё рад менамояд**. Далели тасдиқшуда дар баробари далели радшуда натиҷаи фаъолияти ба даст овардани далелҳои ҷадид ва баҳо додани онҳо фаҳмида мешавад. Масалан, вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо м. 104 КҶ ҶТ шаҳрванд Б. бо дарназардошти далелҳои мавҷуда ҳамчун гумонбаршуда аз ҷониби муфаттиш ҷалб карда шудааст. Дар навбати худ, гумонбаршуда шаҳрванд Б. дар нишондоди худ изҳор менамояд, ки ҷинояти содиршударо содир накардааст, зеро дар вақти содиршавии ҷиноят (вақти содиршавии ҷиноят тахминан дар доираи соатҳои 11:00-13-00) ӯ дар ҷойи кораш будааст ва ҷисман ҳеҷ имкон надошт, ки ҷинояти мазкурро содир намояд. Ҳамчунин, гумонбаршуда шаҳрванд Б, иброз менамояд, ки ҳамкораш шаҳрванд О. метавонад фарзияи ӯро вобаста ба ин қазия тасдиқ намояд. Ниҳоят муфаттиш зарур мешуморад, ки шаҳрванд О-ро, ҳамчун шоҳид ҷиҳати тасдиқ ё рад намудани фарзияи гумонбаршуда Б. ҷалб намояд.

Мавриди зикр аст, ки раванди ба даст овардани далелҳои ҷадид ҷиҳати тасдиқ ё рад намудани далелҳои қаблан ҷамъовардашуда метавонад, бо ибтикори бевоситаи субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ сурат гирад. Иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо) дар асоси м. 175 КМҶ ҶТ низ метавонанд ҷиҳати пешниҳод намудани далелҳои ҷадид дархост пешниҳод намоянд.

---

[311] Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Комментарий к Уголовнопроцессуальному кодексу Российской Федерации. Постатейный / Под общ. ред. А.В. Смирнова. – 2-е изд., доп. и перераб. – М., 2004. – С. 247.

Аз ин хотир, иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷиҳати тасдиқ ё рад намудани далелҳои қаблан ҷамъовардашуда ба унвонии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд далелҳо пешниҳод менамоянд, ки ин ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шахс маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки ҷамъоварии далелҳои ҷадид ҳамчун воситаи тафтиши далелҳо пас аз гузаронидани методҳои (усулҳои) таҳлил ва синтез нисбати далелҳои мавҷуда анҷом дода мешаванд. Дар натиҷаи гузаронидани чунин амалҳо субъекти тафтиши далелҳо боварӣ ҳосил менамояд, ки кадом қисматҳои далелҳои ҷамъовардашуда ба тафтиши минбаъда ниёз доранд ва мушаххасан кадом амалҳои тафтишӣ, судӣ ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳои ҷадид бояд анҷом дода шаванд. Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби субъектони тафтиши далелҳо бояд тартиби пайдарҳамии гузаронидани амалҳои тафтишӣ ё судӣ риоя карда шаванд[312].

Таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, бахусус мамлакатҳои ИДМ дар бобати тафтиши далелҳо ва умуман падидаи исботкунӣ аҳаммияти азим дорад. Аз ин ҷост, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз воситаи одатшудаи ташаккул додани қонунгузорӣ ин метод ё худ усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ пазируфта шудааст. Табиист, ки дар ин ҷараён қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, ҷанбаҳои мусбати онҳо дар қонунгузории миллӣ ба эҳтимоли зиёд истифода карда мешаванд. Чунончӣ, А.В. Егоров бамаврид зикр менамояд, ки усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам меоварад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани низоми ҳуқуқии давлати худро дарк намоем[313].

Ҳуқуқшиноси варзидаи ватанӣ Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) роҷеъ ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ чунин андешаронӣ намудааст: «усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳимми амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории

[312] Ниг.: Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному Кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева; науч. Ред. В.П. Божьев. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство, Юрайт; Юрайт-Издат, 2010. – С. 326.

[313] Ниг.: Егоров А.В. К истории понятия сравнительного правоведения / А.В. Егоров // Государство и право. – 2009. – №3. – С. 91.

Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои мусбати онҳо истифода шавад[314]. Воқеан, дар ҳоли ҳозир таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар бобати омӯзиши қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ аҳаммияти худро аз даст надодааст, баръакс ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки ҷанбаҳои манфиатбахши қонунгузории давлати дигарро дар қонунгузории худ ворид намояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, мо ҷаҳд менамоем, ки унсури тафтиши далелҳоро мутобиқи қонунгузории ИДМ баррасӣ намоем. Чун ин давлатҳо аз лиҳози фазои ҳуқуқӣ ба кишвари мо қаробат доранд. Гузашта аз ин, зимни таҳияи Кодексҳои нави мурофиавии ҷиноятии кишварҳои ИДМ таҳиягарон ва мақомоти қонунгузор кӯшиш намудаанд, ки беҳтарин санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки аз нуқтаи назари онҳо метавонанд ба вусъат ёфтани самаранокии мурофиаи судии ҷиноятӣ мусоидат кунанд, ба асос гиранд.

Соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон фармон «Дар бораи чораҳои такмили адолати судӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон»-ро ба имзо расонд, ки тибқи он дар қатори дигар соҳаҳои ҳуқуқ қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бояд такмил дода мешуд[315]. Бо вуҷуди ин, мурофиаи ҷиноятӣ комилан ислоҳ карда шуд, зеро тағйироти локалӣ дар қонунгузории қаблӣ проблемаҳои мавҷударо ҳаллу фасл накарда, балки боиси пайдоиши проблемаҳои нав гардид[316]. Ҳамин тавр, ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Қирғизистон тағйироти ҷиддӣ ворид шуда, аз амсилаи шуравии мурофиаи судии ҷиноятӣ хеле дур гашт.

Лозим ба зикр аст, ки дар миёни шаш соли охир дар Ҷумҳурии Қирғизистон аллакай ду маротиба КМҶ қабул карда шудааст, ин ҳам бошад, солҳои 2017 ва 2021-ро ташкил медиҳанд[317]. Мутобиқи м.94-и КМҶ Ҷумҳурии

---

[314] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2008. – С. 49.

[315] Указ Президента Кыргызской Республики от 08.08.2012, № 147 «О мерах по совершенствованию правосудия в Киргизской Республике» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/61388 (санаи муроҷиат: 20.10.2018).

[316] Ниг.: Коновалов С.Г. Новый УПК Киргизии: важнейшие изменения и перспективы реализации / С.Г. Коновалов // Уголовный процесс. – 2017. – №12. – С. 84-91.

[317] Уголовно-процессуальный кодекс Киргизской Республики от 2 февраля 2017 года, №20 (Вводится в действие Законом КР от 24 января 2017 года, №10 с 1 января 2019 года) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111530?cl=ru-ru (санаи муроҷиат: 11.05.22).

Қирғизистон аз соли 2017 далелҳои вобаста ба парванда ҷамъовардашуда бояд объективона ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда шаванд. Таҳқиқ таҳлили далелҳои ба даст овардашуда, муқоисаи он бо дигар далелҳо, ҷамъоварии далелҳои иловагиро барои тафтиши онҳо, инчунин тафтиши манбаъҳои бадастовардаи онҳоро дар бар мегирад. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар моддаи мазкур калимаи «таҳқиқ» ва ҳам калимаи «тафтиш» вомехӯранд. Ба назари мо, бо қабул гардидани КМҶ-и ҷадиди Ҷумҳурии Қирғизистон аз 28 октябри соли 2021 масъалаи тафтиши ё худ таҳқиқи далелҳо таҳким ёфтанд.

Алҳол, дар м.92 КМҶ-и амалкунандаи Ҷумҳурии Қирғизистон (дар КМҶ-и қаблӣ м.94) чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст: далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва объективона тафтиш карда шаванд. Тафтиш аз таҳлили далелҳои бадастовардашуда, муқоисаи он бо дигар далелҳо, ҷамъоварии далелҳои нав ва тафтиши манбаъҳои онҳо иборат аст[318]. Дар натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур, пай бурдан мумкин аст, ки Кодекси ҷадиди мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қириғизистон истилоҳи «тафтиш»-ро нисбати «таҳқиқ» афзалият додааст.

Таҳлили пайвастаи Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон имкон дод, ки дигаргуниҳои мафкуравӣ ё худ консептуалӣ муайян карда шаванд. Чунончӣ, дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ даст кашиданд. Яъне, мутобиқи КМҶ-и ҷадиди Ҷумҳурии Қирғизистон давраҳои мурофиавии ҷиноятӣ инҳоянд: пешбурди тосудӣ, ба суд ирсол намудани парвандаи ҷиноятӣ, муҳокимаи судӣ, марҳилаи аппелиатсионӣ, иҷрои ҳукм, марҳилаи кассатсионӣ ва аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда.

Яқин аст, ки давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ падидаи истисноии низоми Шуравӣ маҳсуб меёбад ва модели нави Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон хоси давлатҳои ғарб дониста мешаванд. Гарчанде ки

---

318 Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №129 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1693;-45 (санаи муроҷиат: 12.05.22).

дар заминаи қабул гардидани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон ба як қатор падидаҳо тағйиру иловаҳо ворид шуда бошанд ҳам, раванди исботкунӣ, хусусан тафтиши далелҳо ба монанди падидаи исботкунӣ дар КМҶ ҶТ боқӣ мондааст.

Ба назари мо, падидаи далел ва исботкунӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо дарназардошти пешрафти илму технологияи муосир бағоят таъсиргузор ва мубрам танзими худро пайдо намудааст. Ҷиҳати тақвият бахшидани суханони зикрёфта, аз якчанд моддаҳои алоҳидаи КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон, ки мустақиман ба падидаи далел ва исботкунӣ рабт доранд, иқтибос овcovarданро зарур мешуморем. Чунончӣ, м.91[1] Кодекс пешбинӣ кардааст, ки бархе аз амалҳои тафтишӣ (пурсиш, нишон додан барои шинохтан, рӯбарӯкунӣ) мумкин аст, ки дар шакли видеоконфронс гузаронида шаванд. Моддаи 92[2] бошад, пешбинӣ кардааст, ки амалҳои тафтишӣ дар шакли видеоконфрос дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

– ғайриимкон будани иштироки шахси пешбарандаи парвандаи ҷиноятӣ дар ҷойи пешбурди амали тафтишӣ бо сабаби вазъи саломатӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок;

– бо сабаби таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

– гузаронидани ҳаракатҳои таъхирнопазири тафтишӣ;

– мавҷуд будани сабабҳое, ки боиси харҷи аз ҳад зиёд сарф шудан ҷой дорад[319].

Чун қоида, қарор дар бораи гузаронидани амали тафтишӣ дар шакли видеоконфрос аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд бароварда мешавад. Ҳамчунин, гузаронидани амали тафтишӣ дар шакли видеоконфронс бо пешниҳоди дархост ё ибтикори бевоситаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гузаронидан раво дониста мешавад. Роҷеъ ба тафтиши далелҳо бояд ҳаминро таъкид намуд, ки м.94 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин падидаи

[319] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2013-XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (санаи муроҷиат: 13.05.22).

муҳимро возеҳу равшан ба танзим даровардааст. Тибқи моддаи мазкур, ҷиҳати қабули қарор вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ далелҳое рӯйи кор меоянд, ки пурра, ҳамаҷониба ва холисона тафтиш карда шудаанд. Тафтиш аз ҷамъоварии далелҳои иловагӣ иборат аст, ки метавонад далелҳои тафтишшавандаро тасдиқ ё рад намояд[320].

Боби 16-и КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ба падидаи исботкунӣ бахшида шуда, 7 моддаро фаро мегирад. Мутобиқи м.124 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон далелҳои вобаста ба парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона таҳқиқ карда шаванд. Таҳқиқ таҳлили далелҳои бадастовардашуда, муқоисаи он бо дигар далелҳо, ҷамъоварии далелҳои иловагиро барои тафтиши онҳо, инчунин тафтиши манбаъҳои бадастовардаи онҳоро дар бар мегирад[321]. Аз матни моддаи зикрёфта пай бурдан мумкин аст, ки КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон истилоҳи таҳқиқро мавриди истифода қарор додааст.

Дар моддаи 135 КМҶ Ҷумҳурии Турманистон ибораи таҳқиқи далелҳо пешбинӣ шуда, масъалаи мазкур ба таври зерин танзими худро пайдо намудааст: Далелҳои дар парванда ҷамъовардашуда бояд ҳамаҷониба ва холисона таҳқиқ карда шаванд. Таҳқиқ таҳлили далели бадастовардашуда, муқоисаи он бо дигар далелҳо, ҷамъоварии далелҳои иловагӣ, таҳқиқи манбаъҳои далелҳоро дар бар мегирад[322].

Ҳамин тариқ, таҳлили маҷмуии қонунгузории мурофиавии кишварҳои ИДМ ба мо имкон дод, ки ҷузъиётҳои нозук ва проблеманоки падидаи тафтиши далелҳоро хуб дарк намоем ва дар заминаи ин қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллиро такмил диҳем. Бино ба таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар хусуси тафтиши далелҳо аз ҷониби мо баъзе

---

[320] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2013-XII) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (санаи муроҷиат: 13.05.22).

[321] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, №231-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (санаи муроҷиат: 13.05.22).

[322] Уголовно-процессуальный кодекс Туркменистана от 18 апреля 2009 года (с изменениями и дополнениями по состоянию на 25.11.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31344376 (санаи муроҷиат: 30.11.23).

номураттабиҳо ба назар расид. Аз ин хотир, дар иртибот ба баррасии масоили мазкур, зарур мешуморем фикру мулоҳизаҳои хешро иброз намоем. Масалан, КМҶ ҶТ дар моддаҳои ҷудогона ибораи «тафтиши далелҳо» ва дар дигар моддаҳо ибораи «таҳқиқи далелҳо»-ро истифода намудааст. Табиист, ки ин ҷо саволе ба миён гузошта мешавад, ки тафовути онҳо аз нигоҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар чист?

Дар муҳокимаи судӣ ҳамаи далелҳои парванда бояд таҳти тафтиши бевосита қарор дода шаванд. Суд, судя бояд нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо анҷом диҳад (м.272 КМҶ ҶТ). Тавре ки мебинем, дар матни моддаи мазкур ибораи тафтиши далелҳо пешбинӣ шудааст ва дар матни моддаҳои 87, 281 ва 293-и КМҶ ҶТ ҳамин зайл ибораи тафтиши далелҳо ҷой доранд.

Инак, мегузарем ба таҳқиқи далелҳо. Пас аз иҷрои талаботи моддаи 308 Кодекси мазкур раисикунанда бо мувофиқаи тарафҳо тартиби таҳқиқи далелҳоро муайян мекунад. Суд, судя дар ин бора таъинот (қарор) мебарорад. Тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешавад. Тағйир додани тартиби таҳқиқи далелҳо аз ҷониби суд, судя, мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ва бо баровардани таъиноти (қарори) дахлдор гузаронида шавад (Моддаи 309-и КМҶ ҶТ). Дар матни моддаҳои 310, 363, 375 ва 433 низ ибораи «таҳқиқи далелҳо» пешбинӣ шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи тосудӣ истилоҳи тафтиш ва дар марҳилаи судӣ бошад, истилоҳи таҳқиқро рӯйи кор овардааст.

Қаблан мо изҳор дошта будем, ки дар асоси луғатҳои дахлдор байни ин ду ибора тафовуте ҷой надорад ва ҳамчун синоним пиндошта мешаванд. Аммо, чунин муқарраротҳои норавшан метавонад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ гуногунфаҳмиро ба миён оварад. Ба назари мо, дар хусуси тафтиш ё таҳқиқи далелҳо хуб мешуд, ки ба КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ва

КМҶ Ҷумҳурии Турманистон ҳамчун намуна мароқ зоҳир намоем. Зеро, кодексҳои зикршуда, дар марҳилаи тосудӣ ва ҳам дар марҳилаи судӣ ибораи таҳқиқи далелҳоро мавриди истифода қарор додааст. Ё ин ки бо мақсади лағв намудани духӯрагӣ ва гуногунфаҳмӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар матнҳои КМҶ ҶТ истилоҳи «тафтиш» ё «таҳқиқ» истифода карда шавад.

Ҳамин тавр, мо роҷеъ ба тафтиши далелҳо ба чунин хулосаи илмӣ ва амалӣ омадем:

1. Дар заминаи таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур, маълум гашт, ки раванди тафтиши далелҳо аз фаъолияти ягонаи амалӣ ва равонӣ ё худ ақлонӣ иборат мебошад. Қисмати амалии тафтиши далелҳо аз ҳаракатҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, ки дар ҷараёни он далелҳои ҷадид ба даст оварда мешаванд, иборат мебошад. Таҳлили муҳтавои ҳар як далел дар алоҳидагӣ ва муқоиса намудани онҳо бо дигар далелҳои мавҷуда дар парвандаи ҷиноятӣ шакли равонӣ ва мантиқии тафтиши далелҳо маҳсуб меёбад.

2. Пажӯҳиши унсури тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо собит сохт, ки тафтиш аз фаъолияти амалӣ ва равонӣ иборат мебошад. Унсури баҳодиҳии далелҳо бошад, сирф фаъолияти равонӣ ё худ ақлонӣ арзёбӣ мешавад.

4. Таҳлили амиқи КМҶ ҶТ нишон дод, ки дар моддаҳои ҷудогона ибораи «тафтиши далелҳо» ва дар дигар моддаҳо ибораи «таҳқиқи далелҳо»-ро истифода намудааст. Табиист, ки ин ҷо саволе ба миён гузошта мешавад, ки тафовути онҳо аз нигоҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар чист? Масалан, м.272 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки дар муҳокимаи судӣ ҳамаи далелҳои парванда бояд таҳти тафтиши бевосита қарор дода шаванд. Суд, судя бояд нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо анҷом диҳад.

Тавре мебинем дар матни моддаи мазкур ибораи тафтиши далелҳо пешбинӣ шудааст ва дар матни моддаҳои 87, 281 ва 293-и КМҶ ҶТ ҳамин зайл

ибораи тафтиши далелҳо ҷой дорад. Инак, мегузарем ба таҳқиқи далелҳо. Пас аз иҷрои талаботи моддаи 308 Кодекси мазкур раисикунанда бо мувофиқаи тарафҳо тартиби таҳқиқи далелҳоро муайян мекунад. Суд, судя дар ин бора таъинот (қарор) мебарорад. Тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешавад. Тағйир додани тартиби таҳқиқи далелҳо аз ҷониби суд, судя, мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ва бо баровардани таъиноти (қарори) дахлдор гузаронида шавад (Моддаи 309-и КМҶ ҶТ). Дар матни моддаҳои 310, 363, 375 ва 433 низ ибораи «таҳқиқи далелҳо» пешбинӣ шудаанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади аз байни бурдани духӯрагӣ ва гуногунфаҳмӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар матнҳои КМҶ ҶТ истилоҳи «тафтиши далелҳо» ё ин ки «таҳқиқи далелҳо» истифода карда шавад.

## 2.3. Баҳодиҳии далелҳо

Яке аз қисматҳои муҳим ва мураккаби раванди исботкунӣ ин баҳодиҳии далелҳо ба шумор меравад. Зеро, ба таври дахлдор анҷом додани баҳодиҳии далелҳо боиси қабул гардидани қарорҳои қонунӣ, асоснок ва ҳамзамон таъмини дурусти қонун аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ мегардад. Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҳангоми баҳодиҳии далелҳо самти умумии таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон яке аз муқарраротҳои калидӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокурор ва суд зарур аст, ки ҷиҳати риояи талаботҳои қонун дар ҷараёни ҷамъоварии далелҳо ва иртибот доштани ин далелҳо ба предмети исботкунӣ, кифоя будани маҷмуи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷораҷӯӣ намоянд.

Бо дарназардошти он ки падидаи баҳодиҳии далелҳо ғайр аз ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, саршори ҷанбаҳои ахлоқист, таърихи пурпечутоб ва дурударозро паси сар намудааст. Аз ин лиҳоз, ба фаҳмиши кунунии падидаи баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ омилҳои мухталифи фарҳангӣ, этникӣ, динӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ таъсири калон расонидааст. Дар робита ба масъалаи

зикршуда мо зарур мешуморем, ки ба ташаккулёбӣ ва минбаъд мустаҳкам намудани он дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба таърихи падидаи баҳодиҳии далелҳо назар афканем.

Алҳол, тибқи адабиёти ҳуқуқӣ чаҳор шакли (типи) мурофиаи ҷиноятӣ вуҷуд дорад, ки падидаи баҳодиҳии далелҳо дар ин мурофиаҳо мухталиф арзёбӣ карда мешавад:

– мурофиаи таъқиботӣ (айбдоркунӣ);

– мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ);

– мурофиаи мубоҳисавӣ;

– мурофиаи омехта.

Ба назари З.Ҳ. Искандаров КМҶ ҶТ дар заминаи асосҳои конститутсионию ҳуқуқӣ (моддаҳои 1, 5, 9, 10, 14, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 32, 84, 87, 88) таҳия шуда, табиати мурофиаи ҷиноятиро муайян намуда, мазмуну мундариҷа, принсип ва шакли мурофиавӣ ба он асоснок мувофиқ гардонида шудаанд[323]. Муҳтавои суханони зикршуда дар он ифода мегардад, ки бо қабули КМҶ ҶТ дар таҳрири ҷадид шаклҳои (типҳои) мурофиаи ҷиноятӣ бо ҳам омезиш ёфтанд.

Дар даврони мурофиаи таъқиботӣ (айбдоркунӣ) чун қоида, низоми далелҳо зери таъсири эътиқодҳои динӣ қарор дошта, савгандёдкунӣ, муҳорибаҳои мухталифи тан ба тан, қувваозмоӣ тавассути об, оташ ва ғ. ҳамчун далел баҳогузорӣ карда мешуданд. Дар робита ба ин масъала низоми зардуштиро мисол овардан бамаврид мешуморем.

Яке аз низомҳои ҳуқуқии қадимаи амалкунанда дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон низоми ҳуқуқии зардуштӣ буд. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ исботнамоӣ аслан бо тариқи ордалия ва қасамёднамоӣ сурат мегирифт, ки чунин шакли исботнамоӣ дар дигар мурофиаҳои қадимаи давлатҳои дигар низ истифода мегардид. Ордалия ҳамчун шакли исботнамоӣ дар он сурате амалӣ

[323] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд / З.Ҳ. Искандаров // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷиноятконӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ – назариявӣ) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 21-22.

карда мешуд, ки исботи гуноҳ дар мурофиаи муқаррарӣ ғайриимкон буд. Масалан, ҳангоми набудани далелҳои тасдиққунандаи ҳолати содири кирдор. Дар Авесто чандин намуди ордалия пешбинӣ карда шуда буд, ки яке аз онҳо ин ордалияи оташ ба ҳисоб меравад[324]. Илова бар ин, гунаҳгорӣ ва бегуноҳии шахсро тавассути усулҳои ғайриақлӣ – ордалия (важи гарм ва сард) исбот менамуданд[325].

Мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ) яке аз типҳои таърихии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, ба ташаккул ва инкишофи падидаҳои гуногуни муосири ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, таъсири бузург расонидааст. Бо вуҷуди он ки мурофиаи муосир зери таъсири ғояҳои гуманизм ва арзишҳои демократӣ сифатан тағйир ёфта бошад ҳам, принсипҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ) ҳанӯз дар мурофиаи ҷиноятии бархе аз кишварҳои хориҷӣ баръало ба мушоҳида мерасад[326]. Арзиши (моҳияти исботкунӣ) ин ё он далел на танҳо аз рӯйи мазмуни он, балки аз рӯйи мавқеи иҷтимоӣ ва бархе аз сифатҳои шахсии шоҳидон муайян карда мешуд. Ҳамзамон, бояд изҳор намуд, ки нишондодҳои ҷинси мард нисбати нишондодҳои занон афзалият дошт ва иқрори гуноҳ аз ҷониби айбдоршаванда ҳамчун «шоҳи далелҳо» аз ҷониби суд пазируфта мешуд.

Аз суханони болозикр, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки дар мурофиаи ҷустуҷӯӣ (инквизитсионӣ) салоҳияти суд бағоят васеъ ба роҳ монда шуда буд. Чунончӣ, суд ҳуқуқ дошт, ки парвандаи ҷиноятиро оғоз кунад, далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд. Ба ибораи дигар, суд функсияи таъқиботӣ (айбдоркунӣ) ва ҳам функсияи ҳаллу фасли парвандаро анҷом медод.

Таърих гувоҳ аст, ки қурбони ин мурофиаи воқеан ноадолатнок ва ғайриинсонӣ олимони барчастаи онвақта дар Аврупои Ғарбӣ ба монанди:

[324] Ниг.: Абдуллоев П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4 (12). – С. 74.
[325] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С. 39-40.
[326] Ниг.: Джамалова Э.К., Гаджиев Г.Г. Ретроспективный анализ принципов инквизиционного процесса. – Закон и право Республика Дагестан, 2021. – С. 29.

Ҷордано Бруно, Галилео Галилей, Жанна Дарк ва дигарон гаштаанд. Дар робита ба масъалаи зикршуда, боз як нуқтаи дигарро хотирнишон намуд, ки далелҳои тариқи муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб, иръоб ё дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби субъектони исботкунӣ ба даст меомад, аз ҷониби ҷониби суд қобили қабул дониста мешуданд.

Натиҷаи таҳлил ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи назарияи далел ва исботкунӣ нишон медиҳад, ки бори нахуст баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи ақидаи ботинӣ ё худ эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи мубоҳисавӣ ташаккул ёфта, бештар дар кишварҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ (Британияи Кабир, ИМА, Сингапур) баръало ба назар мерасид. Шакли мубоҳисавии мурофиаи ҷиноятӣ бо принсипи озодии баҳодиҳии далелҳо тавсиф мешавад, ки қувваи ҳуқуқии қаблан муқарраршудаи онҳоро истисно намуда, эътиқоди ботинии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судяро ҳамчун критерияи асосии исботкунӣ пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, дар мурофиаи мубоҳисавӣ бархе аз хусусиятҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ нигоҳ дошта шудааст, ба монанди аҳаммияти махсус додан ба иқрори гуноҳ (ҳозир шудан ба иқрори гуноҳ мутобиқи КМҶ ҶТ) аз ҷониби айбдоршаванда, инъикоси меъёрии критерияи қобили қабул будани далелҳо ва ғ.

Мурофиаи омехта дар баробари мурофиаи мубоҳисавӣ типи даврони муосири мурофиаи судии ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Ин қабил тартиби фаъолияти мурофиавӣ хоси кишварҳои низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ (Итолиё, Фаронса, Испания ва ғ.) мебошад. Мавриди зикр аст, ки баҳодиҳии далелҳо бо ақидаи ботинӣ ба таври мукаммал ва фарогир дар мурофиаи омехта ҷой дорад. Ин низоми ҷадид бори нахуст дар «Code d’instruction criminelle» (Кодекси тафтишоти ҷиноятии Фаронса, соли 1808) таҷассум ёфтааст. Кодекси мазкур, то соли 1958 амал намуда, барои як қатор қонунгузории кишварҳои Аврупои Ғарбӣ (Португалия, Испания, Олмон, Италия ва ғ.) ҳамчун шоёни ибрат пазируфта шуда буд. Алҳол, Code d’instruction criminelle (Кодекси тафтишоти ҷиноятии Фаронса) барои

кишварҳои Белгия ва Люксембург расман ҳамчун санади қонунгузорӣ амал карда истодааст[327].

Бояд тазаккур дод, ки нақши Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятии (минбаъд – ОМСҶ)[328] соли 1864 дар танзим намудани падидаи баҳодиҳии далелҳо, хусусан баҳодиҳӣ аз рӯйи ақидаи ботинӣ хеле бузург аст. Яке аз дастовардҳои асосии ислоҳоти судии соли 1864 ин барпо намудани низоми ягонаи судӣ дар ҳудуди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар баробари онҳо судҳои ҳарбӣ низ ташкил шуда буданд[329].

Бо дарназардошти қабул гаштани ОМСҶ-и соли 1864 ва ҳамзамон ворид шудани тағйиру иловаҳо ба низоми судӣ масъалагузорӣ ва изҳори ақидаҳои мухталиф атрофи баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи ақидаи ботинӣ аз ҷониби олимон «ранги дигар» гирифт.

Пас аз барқарор шудани низоми Шуравӣ Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Шуравӣ аз 31-уми октябри соли 1924 қабул гардид[330]. Мавриди зикри хос аст, ки дар Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Шуравӣ як қатор падидаҳои воқеан судманд «тавлид» шуданд: чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс, дастгир намудани шахс, манъ будани далелҳои сохта (формалӣ), таъмини ҳуқуқҳои иштирокчиён дар суд, ҳукм, тафтиши ҳукм, марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ ва ғ. Аз ҳама муҳим он буд, ки суд минбаъд далелҳои дар пешбурд бударо дар асоси эътиқоди ботинӣ, ки ба баррасии ҳамаи ҳолатҳои кор асос меёбад, баҳо медод[331].

Ҳамин тариқ, ҳуҷҷатҳои ишорагардида ба падидаи баҳодиҳии далелҳо, хусусан баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботинӣ нақши муассир гузошта, роҳи минбаъдаи инкишофи ин падидаи мурофиавиро ба қавле «ҳамвор» намудаанд.

---

327 Ниг.: Головко Л.В. Дознание и предварительное следствие в уголовном процессе Франции. – М.: СПАРК, 1995. – С. 92.
328 Устав уголовного судопроизводства от 20 ноября 1864 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constitution.garant.ru/history/act1600-1918/3137/ (санаи муроҷиат: 11.05.2022).
329 Ниг.: Юлдошев Р.Р. Роль Устава уголовного судопроизводства 1864 года в становлении и развитии таджикского уголовно-процессуального законодательства / Р.Р. Юлдошев // Актуальные проблемы российского права. – 2014. – №4 (41). – С. 646.
330 Ниг.: Основы уголовного судопроизводства Союза ССР и Союзных Республик от 31.10.1924 г. // СЗ СССР. – 1924. – №24. – Ст. 206.
331 Ниг.: Абдуллоев П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4 (12). – С. 76.

Падидаи баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби як қатор олимону муҳаққиқони хориҷ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ фикру мулоҳизаҳои хешро иброз намудаанд, аз ҷумла: Ю.И. Асеева[332], Р.С. Белкин[333], В.М. Биков[334], Е.Д. Горевой[335], Е.А. Доля[336], Т.А. Морозова[337], Н.Н. Пилюгина[338], А.А. Прокопенко[339], Е.А. Снегирев[340], Л.Т. Улянова[341], С.Д. Чиганова[342], Ф.В. Чирков[343] ва ғ.

Лозим ба зикр аст, ки муҳиммияти таҳқиқи падидаи баҳодиҳии далелҳо ҳамчун унсури умумиҳатмии исботкунӣ аз ҷониби олимони ватанӣ низ борҳо қайд карда шудааст. Чунончӣ, П.С. Абдуллоев[344], А.Х. Зарипов[345], И.Т. Маҳмудов[346], Н.Б. Хоҷаева[347], Р.Р. Юлдошев[348] ва дигарон.

Ба назари мо, баҳодиҳии далелҳо ҳамчун унсури раванди исботнамоӣ аз фаъолияти равонии (aқлонӣ) мантиқӣ иборат мебошад, ки нақш ва аҳаммияти далелҳои ҷамъовардашударо ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба

[332] Ниг.: Асеева Ю.А. Свобода оценки доказательств - принцип российского уголовного процесса: дис. … канд. юрид. наук. – Ижевск, 2005. – 157 с.
[333] Ниг.: Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств. – М.: Наука, 1966. – 295 с.
[334] Ниг.: Быков В.М. Свобода оценки доказательств по уголовно-процессуальному кодексу РФ / В.М. Быков // Право и политика. – 2004. – №3. – С. 66-69.
[335] Ниг.: Горевой Е.Д. Внутреннее судейское убеждение в оценке доказательств по уголовным делам. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2008. – 136 с.
[336] Ниг.: Доля Е.А. Оценка доказательств в российском уголовном процессе / Е.А. Доля // Государство и право. – 1996. – №2. – С. 85-94.
[337] Ниг.: Морозова Т.А. Свобода оценки доказательств в стадии предварительного расследования: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2007. – 210 с.
[338] Ниг.: Пилюгина Н.Н. Свобода оценки доказательств в уголовном судопроизводстве. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2007. – 194 с.
[339] Ниг.: Прокопенко А.А. Оценка доказательств в ходе рассмотрения уголовного деласудом первой инстанции: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2009. – 27 с.
[340] Ниг.: Снегирев Е.А. Оценка доказательств, по внутреннему убеждению: дис. ... канд. юрид. наук. – Воронеж, 2002. – 198 с.
[341] Ниг.: Ульянова Л.Т. Оценка доказательств судом первой инстанции. – М.: Госюриздат, 1959. – 168 с.
[342] Ниг.: Чиганова С.Д. Формирование убеждения суда первой инстанции в исковом производстве: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Томск, 1985. – 240 с.
[343] Ниг.: Чирков Ф.В. Оценка доказательств в ходе окончания предварительного следствия: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2012. – 24 с.
[344] Ниг.: Абдуллоев П.С. Истина как цель доказывания в уголовном процессе / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №3/3 (87). – С. 103-111.
[345] Ниг.: Зарипов А.Х. Допустимость доказательств в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан / А.Х. Зарипов // Научные труды РАЮН. – 2018. – №1. – С. 165.
[346] Ниг.: Маҳмудов И.Т. Нақши прокурор дар исботкунӣ / И.Т. Маҳмудов // Нақши конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ. – Д., 2012. – С. 38-46.
[347] Ниг.: Ходжаева Н.Б. Проверка и оценка предметов и следов как вещественных доказательств по уголовно-процессуальному законодательству Республики Таджикистан // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. – 2011. – №2. – С. 125.
[348] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Реализация принципа состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан и Российской Федерации: монография. – Душанбе: Издательство «Типография МВД», 2014. – С. 201.

парвандаи ҷиноятӣ арзёбӣ менамояд. Дар зербоби қаблӣ мо ишора намудем, ки баҳодиҳии далелҳо сирф фаъолияти равонӣ аст ва ҳеҷ иртиботе ба фаъолияти ҷисмонӣ ё худ амалӣ надорад ва ҳамзамон аз ҷониби банда дақиқан тафриқа миёни тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо гузошта шуд.

Бо мақсади дарки амиқи фаъолияти равонӣ доштани баҳодиҳии далелҳо ба қ.1 м.88 КМҶ муроҷиат намуданро зарур мешуморем. Мутобиқи моддаи зикрёфта таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қонун ва дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳама ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмуи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳад[349]. Агар ба матни моддаи мазкур бо таваҷҷуҳи хосса назар намоем, бештар ибораҳои «дарки ҳуқуқӣ» ва «ақидаи ботинӣ» чун меъёри ахлоқӣ «ҷилва» мезананд.

Дар «Фарҳанги забони русӣ»-и С.И. Ожегов истилоҳи «баҳодиҳӣ» ба маънои муайян кардани нархи чизеро (сухан оид ба маҳсулот меравад), муайян намудани сифати касе ё чизеро (сухан дар хусуси дониш, қобилият меравад) ишора гардидааст[350]. «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» маънои вожаи «баҳодиҳӣ»-ро исми амал аз баҳо додан, муқаррар кардани қимати чизе, нархгузорӣ, баҳогузорӣ, баёни фикру ақида, дар хусуси чизе, арзёбӣ, муайян намудани мусбат ва манфии чизе маънидод намудааст[351].

Қобили зикр аст, ки проблема дар самти таҳқиқи баҳодиҳии далелҳо ҳанӯз аз даврони то инқилоб вуҷуд дошт, аммо даҳсолаи охир бо дарназардошти омехта шудани он бо унсури дигари исботкунӣ (тафтиши далел) масъалаи омӯзиши ин падидаи дар воқеъ муҳим дигарбора мубрам арзёбӣ карда шуд.

---

[349] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

[350] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка / Под общ. ред. проф. Л.И. Скворцова. – 24-е изд. – М.: ООО «Издательство Оникс»: ООО «Издательство «Мир и образование», 2008. – С. 1210.

[351] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 161.

Ба назари мо, дар асл ҳамин тавр ҳам ҳаст, чунки дар заминаи маҷмуи далелҳои ҷамъовардашуда ва мавриди тафтиш қароргирифта, хулосабарории донишҳо дар хусуси фактҳо ва ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта (ҳолатҳое, ки дар м.85 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд) дастраси субъектони бо қонун ваколатдоршуда мегарданд. Дар ҳошияи андешаи пешниҳодшуда, суханони В.Д. Арсеневро манзур намудан бамаврид мешуморем. Муҳаққиқи ишорашуда падидаи баҳодиҳии далелҳоро «руҳи мурофиаи ҷиноятии исботкунӣ»[352] арзёбӣ намудааст, ки бо ин ақида мо низ ҳамфикр мебошем.

Дар пайвандӣ ба масъалаи баҳодиҳии далелҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид зикр менамоянд: «Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои бекор шудани санадҳои судӣ, пеш аз ҳама, аз он иборатанд, ки судяҳо дар вақти баррасии парванда беаҳаммиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд, ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд ва дар баробари ин, норасоии дониши касбӣ ва таҷриба, дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд будани ғараз нисбат ба парванда боиси татбиқи нодурусти қонунҳо ва дар охир қабули санадҳои ғайриқонунӣ мегардад»[353].

Чунончӣ, парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.М.К. бо моддаҳои 245 қ.4 банди «б», 340 қ.2 бандҳои «а, б, в» КҶ ҶТ дар суди ноҳияи Ҷ. баррасӣ ва номбурда бо моддаҳои зикргардида маҳкум шудааст. Суд С.М.К-ро барои он маҳкум намудааст, ки дар вазифаи нозир-хазинадори филиали №47 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Ҷ. фаъолият карда, бо истифода аз ваколатҳои худ ба номи шаҳрвандон шартномаҳо, дафтарчаҳои амонатиро сохтакорӣ намуда, 2993446, 67 сомонӣ маблағҳои онҳоро гирифта, аз они худ намудааст. Ҷинояти дар м. 340 КҶ ҶТ пешбинишуда аз ҷинояти дар м.323 КҶ ҶТ нишондода

[352] Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств. – М., 1964. – С. 130.
[353] Суханрони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ (ш. Душанбе, 21 ноябри 2019 сол) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/21842 (санаи муроҷиат: 01.08.2023).

(сохтакории хизматӣ) асосан тавассути субъекти ҷиноят фарқ мекунад. Бинобар ин, агар кирдорҳои номбурда аз ҷониби шахси мансабдор ё хизматчии давлатии дахлдор содир шавад, шахс аз рӯйи м.323 КҶ ҶТ, ки субъекти ин ҷиноят на танҳо шахси мансабдор шуданаш мумкин аст, балки хизматчии давлатии мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки шахси мансабдор намебошад, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Вале, аз ҷониби суд ба талаботи қонунгузорӣ баҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода нашудааст, ҳол он ки С.М.К. дар муассисаи давлатӣ, яъне БДА «Амонатбонк» фаъолият намуда, ҷиноятро бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир намудааст[354]. Чун қоида, мисоли манзургардида аз 2 ҳолат дарак медиҳад: 1) бандубасти нодурусти ҷиноят аз ҷониби субъекти босалоҳият; 2) баҳои ҳуқуқии дахлдор надодан ба далелҳои мавҷуда ва ҳолатҳои дигари аҳаммиятноки парвандаи ҷиноятӣ.

Дарвоқеъ, ба таври дахлдор баҳо надодани далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятии ҷамъовардашуда аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, бахусус суд, судя боиси оқибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ мегарданд. Аз ҷумла, беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, маҳкум намудани шахси бегуноҳ ва баръакси ҳол сафед намудани шахси гунаҳгор ва ғ.

Амалияи судӣ бозгӯйи он аст, ки ҳангоми ворид шудани парванда (м.261 КМҶ ҶТ) аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бештар унсури ниҳоии раванди исботкунӣ, яъне баҳодиҳии далелҳо аз мадди назар дур мешавад. Дар натиҷа парвандаи ҷиноятӣ бо вуҷуди ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида мешавад ё ин ки дар асоси муқаррароти м. 27 ва 28 КМҶ пешбурд қатъ карда мешавад. Ҳамзамон, амалияи судӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ҷой доштани ҳолатҳои ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар рафти тафтишоти пешакӣ ва дар навбати худ ба таври дахлдор баррасӣ

[354] Ниг.: Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – январ-март 2021. – №1. – С. 73-74.

накардани парвандаи ба суд воридшуда, аз ҷониби суд ҳукми айбдоркунанда бароварда мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки дар соли 2022 аз ҷониби прокуророни Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бинобар нопуррагии тафтишоти пешакӣ, нодуруст бандубаст намудани кирдор, сабукии ҷазои таъиншуда ва бо дигар асосҳо бо 12 санадҳои ғайриқонунии судӣ ҷиҳати бекор намудани санадҳои судӣ ва ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ эътирозҳои назоратӣ оварда шудааст[355].

Чунончӣ, парвандаи ҷиноятӣ нисбати С.И.Ғ. бо моддаҳои 247 қ.4 банди «б» ва 319 қисми 1 КҶ ҶТ аз зумраи ин вайронкуниҳои қонуни мурофивӣ маҳсуб меёбад. Аз маводҳои парванди ҷиноятӣ бармеояд, ки миллати маҳкумшуда ӯзбек мебошад. Дар рафти тафтишоти пешакӣ аз сабаби дуруст сухан карда натавонистан, ӯ хоҳиш кардааст, ки бо забони ӯзбекӣ нишондод диҳад ва ба номбаршуда тарҷумон ва ҳимоятгар таъмин карда, ҳамаи ҳаракатҳои мурофиавии нисбати ӯ гузаронидашуда бо иштироки тарҷумон ва ҳимоятгар гузаронида шудааст. Аммо, раисикунанда дар рафти маҷлиси судӣ баррасии парвандаро бе иштироки тарҷумон ва ҳимоятгар ба роҳ монда, рӯзи 7 майи соли 2018 ҳукми айбдоркунӣ қабул намудааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши парвандаи ҷиноятии болозикр нишон медиҳад, ки он хилофи талаботи моддаҳои 51-52 КМҶ ҶТ аз ҷониби судяи суди вилояти С. баррасӣ шудааст[356].

Бо дарназардошти гуногунҷанба ва мураккаб будани падидаи баҳодиҳии далелҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ рӯйкардҳои мухталифи мафҳуми он давр мезананд ва ақидаи ягона ва умумиэътирофшударо дар ин хусус пайдо намудан кори саҳлу осон нест.

Таҳлил ва натиҷаи омӯзиши назарияи далелҳо ва исботкунӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки мурофиачиён падидаи баҳодиҳии

[355] Ниг.: Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.
[356] Ниг.: Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – январ-март 2021. – №1. – С. 83-84.

далелҳоро аз рӯйи ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, мантиқӣ, психологӣ, назарияи даркнамоӣ ва ғ. арзёбӣ менамоянд. Ба ин маънӣ, мо ақидаи олимону муҳаққиқонро дар ин хусус шартан ба 3 гурӯҳ тақсим менамоем:

Якум, олимоне, ки зери мафҳуми баҳодиҳии далелҳо сирф фаъолияти равонӣ ё худ ақлониро мефаҳманд (М.М. Михеенко[357], Л.Т. Улянова, А.А. Кобликов[358], И.Л. Петрухин, Л.М. Карнеева). Масалан, мутобиқи нуқтаи назари И.Л. Петрухин баҳодиҳии далелҳо фаъолияти равониест, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва ҳамчунин аз тарафи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд, ба амал бароварда мешавад[359]. Аммо, мо ба ин ақида ҳамфикр шуда наметавонем, зеро иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд, ба монанди гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ҳимоятгар ва ғ. ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқ надоранд, ки новобаста аз марҳила (тосудӣ ё судӣ) далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашударо, баҳодиҳӣ намоянд. Гузашта аз ин, дар мавриди баҳодиҳӣ аз ҷониби иштирокчиёни ишорагардида нисбати оқибати ҳуқуқии парванда метавонанд манфиатдор шаванд ва ҳақиқат вобаста ба парванда муқаррар нагардад. Ба назари мо, аз се унсури исботкунӣ иштирокчиёни тарафи ҳимоя танҳо дар ҷамъоварии далелҳо ҳуқуқ доранду халос.

Дар ҳамин ҳол, ақидаи Л.М. Карнееваро манзур намудан бамаврид мехонем, зеро бо ақидаҳои болозикр шабеҳият дорад. Номбурда менависад: «баҳодиҳии далелҳо – ҳамеша фаъолияти равонӣ, амалиёти мантиқиест, ки дар арзёбии фикру мулоҳизаҳо ифода меёбад»[360]. Бояд хотирнишон намуд, ки аз миёни олимони тоҷик низ атрофи мафҳуми баҳодиҳии далелҳо ибрози назар

---

[357] Ниг.: Михеенко М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве. – Киев: Изд. Высщая школа 1984. – С. 11-13.
[358] Ниг.: Кобликов А.А. Процесс доказывания по уголовному делу / Уголовный процесс: учебник для вузов / Под ред. В.П. Божьева. – М., 1998. – С. 165.
[359] Ниг.: Петрухин И.Л. Понятие и содержание оценки доказательств / Теория доказательств в советском уголовном процессе. – Изд. 2-е исп. и доп. – М., 1973. – С. 428.
[360] Карнеева Л.М. Доказательства и доказывание в уголовном процессе. – М., 1994. – С. 23.

намудаанд. Чунончӣ, тибқи нуқтаи назари Н.Б. Хоҷаева баҳодиҳии далелҳо – ҳамчун қисмати раванди исботкунӣ фаъолияти фикрие мебошад, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд такя ба қонуну шуури ҳуқуқӣ ба далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ баҳо медиҳанд[361].

Дувум, А.Р. Белкин, Р.С. Белкин, Ю.К. Орлов, А.В. Смирнов И.Б. Михайловская[362], Б.Т. Безлипкин ва Л.В. Юрченко[363] баҳодиҳии далелҳоро чун фаъолияти мантиқӣ мепиндоранд. Чунончӣ, ба ақидаи Б.Т. Безлипкин баҳодиҳии далелҳо фаъолияти равонии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки дар шаклҳои мантиқӣ амалӣ карда мешавад. Ин фаъолият дар асоси ақидаи ботинии субъектони ишорагардида ҷиҳати муайян кардани мансубият, қобили қабул, саҳеҳ ва кифоя будани далелҳо вобаста ба парванда сурат мегирад[364]. А.Р. Белкин низ ақидаи ба ҳамин монандро изҳор менамояд. Ӯ менависад, ки баҳодиҳии далелҳо – раванди мантиқии муқаррар намудани мавҷудият ва хусусияти робитаи байни далелҳо, муайян кардани нақш, аҳаммият, кифоя ва роҳҳои истифодаи далелҳо ҷиҳати пойдор намудани ҳақиқат ба амал бароварда мешавад[365].

Ю.К. Орлов аз ҳар ҷониб мафҳуми баҳодиҳии далелҳоро дар шакли маҳдуд пешниҳод намудааст. Мавсуф зери мафҳуми баҳодиҳии далелҳо фаъолияти равонии (мантиқӣ) субъектони исботкунӣ вобаста ба мансубият, қобили қабул, саҳеҳ, аҳаммият (неру) ва кифоя будани далелҳоро мефаҳмад[366].

Ба назари мо, аз миёни андешаҳои мухталифи мавриди таҳлил қароргирифта, ақидаи ҷолиб ва диққатҷалбкунандаро А.В. Смирнов манзур

---

[361] Ниг.: Хоҷаева Н.Б. Масоили танзими ҳуқуқии ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳогузории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ / Н.Б. Хоҷаева // Масъалаҳои рӯзмараи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 104-105.

[362] Ниг.: Михайловская И.Б. Оценка доказательств / Уголовный процесс: учебник / Под ред. И.Л. Петрухина. – М., 2001. – С. 166.

[363] Ниг.: Юрченко Л.В. Оценка доказательств: понятие и сущность / Л.В. Юрченко // Актуальные проблемы права России и стран СНГ-2004 г.: материалы международной научно-практической конференции, посвященной 75-летию и памяти профессора Ю.Д. Лившица (1-2 апреля 2004 г.). – Челябинск, 2004. – С. 152.

[364] Ниг.: Безлепкин Б.Т. Доказательства в советском уголовном процессе / Советский уголовный процесс: Учебник / Под ред. В.П. Божьева. – М.: Юрид. лит., 1990. – С. 92-93.

[365] Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: Норма, 2007. – С. 190.

[366] Ниг.: Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. Научно-практическое пособие. – М., 2000. – С. 78-79.

намудааст. Муҳаққиқи номбурда иброз медорад, ки баҳодиҳии далелҳо ҳамчун унсури исботкунӣ аз фаъолияти мантиқии равонӣ ҷиҳати муайян кардани мансубият, қобили қабул ва кифоя будани далелҳо, ки боиси қабули ин ё он қарори мурофиавӣ мегардад, иборат мебошад[367].

Мо бо ақидаи А.В. Смирнов, дар хусуси он ки баҳодиҳии далелҳо фаъолияти мантиқии равонист, ҳамраъй ҳастем, аммо мафҳуми манзуршуда ниёз ба такмил дорад. Чунончӣ, бояд ибораи саҳеҳ будани далелҳо ва баҳо додани далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ илова карда шаванд ва ба назари мо, танҳо дар ин маврид мафҳуми пешниҳоднамудаи муҳаққиқи мазкур мукаммал ва қобили қабул пазируфта мешавад.

Ниҳоят гурӯҳи сеюми мурофиачиён баҳодиҳии далелҳоро чун фаъолияти равонӣ ва мантиқӣ қабул доранд. Ҷонибдори ин мавқеъ мурофиачиёни машҳур ва забардаст, ба монанди М.С. Строгович, П.А. Лупинская, Г.М. Минковский ва дигарон маҳсуб меёбанд. П.А. Лупинская дар хусуси мафҳуми баҳодиҳии далелҳо чунин андешаро иброз намудааст: «баҳодиҳии далелҳо фаъолияти равонӣ ва мантиқие мебошад, ки бо мақсади муқаррар намудани қобили қабул, мансубият, саҳеҳ, аҳаммияти ҳар як далел (нерӯйи далел) ва кифоя будани онҳо дар маҷмуъ барои муайян намудани ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ дохиланд, ба роҳ монда мешавад[368].

Таҳлил ва омӯзиши назарияи далел ва исботкунӣ дар хусуси мафҳуми баҳодиҳии далелҳо як қатор донишҳоеро рӯйи кор овард, ки ҷиҳати пажӯҳиши минбаъдаи рисолаи номзадии муаллиф заминаи боэътимод фароҳам хоҳад гузошт. Хулосабарорие, ки мо аз омӯзиши мафҳуми баҳодиҳии далелҳо бардошт намудем, дар инҳо инъикос мегарданд:

1) баҳодиҳии далелҳо чун унсури исботкунӣ, аз фаъолияти равонии мантиқӣ иборат мебошад. Таҳлил нишон дод, ки анқариб тамоми олимону муҳаққиқон бар он назаранд, ки баҳодиҳӣ фаъолияти равонӣ аст ва мо фикр

---

[367] Ниг.: Смирнов А.В., Калиновскнй К.Б. Уголовный процесс: учебник для вузов / Под общ. ред. А.В. Смирнова. – СПб.: Питер, 2004. – С. 215.

[368] Ниг.: Лупинская П.А. Оценка доказательств / Уголовный нроцесс: учебник для вузов / Под общ. ред. проф. П.А. Лупинской. – М., 1995. – С. 156.

мекунем, ки олимон дар ин ҷода ҳамраъй мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки маҳз ҷанбаи сирф фаъолияти равонӣ баҳодиҳиро аз ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ тафриқа менамояд. Яъне, баҳодиҳӣ дар фарқият аз ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо аз ҷанбаҳои эмпирикӣ[369] ва амалҳои ҷисмонӣ (физикӣ) орӣ мебошад.

2) баҳодиҳии далелҳо чун фаъолияти равонии мантиқӣ аз ҷузъиёти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ иборат мебошад. Ба ибораи дигар, субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ ҳар як далелро аз рӯйи талаботи қонун ва эътиқоди ботинӣ баҳо медиҳанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, баҳодиҳии далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ин ақидаи на танҳо таҳқиқбаранда, муфатттиш, прокурор ва суд аст, балки ақида ё худ мавқеи қонунгузорӣ низ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, ба қавли мо, баҳодиҳии далелҳо чун унсури исботкунӣ аз фаъолияти мантиқии равонӣ ва дар асоси ақидаи ботинии субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ ҷиҳати муайян кардани мансубият, қобили қабул, саҳеҳият ва кофӣ будани далелҳо, ки боиси қабули ин ё он қарори мурофиавӣ мегардад, иборат мебошад.

Қаблан мо изҳор дошта будем, ки баҳодиҳии далелҳо паҳлуҳои ахлоқӣ-маънавиро доро аст. Табиист, ки КМҶ ҶТ саршори меъёрҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ аст ва дар баробари ин меъёрҳои ахлоқӣ амиқу равшан ба назар мерасанд. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ қоидаҳоеро барқарор намудаанд, ки онҳо ҷиҳати ахлоқӣ дошта, ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиа паҳн мешаванд. Ин асосҳои ахлоқӣ гарчанде либоси меъёри ҳуқуқиро ба бар намудаанду риояи онҳо ҳатмӣ шудааст, онҳо ба қатори масъалаи этикаи касбӣ шомиланд[370]. Зимнан бояд зикр намуд, ки м. 88 КМҶ ҶТ (баҳодиҳии далелҳо) дар баробари моддаҳои 12, 13, 14, 21, 22, 51,71 ва ғ. меъёрҳои ахлоқианд.

[369] Ниг.: Эмпирический (гр. empeiria опыт). Опытный, основанный на опыте; руководствующийся опытом [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://dic.academic.ru/dic.nsf/enc1p/53790 (санаи муроҷиат: 07.08.2023).

[370] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ (Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ихтисоси ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2015. – С. 148.

Ба назари мо, меҳвари асосии м.88 КМҶ ҶТ-ро ақидаи ботинӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ ташкил менамояд. Чунки, қонунгузор як қатор масъалаҳои марбут ба виҷдонро ба ихтиёри субъектони ишорагардида, бахусус суд вогузор намудааст, ки ба эътиқоди ботинӣ асос ёфтааст. Дар Қуръон омадааст: «ва агар ҳукм кунӣ, пас дар миёни онҳо ба инсоф (адолат) ҳукм кун! Ба дурустӣ, ки Худо адлкунандагонро дӯст медорад» (56:42)[371].

Бояд тазаккур намуд, ки эътиқоди ботинии судя дар раванди баҳодиҳии далелҳо аҳаммияти махсусеро соҳиб аст. Зеро, маҳз судя санади ниҳоиро дар хусуси гунаҳгор будан ё набудани шахс содир менамояд. Дар робита ба ин масъала донишманд Л.Е. Владимиров чунин иброз намудааст: «Агар ман ба дурустии хулосаи худ оид ба эътимоднокии фактҳо боварӣ дошта бошам, пас эътиқоди ман қавӣ аст, пас эътимоди ман бузург аст»[372]. Г.В. Литвинова зери мафҳуми эътиқоди ботинии судя чунин мефаҳмад: «ин эътимоднокии қатъӣ мебошад, ки дар доираи фактҳое, ки ба ҳаллу фасл заруранд, саҳеҳ муайян карда шудааст. Қарори суд, чунон ки маълум аст, на танҳо қонунӣ ва асоснок, балки одилона ҳам бояд бошад»[373].

Мувофиқи нуқтаи назари мо, ақидаҳои пешниҳодгардида якдигарро мукаммал менамоянд. Зеро эътиқоди ботинӣ бидуни эътимоднокӣ ё худ боварии комил дар хусуси муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта вуҷуд дошта наметавонад. Дар мавриди ҷой надоштани боварии комил, санадҳои ба амал баровrepresentaндаи субъектони уҳдадории исботкунӣ (қарор, таъинот ва ҳукм) метавонанд ба тахмин асос ёбанд.

Агар суд дар асоси далелҳои мавҷуда эҳсос намояд, ки судшаванда бегуноҳ аст, чун қоида бояд ҳукми сафедкунандаро ба амал барорад. Бидуни тардид, дар ин маврид гуфтан мумкин аст, ки адолати судӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ пойдор гардидааст.

---

[371] Ниг.: Холиқов А. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 128.

[372] Владимиров Л.Е. Учение о судебных доказательствах. – Тула, 2000. – С. 78.

[373] Литвинова Г.В. Психологическое консультирование и роль психолога в разрешении уголовных и гражданских дел с участием несовершеннолетних / Г.В. Литвинова // Вопр. ювенальной юстиции. – 2010. – №6. – С. 12-13.

Лозим ба зикри хос аст, ки ҳангоми баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ суд, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя уҳдадор ҳастанд на танҳо муқарраротҳои КМҶ ҶТ, балки меъёрҳои моддиро (КҶ ҶТ) низ ба роҳбарӣ гиранд[374].

Табиист, ки ҳар як далели вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда барои субъектони баҳодиҳии далелҳо ҳиссиёти муайяне мебахшад, яъне агар судя эҳсос намояд, ки далели айбдоркунӣ ё сафедкунӣ ба ҳақиқат мувофиқ аст ва ба талаботҳои саҳеҳ будан мансубият ва қобили қабул ҷавобгӯй мебошад, қарори мурофиавии худро дар ин хусус ба амал мебарорад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи пажӯҳиши маҷмуии ин масоил мо ба хулосае омадем, ки олимону муҳаққиқон эътиқоди ботиниро ҳамчун принсип, метод (усул), восита ё критерияи баҳодиҳии далелҳо мефаҳманд. Чунончӣ, ба ақидаи як зумра олимон, эътиқоди ботинӣ – ин маҳаки баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя маҳсуб меёбад[375]. Бархе аз олимони дигар бошанд, бар он андешаанд, ки эътиқоди ботинӣ – метод ё худ натиҷаи баҳодиҳии далелҳост[376]. О.В. Левченко ҳамчун метод баҳодиҳии далелҳоро тавсиф менамояд: «фаъолият ва раванди дарккнамой, ки дар заминаи имкониятҳои субъектони исботкунӣ ба амал бароварда мешавад»[377].

Ба назари мо, аз миёни ақидаҳои мавҷуда мавқеи П.А. Лупинская дар хусуси омӯзиши зуҳуроти эътиқоди ботинӣ қобили қабул мебошад. Мавсуф эътиқоди ботиниро ҳамчун принсипи баҳодиҳии далелҳо муайян мекунад, ки он бояд ба баррасии ҳамаҷониба, пурра ва объективии тамоми ҳолатҳои парванда асос ёбад[378].

---

[374] Ниг.: Безлепкин Б. Т. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации. – М., 2010. – С. 17.
[375] Ниг.: Дорохов В.Я., Николаев В.С. Обоснованность приговора в советском уголовном процессе. – М., 1959. – С. 44-45.
[376] Ниг.: Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств. – М., 1964. – С. 153-157; Ульянова Л.Д. Внутреннее убеждение в условиях формирования и его роль в оценке доказательств. – М., 1974. – С. 52-58; Башкатов Л.Н., Ветрова Г.Н., Донценко А.Д., Зажицкий В.И., Шестаков В.И. Уголовный процесс / Под ред. проф. Долговой. – М., 2001. – С. 108.
[377] Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 61.
[378] Ниг.: Лупинская П.А. Оценка доказательств / Уголовно-процессуальное право / Под ред. П.А. Лупинской. – М., 1997. – С. 162.

Зимнан бояд зикр намуд, ки алҳол дар адабиёти ҳуқуқии муосир баҳсу мунозира атрофи оё эътиқоди ботиниро ҳамчун принсипи ҷудогона дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ворид намудан мумкин аст ё ин ки не, рафта истодааст. Як зумра мурофиачиён бархилофи он ҳастанд, ки эътиқоди ботинӣ ҳамчун принсип ба низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ворид карда шавад, зеро ба андешаи онҳо эътиқоди ботинӣ кайҳо боз қисми таркибии принсипи мустақилияти судяҳоро ташкил медиҳад[379]. Аз миёни олимони ватанӣ М.А. Маҳмудов ва Б.Т. Худоёровро ишора намудан мумкин аст, ки эътиқоди ботиниро ҳамчун принсипи ҷудогонаи мурофиавӣ қабул надоранд[380].

Охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI дар натиҷаи омӯзиши муташаккилонаи принсипҳо аз ҷониби бархе муҳаққиқон ақидае пешбарӣ карда шуд, ки мутобиқи он эътиқоди ботинӣ чун принсипи мурофиаи ҷиноятӣ дониста шуд[381]. Бешубҳа, ақидаи мазкур дар пайи таҳқиқоти амиқи М.А.Челсов тақвият ёфт, зеро маҳз олими зикрёфта бори нахуст эътиқоди ботиниро ҳамчун принсипи ҷудогонаи мурофиаи ҷиноятӣ пешбарӣ намуда буд.

Ҳамин тавр, баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ аз зумраи масъалаҳое мебошад, ки атрофи он дар илми мурофиаи ҷиноятӣ баҳсу мунозираҳо то кунун идома дорад. Ба назари мо, дар сатҳи қонунгузорӣ низ масъалаи мазкур якранг ва ҳамаҷониба ба танзим дароварда нашудааст. Зимни омӯзиши КМҶ ҶТ роҷеъ ба баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби мо муайян карда шуд, ки танҳо дар як маврид, дақиқан дар м.279 КМҶ ҶТ ибораи «эътиқоди ботинӣ» пешбинӣ шудааст. Яъне, аз миёни субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш,

---

379 Ниг.: Быков В.М. Принципы уголовного процесса по Конституции Российской Федерации 1993 года / В.М. Быков // Российская юстиция. – 1994. – №8. – С. 8; Громов Н.А., Николайченко В.В. Принципы уголовного процесса, их понятие и система / Н.А. Громов, В.В. Николайченко // Государство и право. – 1997. – №7. – С. 34.

380 Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 35-67; Юсуфова С. Мавқеи ҳуқуқии судяҳои советӣ. – Душанбе: «Ирфон», 1978. – С. 18-19.

381 Ниг.: Божьев В.П. Принципы уголовного процесса / Уголовный процесс. Общая часть. – М., 1997. – С. 66; Лупинская П.А. Оценка доказательств / Уголовно-процессуальное право / Под ред. П.А. Лупинской. – М., 1997. – С. 162.

прокурор, суд ва судя) дар моддаи ҷудогонаи КМҶ ҶТ баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботинӣ аз ҷониби прокурор омадаасту халос.

Ҳамзамон, бояд ишора намуд, ки КМҶ ҶТ дар м.88 ба ивази ибораи «эътиқоди ботинӣ» ибораи «ақидаи ботинӣ»-ро мавриди истифода қарор додааст. Бо вуҷуди ин, муқарраротҳои зикрёфта ба таври мукаммал падидаи баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботиниро рӯйи кор наовардааст.

Бояд хотирнишон намуд, ки Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» эътиқоди ботиниро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳукми судӣ эътироф намуда, дар он пешбинӣ шудааст, ки суд, судя уҳдадоранд, ки бо дарки масъулияти баланд ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона қабул карда, иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин намоянд. Суд, судя бояд ҳама гуна масъалаҳоеро, ки дар ҳукм ҳал мегарданд, дар асоси қонун тибқи адолати судӣ ва мутобиқи иродаи ботинии худ ҳамаҷониба, пурра, холисона мавриди санҷиш қарор дода, ҳамаи ҳолатҳои корро дар маҷмуъ, бе дахолат, мавриди баррасӣ қарор диҳанд[382].

Бо дарназардошти мубрам будани зуҳуроти баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботинӣ ва нақши муассир доштан дар қабули қарорҳои мурофиавӣ ин масъала бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муташаккилона таҷдиди назар карда шавад. Ба назари мо, м.17 КМҶ ФР мазмуну муҳтавои падидаи баҳодиҳии далелҳоро аз рӯйи эътиқоди ботинӣ возеҳу равшан манзур намудааст. Тибқи м. 17 КМҶ ФР судя, инчунин прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда далелҳоро мувофиқи эътиқоди ботинии худ дар асоси маҷмуи далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда, қонун ва виҷдонро ба роҳбарӣ гирифта, баҳодиҳӣ менамоянд[383]. Дар робита ба масъалаи қонун ва виҷдон, ки қисмати асосии эътиқоди ботиниро ташкил медиҳад, О.В. Левченко бамаврид қайд менамояд: «Субъекти исботкунӣ ҳангоми баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи виҷдон бояд

---

[382] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010.
[383] Ниг.: Научно-практический комментарий к Уголовно-процессуальному Кодексу Российской Федерации / Под. общ. ред. В.М. Лебедева; науч. ред. В.П. Божьев. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт; Юрайт-Издат, 2010. – С. 80.

кафолат дошта бошанд, ки дар асоси он эътиқоди ботинии худро ташаккул диҳанд. Ин қабил кафолатҳоро қонун пешниҳод намудааст»[384].

Таҳлили минбаъдаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии кишварҳои ИДМ, хусусан КМҶ Ҷумҳурии Беларус роҷеъ ба падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ муайян намуд, ки воқеан ҳамчун принсип амал намуданаш ба мақсад мувофиқ аст. Чунончӣ, мувофиқи м.19 КМҶ Ҷумҳурии Беларус (баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ) суд, мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ далелҳоро дар асоси қонун ва эътиқоди ботинӣ ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳанд[385].

Ҳамин тавр, агар муқарраротҳои ишорашудаи КМҶ ФР ва КМҶ Ҷумҳурии Беларусро дар хусуси принсипи баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботинӣ муқоиса намоем, дар КМҶ ФР иборaҳои «қонун ва виҷдон» пешбинӣ шудааст, дар КМҶ Ҷумҳурии Беларус бошад, «қонун ва эътиқоди ботинӣ» инъикос гардидааст. Гарчанде, ки дар бархе мавридҳо ибораҳои мухталиф истифода шуда бошад ҳам, ба назари мо, дар кодексҳои зикршуда принсипи баҳодиҳӣ аз рӯйи эътиқоди ботинӣ мазмунан якранг рӯйи кор омадааст. Ногуфта намонад, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон низ принсипи баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ ҷой дорад, аммо ба таври дигар номгузорӣ гардидааст (м.23 КМҶ принсипи беғаразӣ ва баҳодиҳии озоди далелҳо)[386]. Қ.3 м.23 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ кардааст, ки баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби муфаттиш, прокурор ҳангоми пешбурди тосудӣ барои судя ҳатмӣ нест. Ба андешаи мо, муқаррароти мазкур, аз васеъ ба роҳ мондани салоҳияти судя бобати баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ шаҳодат медиҳад. Гарчанде ки сухан дар бораи баҳодиҳӣ дар марҳилаи тосудӣ рафта истодааст.

[384] Левченко О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 62.
[385] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь от 16 июля 1999 года, №295-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.07.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414958 (санаи муроҷиат: 05.09.23).
[386] Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года, №129 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1693;-45 (санаи муроҷиат: 11.10.23).

Гузашта аз ин, бояд хотирнишон намуд, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон падидаи «судяи тафтишотӣ» амал менамояд.

Мутобиқи нуқтаи назари мо, таҳлил ва омӯзиши паҳновари эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Бо мақсади такмил ва инкишофи падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ ва умуман муқарраротҳои КМҶ ҶТ зарур мешуморем, ки ба боби 2 КМҶ (Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи ҷудогона бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад.

Маврид ба зикр аст, ки падидаи баҳодиҳии далелҳо дорои маҳакҳои[387] муайян мебошад: мансубият, қобили қабул, саҳеҳ будан ва кифоя будани далелҳо. Бино ба КМҶ ҶТ ҳар як далели дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарордошта аз нигоҳи мансубият, қобили қабул, саҳеҳият ва дар маҷмуъ кифоя будан баҳодиҳӣ карда мешаванд. Дар ин хусус, олими ватанӣ Н.А. Абдуллоев бамаврид фикру мулоҳизаҳои хешро манзур намудааст. Мавсуф менависад: «аз рӯйи ҳар як далел бояд масъалаҳои зерин муайян карда шавад:

– оё маълумот ба матлаби исботкунӣ мансубият дорад?

– сарчашмаи гирифтани он қонунӣ аст?

– оё аз ҷониби субъекти босалоҳият гирифта шудааст?

– ҳангоми гирифтани он шакл ва тартиботи мурофиавӣ риоя карда шудааст ё не?

– далелҳои ҷамъоваришуда кифояанд, ки дар асоси онҳо қарор қабул карда шавад?[388].

---

[387] Бархе аз мурофиачиён маҳакҳои баҳодиҳии далелҳоро ба истилоҳои дигар рӯйи кор овардаанд, ба монанди: талаботҳо, стандартҳо, шароит, нишондод ва ғайра. Масалан, О.В Левченко дар рисолаи номзадии худ дар мавзуи (Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 130) вожаи талаботҳои баҳодиҳии далелҳоро мавриди истифода қарор додааст.

[388] Ниг.: Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Васоити таълимӣ. Қисми умумӣ. – Душанбе, 1979. – С. 101.

Бо мақсади омӯзиши амиқи маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо воҷиб мешуморем, ки ҳар яке аз дар алоҳидагӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад, зеро аз рӯйи хусусиятҳои худ бо якдигар қаробат доранд.

**Мансубияти далелҳо**. Дар робита ба ин масъала дар адабиёти мурофиаи ҷиноятӣ раҳёфти ягонаи дар умум эътирофшударо пайдо намудан бениҳоят душвор аст. Бо вуҷуди ин, таҳлили гуногунҷанба ва таҳлили амиқи ин критерия ҷоиз аст, ки ба паҳлуҳои норавшану баҳсноки он посухҳои қобили қабул пайдо намуд.

Қобили зикр аст, ки на ҳама маълумотҳои воқеӣ дар дарккунии мурофиаи ҷиноятӣ функсияи далелҳоро иҷро менамояд, ба ҷуз аз онҳое, ки нишонаҳои мансубият ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятиро дошта бошанд. Аз ҳамин лиҳоз, мансубият дар он зоҳир мегардад, ки ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро тасдиқ ё рад менамояд.

Дар ҳошияи суханони дар боло зикршуда ақидаи олими ватанӣ А.Л. Ариповро манзур намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Мавсуф чунин меафзояд: «Вазифаи муфаттиш аз он иборат нест, ки тамоми маълумотро аз манбаъ дастрас намояд. Ин кори мураккабу ҳаҷман паҳновар аст. Ӯ бояд танҳо маълумоти ба парванда мансубиятдоштаро ошкор ва тариқи мурофиавӣ мустаҳкам намояд»[389].

Гузашта аз ин, Ю.К. Орлов ду ҳолатро манзур менамояд, ки тибқи он далелҳо ғайримансуб ба парванда дониста мешаванд:

– агар далелҳо дар худ маълумотеро, ки ба предмети исботкунӣ рабт доранд, надошта бошанд;

– агар маълумоти дар далел мавҷудбуда барои муқаррар намудани ҳолатҳои ба предмети исботкунӣ дохилшаванда ҳамчун далел истифода шуданаш ғайриимкон бошад[390].

---

[389] Арипов А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – С. 40.
[390] Ниг.: Орлов Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе. Научно-практическое пособие. – М., 2000. – С. 42.

Аз ҳолатҳои болозикр чунин бармеояд, ки ҷиҳати мансуб донистани далел ба парвандаи баррасишаванда танҳо аз як раванди алоқамандии далел ба предмети исботкунӣ иборат нест, балки дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта низ аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ зарур аст ба назари эътибор гирифта шаванд. Бинобар ин, ақидаи А.Р. Белкинро дар ин хусус пазирой намудан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Номбурда изҳор менамояд, ки зери мансубияти далелҳо алоқамандии онро бо предмети исботкунӣ ва дигар ҳолатҳои парванда, ки муқаррар намудани онҳо ҷиҳати расидан ба мақсади пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд, фаҳмида мешавад[391].

Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки мансубият – ин унсури баҳодиҳии далелҳо аст[392]. Як қатор олимон дигар, мазмуни мансубиятро дар алоқамандии далелҳо бо ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта мефаҳманд[393]. И.Б Михайловская, Н.П. Кузнетсов ва А.П. Лупинская бошанд, мансубиятро ҳамчун хусусияти баҳодиҳии далелҳо мепиндоранд[394].

Ҳамчунин, мурофиачиёне низ вуҷуд доранд, ки мансубиятро дар баробари қобили қабул, саҳеҳият ва кифоя будани далелҳо ҳамчун маҳакҳои падидаи баҳодиҳии далелҳо қабул доранд. Онҳо изҳор менамоянд, ки ҳар як далели аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар парвандаи ҷиноятӣ истифодашаванда ҳатман бояд ба маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо ҷавобгӯй

---

[391] Ниг.: Белкин А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. – М.: Норма, 2007. – С. 187.
[392] Ниг.: Матюшин Б.Т. Общие вопросы оценка доказательств в судопроизводстве: учебное пособие. – Хабаровск, 1987. – С. 23.
[393] Ниг.: Давлетов А.А. Основы уголовно-процессуального познания. – Екатеринбург, 1997. – С. 45-46; Петрухин И.Л. Понятие и содержание оценки доказательств / Теория доказательств в советском уголовном процессе – Изд. 2-е исп. и доп. – М., 1973. – С. 434-436; Ларин А.М. Оценка доказательств / Уголовный процесс России: Лекции-очерки / Под ред. проф. В.М. Савицкого. – М., 1997. – С. 104; Глушков А.И. Уголовный процесс: учебное пособие. – М., 2000. – С. 87; Громов Н.А. Оценка доказательств в уголовном процессе. – М., 2002. – С. 57; Якупов Р.Х. Уголовный процесс: учебник для вузов / Науч. ред. В.П. Галузо. – М., 2004. – 4-е изд., испр. и доп. – С. 218.
[394] Ниг.: Михайловская И.Б. Оценка доказательств / Уголовный процесс / Под ред. И.Л. Петрухина. – М., 2001. – С. 166; Лупинская П.А. Относимость доказательств. Пределы доказывания / Уголовно нроцессуальное нраво Российской Федерации: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М., 2003. – С. 229.

бошанд[395]. Олимони ватанӣ ҳам нисбати масъалаи мазкур мароқ зоҳир намуда, мансубиятро чун нишонаи далелҳо эътироф менамоянд[396].

Ба ақидаи мо, таҳлили раҳёфтҳои зикргардида ҷиҳати муайян намудани таърифи мансубият собит менамояд, ки новобаста аз тафовут, моҳияти мансубият миёни мурофиачиён якзайл фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, мансубият ба ҳайси василаи муқаррар намудани ҳолатҳое, ки ба предмети исботкунӣ (м.85 КМҶ ҶТ) ворид мешаванд, баромад менамояд. Аз ин рӯ, субъекти дорои уҳдадории исботкуниро воҷиб аст, ки нахуст доираи ҳолатҳое, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятноканд, муайян кунанд ва сониян ҳар як далели мавҷударо ҷиҳати муқаррар намудани ҳамин ҳолатҳо баҳодиҳӣ намоянд. Бидуни тардид муқаррар намудани доираи ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, метавонанд далелҳои ба парванда мансубиятдоштаро мустаҳкам намоянд.

Далел ба парванда мансубиятдошта эътироф карда мешавад, агар аз маълумотҳои воқеие иборат бошад, ки онҳо хулосаҳо оид ба мавҷуд будани ҳолатҳои барои парвандаи мазкур аҳаммиятдоштаро тасдиқ намоянд, рад кунанд ё таҳти шубҳа гузоранд (Қ.2 м.88 КМҶ ҶТ). Тавре ишора мегардад, қонунгузор дар ин маврид мазмун ва муҳтавои мансубияти далелҳоро возеҳу равшан пешниҳод намудааст. Бешубҳа, манзури КМҶ ҶТ дар ин аст, ки тамоми маълумотҳои воқеии дар ихтиёри субъектони исботкунӣ буда, ҳатман ба ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, рабт дошта бошанд. Бинобар ин, маълумотҳои воқеие, ки мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳоеро, ки ҷиҳати қабули қарорҳои дуруст аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ тасдиқ ё рад менамоянд, мансубияти далелҳо дониста мешавад.

**Далелҳои қобили қабул.** Дар китоби «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» зери ибораи қобили қабул аслан «муносиб», «пазируфтанӣ»,

[395] Ниг. муфассал дар ин хусус: Зайцева С.А. Оценка доказательств в российском уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1999. – С. 80-81.
[396] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 145.

«писандидан» фаҳмида мешавад[397]. Ҳамзамон, бояд афзуд, ки дар бархе аз адабиётибораи «имконпазирии далелҳо» низ вомехӯранд.

Ба назари мо, қобили қабул будани далелҳо маҳаки маъмул ва муҳимтарини баҳодиҳии далелҳо ба ҳисоб меравад. Мубрамияти омӯзиши маҳаки мазкур дар он зоҳир меёбад, ки яқин муайян кардани «сарҳад» ё худ «хати» қобили қабул будани далелҳо барои субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ мушкилӣ эҷод менамояд. Зеро дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ба масъалаи қобили қабул будани далелҳо таваҷҷуҳи дахлдор ва муносиб дода нашудааст. Олими ватанӣ З.Ҳ. Искандаров вобаста ба ин масоил комилан дуруст қайд менамояд: «Қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмуи далелҳо танҳо як масъалаи ҷузъӣ, вале ниҳоят муҳимми амалияи мурофиа мебошад»[398].

Мутаассифона, таҳлилҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ низ аз мушкилоти мавҷуда дарак медиҳанд. Маҳз ба ин хотир, мо марбут ба ин масоил ҷиҳати дарёфти посуххои пазироӣ ва дар умумэътирофгашта, талошҳои ҳамгироёна меварзем. Лозим ба зикр аст, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ вақтҳои охир ба масоили қобили қабул будани далелҳо мароқи зиёд зоҳир карда шудааст, чунончӣ, моҳи майи соли 2016 ба КМҶ ҶТ моддаи ҷудогона (м.88[1]) бо номи «далелҳои ғайри қобили қабул» ворид карда шуд. Ба ақидаи мо, дар ҳолати мазкур, чунин иқдоми мақомоти қонунгузорро мусбат истиқбол гирифтан мумкин аст.

Масалан, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба қайд гирифта шудани муносибатҳои бераҳмона, таҳдид, зӯроварӣ, истифодаи шиканҷа ва ғ. боиси

---

[397] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 716.

[398] Искандаров З.Ҳ. Баъзе аз масоили қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмуи далелҳо / З.Ҳ. Искандаров // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2019. – С. 19.

он гаштааст, ки ба падидаи қобили қабул будани далелҳо нигоҳи ҷадиде пешниҳод карда шавад.

А.А. Костаков се талаботи асосии қобили қабул будани далелҳоро ишора менамояд: қонунӣ будани манбаи маълумотҳои воқеӣ, воситаи қонунии ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва қонунӣ будани мустаҳкамкунии маълумотҳои воқеӣ[399]. Ба андешаи мо, агар се ҳолати зикрёфтаро мухтасар таҳлил намоем, чунин ба назар мерасад, ки қобили қабул будани далелҳо – ин мутобиқати маълумотҳои воқеии вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда ба талаботҳои қонун аст. Аз ҳамин хотир, риояи талаботи қонун дар хусуси қобили қабул будани далелҳо аз раванди ҷамъоварии далелҳо ибтидо гирифта, самти минбаъдаи қонунӣ будани қарорҳои мурофиавиро муқаррар менамояд. Мусаллам аст, ки нодида гирифтани талаботҳои зикрёфта боиси ташаккулёбии далелҳои ғайри қобили қабул мегардад. Яъне, риоя намудани талаботи қонун дар бобати қобили қабул будани далелҳо аз риояи бемайлони принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, аз қабили эҳтироми шаъну шарафи шахс, ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои шахс ва ғ. маншаъ мегирад.

Н.В. Сибилева дар бобати далелҳои қобили қабул ибрози назар намуда, яке аз нишонаҳои асосии онро дар қатъиян риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ-маънавӣ мебинад[400]. Ба андешаи мо, ақидаи мазкур чандон саҳеҳ нест, зеро барои далелҳо қобили қабул эътироф шаванд, ҳангоми ҷамъоварии он талаботи мурофиавӣ бояд ба назари эътибор гирифта шаванд, на ин ки меъёрҳои ахлоқӣ-маънавӣ.

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи ягона ҷиҳати ҷамъоварӣ, санҷиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳо Пленуми Суди Олӣ як қатор қарорҳоро, аз қабили «Дар бораи ҳукми судӣ», «Дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои гузаронидани тафтиши иловагӣ», «Дар бораи

[399] Ниг.: Костаков А.А. Допустимость и относимость доказательств. – Л., 1991. – С. 6-12.
[400] Ниг.: Сибилева Н.В. Допустимость доказательств в советском уголовном процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Харьков, 1986. – С. 16.

татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа» ва ғ. қабул намуд, ки татбиқи тавсияҳои дар онҳо пешниҳодгардида ба таҷрибаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд таъсири мусбати назаррас расонида истодаанд[401]. Ба назари мо, КМҶ ҶТ ба зуҳуроти қобили қабул будани далелҳо мароқи махсус зоҳир намуда, масъалаи мазкурро муташаккилона ба танзим даровардааст. Чунончӣ, ворид намудани моддаи ҷудогона дар бахши далелҳои ғайри қобили қабул (м.88(1) КМҶ ҶТ) далолати гуфтаҳои болост.

Сархати 1 қ.1 м.88[1] КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ки далелҳои бо роҳи истифодаи шиканҷа бадастовардашуда ғайри қобили қабул дониста мешаванд. Мавриди зикр аст, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини Конститутсия ва КМҶ ҶТ дар ин самт таҳкими ҳуқуқи инсон ба озодӣ аз шиканҷа маҳсуб меёбад. Дар сархати 3 м.18-и Конститутсия оварда шудааст, ки ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Ҳамзамон, м.10 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад таҳти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ё пасткунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гирад.

Муқарраротҳои муайян дар хусуси нораво будани шиканҷа дар рафти тафтишоти пешакӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҷассум ёфтаанд. Дар м. 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пешбинӣ шудааст, ки ҳеҷ кас набояд таҳти азият ё муомила ва ҷазои сахт, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи тарафи ӯ қарор дода шавад[402].

Боиси ифтихор аст, ки КМҶ ҶТ анъанаи инсондӯстиро бомаром идома дода истодааст. Чунончӣ, бо мақсади аз байни бурдани замина ҷиҳати истифодаи шиканҷа дар рафти исботкунӣ қонунгузор дар КҶ ҶТ моддаи ҷудогона ворид намуд, ин ҳам бошад, м.143(1) маҳсуб меёбад. Масалан,

---

[401] Ниг.: Абдуллозода Н. // Қонуният (Законность). Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 14-15.

[402] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 / Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ №217А // Маҷмуи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 452 с.

таҳлили амалияи судӣ дар ҶТ нишон дод, ки дар соли 2022 дар ҳудуди ҷумҳурӣ роҷеъ ба истифодаи шиканҷа, ки боиси поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мегардад, парвандаҳои ҷиноятӣ оғозу тафтиш нашуда бошанд ҳам, аммо ба мақомоти прокуратура оид ба ин ҳолатҳо муроҷиатҳои шаҳрвандон ворид шудаанд. Дар ин раванд, 245 муроҷиати шаҳрвандон нисбати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатӣ роҷеъ ба истифодаи тарз ва усулҳои норавои тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ ба қайд гирифта шудаанд, аз онҳо ба прокуратура – 92, ВКД – 95, судҳо – 21, ҳукумат – 13, АНДМ ва МК – 8, КДАМ – 3, АНМН – 4, Вазорати Адлия – 1, гумрук – 1, андоз – 1 ва дигар вазорату идораҳо 6-то, рост меоянд. Бо дарназардошти тасдиқ нашудани ваҷҳҳои манзургардида аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудаанд[403].

Роҷеъ ба масъалаи қобили қабул ва умуман падидаи баҳодиҳии далелҳо олими ватанӣ М.Н. Халифазода ибрози назар намуда, нақши прокурорҳоро дар мурофиаи судӣ оид ба таъмин намудани қобили қабул, саҳеҳият ва кофӣ будани далелҳо, ки аз оқибатҳои ҳуқуқи муқарраршуда дар мавриди истифодаи шиканҷа бармеоянд, муҳим арзёбӣ намудааст. Мавсуф менависад: «ҷиҳати самаранок анҷом додани ин вазифа тибқи Дастури Прокурори генералии ҶТ прокуророн вазифадоранд дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини имконпазирии далелҳо чораҷӯӣ намоянд. Аз ҷумла, ҳангоми аз ҷониби суд баррасӣ намудани масъалаи додани иҷозат барои ба ҳабс гирифтан прокурори иштироккунанда бояд ба гумонбаршуда дар бораи нисбати ӯ истифода шудан ё нашудани шиканҷа ё дигар усулҳои нораво савол карда, аз суд хоҳиш кунад, ки ин саволу ҷавоб ба протоколи маҷлиси судӣ сабт карда шаванд. Дар ҳолати додани ҷавоби мусбат санҷиши дахлдор гузаронида мешавад[404]. Агар далелҳои боқимонда ба ин талабот ҷавобгӯй набошанд,

---

[403] Ниг.: Бойгонии Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.

[404] Ниг.: Халифазода М.Н. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавии ба даст овардани далелҳо бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ / М.Н. Халифазода // Қонуният Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 69.

вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор, прокурор ҳуқуқ дорад ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятиро талаб намояд ё аз айбдоркунӣ даст кашад[405].

Воқеан, прокурор ҳамчун субъекти назораткунандаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар ошкор намудани мавридҳои истифода шудани шиканҷа ё дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ нақши муассир дошта, дар сурати ҷой доштани ҳамин қабил ҳолатҳо ба суд хулосаи асоснок пешниҳод менамояд.

Ҳамин тавр, мафҳуми қобили қабул будани далелҳо аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ риояи қоидаҳои муайяни ҷамъоварӣ ва мустаҳкам намудани онҳо, шакли мурофиавӣ, муҳлатҳои мурофиавӣ ва дигар талаботи қонуни мурофиавиро тавсиф менамояд.

Маҳаки навбатии баҳодиҳии далелҳо саҳеҳият ба шумор меравад. Аслан, вожаи саҳеҳ маънои «бе айбу нуқс», «дуруст», «рост» ва «аниқ»-ро дошта, дар илми ҳуқуқшиносӣ чунин истилоҳҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешаванд[406]. Ба назари мо, дар фаъолияти исботкунӣ истилоҳи «саҳеҳ»-ро истифода намудан чандон мувофиқи мақсад нест, зеро саҳеҳ маълумоти аниқшуда буда, тағйирнопазир аст. Дар мурофиаи ҷиноятӣ дар марҳилаи баъдӣ ҳар вақт далел чун маълумоти сохта беэътибор эътироф шуданаш аз эҳтимол холӣ нест. Гузашта аз ин, агар мо дақиқан калимаи русии «достоверный»-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума намоем, маънои «боэътимод»-ро дорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар заминаи суханони зикршуда, мо пешниҳод менамоем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ибораи «саҳеҳ будани далелҳо» ба ибораи «боэътимод будани далелҳо» иваз карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки аз рӯйи бархе хусусиятҳо боэътимод будани далелҳо бо қобили қабул будани далелҳо қаробат доранд. Бо вуҷуди ҳама гуна ҷанбаҳои қаробатӣ боэътимод аз қобили қабул будани далелҳо фарқ карда

---

405 Ниг.: Халифазода М.Н. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавии ба даст овардани далелҳо бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ / М.Н. Халифазода // Қонуният Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 70.
406 Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 231.

мешавад ва бо ҳам омезиш намудан ба мақсад мувофиқ нест. Масалан, нишондоди гумонбаршуда ё айбдоршаванда нисбати ҳодисаи ҷиноят. Ҳангоми пурсиш субъекти босалоҳият ба таври дахлдор ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи КМҶ пурсишро гузаронида, нишондоди айбдоршавандаро дар протокол мустаҳкам менамояд. Дар ин маврид, гуфтан ҷоиз аст, ки далелҳо қобили қабуланд, новобаста аз оне ки нишондод воқеиятро таҷассум мекунад ё намекунад. Яъне, расмиёти мурофиавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд мадди назар карда шавад. Дар навбати боэътимод будан бошад, далел бояд воқеиятро таҷассум намояд. Аз ин рӯ, ба миён гузоштани тафриқаандозӣ миёни ин ду маҳак ба мақсад муносиб аст.

Олими ватанӣ П.С. Абдуллоев се ҷанбаи асосии саҳеҳ (боэътимод) будани далелҳоро ишора менамояд: 1) маълумот бояд воқеӣ бошад; 2) маълумотҳо санҷидашаванда бошанд; 3) нисбати далел набояд шубҳаҳо мавҷуд бошанд[407].

Олимоне низ вуҷуд доранд, дар робита ба ин масоил ибрози назар намуда, байни зуҳуроти саҳеҳият ва ҳақиқат фарқияте намебинанд. Дар ҳошияи суханони зикршуда андешаи Р.С. Белкинро ба миён гузоштан ба мақсад мувофиқ мешуморем. Мавсуф менависад: «Боэътимодӣ як шакли мавҷудияти ҳақиқат аст ва маънои онро дорад, ки хулосабарорӣ на танҳо ба воқеият мувофиқат мекунад, балки «сазовори имон» – исботшуда, асоснок мебошанд»[408]. Чун қоида, боэътимод будани далелҳо дар марҳилаи хотимаёбии таҳқиқи онҳо муайян карда мешаванд, яъне, ҷиҳати муқаррар намудани ин маҳаки баҳодиҳӣ аз ҷониби субъекти уҳдадории исботкунӣ корҳои муайяни таҳқиқотӣ анҷом дода мешавад. Агар ҳангоми баҳодиҳии саҳеҳии (боэътимод) далели мавриди таҳлил қарордошта шубҳа пайдо гардад, бояд бо роҳи муқоиса намудан бо дигар далелҳои муқарраркардаи суд,

[407] Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ:воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 147.
[408] Белкин Р.С., Винберг А.И. Криминалистика и доказывание (методологические проблемы). – М.: Юрид. лит., 1969. – С. 204.

санҷидани дурустии мазмун ва барасмиятдарории ҳуҷҷат, дар ҳолатҳои зарурӣ таъин намудани экспертиза ва ғ. ҳал карда шавад[409].

Бино ба қ.4 м.88 КМҶ далел саҳеҳ (боэътимод) эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи тафтиш маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст. Ба назари мо, мафҳуми дар КМҶ манзуршуда чандон моҳияти саҳеҳ будани далелҳоро маънидод карда наметавонад. Ба назари мо, баҳодиҳии далелҳо сирф фаъолияти равонист (ақлонӣ) ва ин хусусият баҳодиҳиро аз тафтиши далелҳо ҷудо менамояд. Бо мақсади тасдиқ намудани мавқеи худ дар ин бобат, мо андешаҳои Н.А. Громова ва С.А. Зайтсеваро мепазирем. Олимони зикршуда боэътимод будани далелҳоро чунин шарҳ додаанд: «раванди баҳодиҳии боэътимодии далелҳо бояд ду ҷанбаро дар бар гирад: объективӣ (хусусият, сифати худи далелҳо) ва субъективӣ (эътиқоди ботинии шахсе, ки далелро мавриди баҳодиҳӣ қарор медиҳад)»[410]. Бо дарназардошти танҳо ҷанбаи равонӣ доштани ҷараёни боэътимодии далелҳо зарур аст, ки қ.4 м.88 КМҶ мавриди бoriginaldid қарор дода шавад. Ҷиҳати вусъатбахшӣ ва мукаммал намудани муқарраротҳои КМҶ ҶТ зарур мешуморем, ки калимаи «саҳеҳ» ба «боэътимод» ва «тафтиш» ба «баҳодиҳӣ» иваз карда шаванд. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки қ.4 м.88 КМҶ дар таҳрири зерин таҳия карда шавад: «далел боэътимод эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи баҳодиҳӣ маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст».

Дар зарфи чордаҳ соли амали КМҶ ҶТ амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон дод, ки меъёрҳои он ба талаботи кунунии вазъият мутобиқ карда шудаанд ва алҳол тамоюли ворид намудани тағйиру иловаҳо ба падидаҳои алоҳидаи КМҶ идома доранд. Чунончӣ, зимни ворид шудани тағйиру иловаҳо ба падидаи баҳодиҳии далелҳо, хусусан ба маҳаки кифоягии далелҳо роҳи минбаъдаи такмили исботкуниро ба истилоҳ «ҳамвор» намуд. Қобили зикр аст, ки таҷдиди назар шудани кифоягии далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ аз

[409] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум» аз 26 июни соли 2009.
[410] Громов Н.А., Зайцева С.А. Оценка доказательств в уголовном процессе. – М., 2002. – С. 94.

қабили иқдоми саривақтии мақомоти қонунгузор маҳсуб меёбад. Зеро, моҳи майи соли 2016 ба падидаи баҳодиҳии далелҳо (м.88 КМҶ) аз ҷумла, кофӣ будани далелҳо тағйирот ворид гардида, он дар қисми алоҳида ва дар матни ҷадид таҳия гардид.

Аслан, кофӣ ё худ кифоя маънои «басанда», «кифояткунанда»-ро дорад[411]. Маънидодкунии мазкур, то андозае аслу матлаби кофӣ будани далелҳоро воҳезу равшан менамояд. Дар фарқият аз мансубият, қобили қабул ва саҳеҳият кофӣ ё худ кифоя будани далелҳо на як далели ҷудогона, балки маҷмуи онро ифода менамояд. Кифоя будани далелҳо як навъ авҷи фаъолияти равонӣ (баҳодиҳии далелҳо) мебошад, ки ҳадафи он аз як ҷониб ҷиҳати омода кардани замина барои марҳилаи навбатии фаъолият, аз ҷониби дигар, ташаккул додани эътиқоди ботинӣ ба саҳеҳияти далелҳо аз рӯйи қоидаи «ягон далел қувваи пешакӣ муқарраршударо доро нест» амал мекунад[412].

Ба танзим даровардани кифояти далелҳо бидуни муболиға шояд маҳаки мушкил ва ҳамзамон серлаҳзаи баҳодиҳӣ дар раванди исботкунӣ ба шумор равад. Аз ин хотир, ҷиҳати эълон кардани айб дар марҳилаи тосудӣ ва сониян баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилона дар марҳилаи судӣ кофӣ будани далелҳо чун василаи такягоҳӣ хизмат мерасонад. Чунончӣ, қ.1 м.221 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят ва ба ӯ эълон кардани айб қарори асоснок мебароранд[413]. Моддаи мазкур аз он дарак медиҳад, ки танҳо дар мавриди дар ихтиёр доштани далелҳои кофӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият қарорҳои муҳимми мурофиавӣ содир карда мешаванд. Дар акси ҳол, бо дастрасии сархати 2 қ.1 м. 234 КМҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад.

---

[411] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд, нашри дуввум) / Зери таҳрири Сайфиддин Назаразода, Аҳмадҷон Сангинов, Сад Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – С. 656.
[412] Ниг.: Агутин А.В. Мировоззренческие идеи в уголовно-процессуальном доказывании: дис. … д-ра юрид. наук. – Нижний Новгород, 2005. – С. 90.
[413] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – Мод. 819.

Чунончӣ, 16 августи соли 2021 аз ҷониби таҳқиқбарандаи Р. таҳқиқи В. ҶТ Р.М.М. нисбати ронанда Б.М.Қ. бо м. 212 қ.3 КҶ барои он парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, ки ӯ ҳангоми ба автомашинаи боркаши тамғаи «Даф 95» ҳангоми ҳаракат намудан ба самти шаҳри Х. ба автомашинаи тамғаи «О» таҳти идораи ронанда И.М.С. бархӯрдааст. Дар натиҷаи ин садамаи нақлиётӣ ронанда И.М.С. бо панҷ мусофиронаш Н.Ф., Р.И., И.А., С.Г. ва Ф.М. ба ҳалокат расидаанд. Бо гузаронидани як қатор амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла экспертизаҳои дахлдори судӣ-автотехникӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда Р.М.М. муайян карда шудааст, ки ҳангоми рух додани садамаи нақлиётӣ қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронандаи автомобили «О» И.М. вайрон карда шудааст. Ҳамин тавр, таҳқиқбаранда, Р.М.М. пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати Б.М.Қ-ро дар асоси талаботи сархати 2 қ.1 м.234 КМҶ ҶТ бинобар исбот нашудани гуноҳи ӯ дар содир намудани ҷинояти мазкур қатъ кардааст[414].

Р.С. Белкин бо мақсади муайян намудани кифоягии далелҳо чунин иброз медорад: «итминон ба он ки тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои парванда гузаронида шудааст»[415]. С.А. Зайтсева бошад, нисбати ақидаи мазкур изҳори норозигӣ намуда, чунин тарзи муайянамоии кифоя будани далелҳоро чандон қобили қабул намедонад, зеро дар бархе аз ҳолатҳо ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор, инчунин аз нокифоя будани далелҳо низ дарак медиҳад. Ба назари мо, ақидаи С.А. Зайтсева дар ин хусус ба ҳақиқат наздик аст. Масалан, муфаттиш талаботи қонунро ба роҳбарӣ гирифта, зимни ба амал баровардани тафтиши пешакӣ тамоми ҳолатҳои корро роҷеъ ба парванда муайян менамояд. Ниҳоят натиҷаи тафтиш нишон медиҳад, ки бо дарназардошти нокифоя будани далелҳо нисбати айбдоршаванда масъалаи қатъ кардани парвандаи ҷиноятиро муфаттиш ба миён мегузорад. Мисоли овардашуда бозгӯйи он аст, ки ин

---

[414] Ниг.: Бойгонии Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.
[415] Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств. – М., 1966. – С. 85.

нишондод ҳамчун василаи муайян намудани кифоя будан ё набудани далелҳо баромад карда наметавонад.

Дар баробари ин, ақидаи ҷолиб ва диққатҷалбкунандаро олимон Н.Ю. Веселова, М.А. Медведова ва Н.В. Воронкова роҷеъ ба масъалаи кофӣ будани далелҳо пешниҳод намудаанд. Номбурдаҳо менависанд: «кофӣ будани далелҳо мафҳуми хусусияти баҳо доданро дошта, посухи дақиқ гирифтан вобаста ба оне ки далелҳо кофӣ ҳастанд, ғайриимкон аст»[416]. Дарвоқеъ, муайян намудани кофӣ будани далел вобаста ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ кори саҳлу осон нест ва яқин гуфтан номумкин аст, ки дар кадом маврид далелҳо ҷиҳати айбдор кардани шахс ё баровардани ҳукми айбдоркунанда нисбати судшаванда кофӣ аст. Бо вуҷуди ин, як зумра олимон чунин назар доранд, ки далелҳо танҳо он вақт кофӣ эътироф мегарданд, агар бо ёрии онҳо суд тавонад парвандаро ҳаллу фасл намояд.

Амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ на дар ҳама маврид ба маҳаки кофӣ будани далелҳо эътибор медиҳанд ва ин ҳолат аз яктарафа ва нопурра будани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва судӣ дарак медиҳад. Чунончӣ, нисбати шаҳрванд Г. дар асоси м.244 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, пас аз тартиб додани фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол карда шудааст. Қобили зикр аст, ки дар пешбурди муфаттиш вобаста ба парванда танҳо нишондодҳои худиқрории айбдоршаванда ва протоколҳои тафтишӣ ҳамчун далели айбдоркунанда мавҷуд асту халос. Ниҳоят, дар қисмати омадагӣ ё муҳокимаи судӣ айбдоршаванда аз нишондодҳои дар тафтиши пешакӣ изҳордоштааш даст мекашад. Бешак, ин гардиши ҳолат кӯшишҳои тарафи айбдоркуниро дар хусуси далелҳои ҷамъовардашуда вобаста ба парвандаи баррасишаванда то андозае «беҳосил» менамояд.

---

[416] Веселова Н.Ю., Медведева М.А., Воронкова Н.В. Оценка доказательств в гражданском и арбитражном процессе / Н.Ю. Веселова, М.А. Медведева, Н.В. Воронкова // Вопросы современной юрипруденции. – 2015. – №54-55. – С. 24-29.

Алалхусус, агар судшаванда дар муҳокимаи судӣ нишондод диҳад, ки нисбати ӯ дар рафти тафтиши пешакӣ шиканҷа ё дигар муносибатҳои бараҳмонаву ғайриқонунӣ истифода бурда шудааст. Чунончӣ, айбдоршавандаҳо Н.Р.Ш ва Р.И.Ш., зимни ба онҳо эълон кардани айби нав дар қарор ва протоколи пурсиш ба сифати айбдоршаванда имзо нагузошта, изҳор намудаанд, ки айби эълоншуда беасос аст ва дархосту эродҳои худашонро дар мурофиаи судӣ пешниҳод менамоянд. Аз протоколи маҷлиси судӣ бармеояд, ки судшавандагон Н.Р.Ш ва Р.И.Ш., нишондодҳои худро бо пуррагӣ тағйир дода, аз ҷумла Р.И.Ш., нишон додааст, ки нишондодҳои ҳангоми дастгиркунӣ додаи худро тасдиқ намекунад, зеро пас аз он ки ӯро дастгир карданд, ӯро маҷбур карданд, ки нисбати Н.Р.Ш. нишондод диҳад[417].

Роҷеъ ба парвандаи ҷиноятии манзуршуда саволе ба миён меояд, ки амали прокурор ва суд вобаста ба ин қазия бояд чӣ гуна бошад? Қонунгузор пешбинӣ кардааст, ки дар сурати тасдиқ шудани ҳолати истифодаи шиканҷа ё дигар муносибати ғайриқонунӣ ҷиҳати ҷамъ овардани далелҳо прокурор саҳеҳият ва кофӣ будани далелҳои боқимондаро арзёбӣ менамояд. Агар далелҳои боқимонда ба ин талабот ҷавобгӯй набошанд, вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор, прокурор ҳуқуқ дорад ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятиро талаб намояд ё аз айбдоркунӣ даст кашад.

Маҷмуи далелҳо барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ кофӣ эътироф карда мешавад, агар далелҳои ба парванда мансубиятдошта ва қобили қабуле ҷамъоварӣ шуда бошанд, ки ҳақиқатро оид ба ҳама ва ҳар як ҳолате, ки бояд бо парвандаи мазкур исбот карда шаванд, бе баҳс муайян намоянд (Қ.5 м.88 КМҶ).

Мо ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани муқарраротҳои КМҶ ҶТ дар хусуси маҳаки кофӣ будани далелҳо ба КМҶ-и кишварҳои ИДМ муроҷиат хоҳем кард. Масалан, қ.6 м.125 КМҶ Қазоқистон пешбинӣ намудааст, ки маҷмуи далелҳо барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ кофӣ ҳисобида мешаванд, агар

---

[417] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №11-167/19 // Бойгонии Суди ш. Душанбе.

далелҳои қобили қабул ва саҳеҳи барои парванда аҳаммиятдошта, бе ягон шак ва бебаҳс муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба ҳар як ҳолати исботшаванда, ҷамъ оварда шуда бошанд[418]. Манзур намудани муқаррароти КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон тасодуфӣ набуда, мазмунан ба КМҶ ҶТ шабеҳият дорад. КМҶ ФР ва КМҶ Ҷумҳурии Туркманистон бошад, умуман маҳаки кофӣ будани далелҳоро шарҳ надодаанд.

Ба назари мо, моҳият ва муҳтавои кофӣ будани далелҳо дар КМҶ Ҷумҳурии Беларус паҳновар инъикос ёфтааст. Чунончӣ, мутобиқи қ.7 м.105 КМҶ Ҷумҳурии Беларус далелҳо кофӣ ҳисобида мешавад, агар маҷмуи онҳо имкон диҳад, ки ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ исботшаванда муқаррар карда шаванд[419]. Яъне, танҳо дар мавриди исбот гардидани ҳолатҳои дар КМҶ пешбинигардида (манзур м. 85 КМҶ ҶТ) тавассути далелҳои дар пешбурди субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ мавҷудбуда гуфтан мумкин аст, ки далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ кофианд. Дар заминаи ин, бо ақидаи Р.С. Белкин изҳори розигӣ намуданро ба мақсад мувофиқ мешуморем. Мавсуф чунин мешуморад, ки ҷиҳати муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии парванда далелҳо бояд кофӣ бошанд ва дар асоси он қабул намудани қарори мурофиавӣ бароварда мешавад[420].

Ҳамин тавр, агар ба масъалаи кофӣ будани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ моҳиятан назар афканем, бештар дар қабул гардидани қарорҳои воқеан муҳим замина мегарданд:

1) танҳо дар мавриди мавҷуд будани далелҳои кофӣ субъектони босалоҳият нисбати айбдоршаванда айб эълон карда, қарори асоснок мебароранд;

[418] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года, №231-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (санаи муроҷиат: 30.09.23).
[419] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь 16 июля 1999 года, №295-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.07.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414958 (санаи муроҷиат 30.09.23с).
[420] Ниг.: Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств: Сущность и методы. – М.: Наука, 1966. – С. 32.

2) ҳангоми тартиб додани фикри айбдоркунӣ ва ба суд ирсол намудани парвандаи ҷиноятӣ;

3) дар ҳолати содир кардани ҳукми айбдоркунанда.

Ҳолатҳои ишорагардида далолати кофӣ будани далелҳоро оид ба парванда ҷиҳати қабул қардани қарорҳои мурофиавии воқеан калидӣ дониста мешавад. Зеро, субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ ба хубӣ дарк менамоянд, ки ҳар як қарори мурофиавӣ оқибати муайяни ҳуқуқиро ба миён мегузорад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи амиқи баҳодиҳии далелҳо ҳамчун унсури раванди исботкунӣ ҷиҳати баровардани хулосаҳои зайл имкон медиҳад:

1. Баҳодиҳии далелҳо ҳамчун унсури раванди исботнамоӣ аз фаъолияти равонии (ақлонӣ) мантиқӣ иборат мебошад, ки нақш ва аҳаммияти далелҳои ҷамъовардашударо ҷиҳати муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ арзёбӣ менамояд.

2. Маҳз ҷанбаи сирф фаъолияти равонӣ баҳодиҳиро аз ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ тафриқа менамояд. Яъне, баҳодиҳӣ дар фарқият аз ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо аз ҷанбаҳои эмпирикӣ ва амалҳои ҷисмонӣ (физикӣ) орӣ мебошад.

3. Баҳодиҳии далелҳо чун фаъолияти равонии мантиқӣ аз ҷузъиёти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ иборат мебошад. Ба ибораи дигар, субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ ҳар як далелро аз рӯйи талаботи қонун ва эътиқоди ботинӣ баҳо медиҳанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, баҳодиҳии далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ин ақидаи на танҳо таҳқиқбаранда, муфатттиш, прокурор ва суд аст, балки ақида ё худ мавқеи қонунгузорӣ низ маҳсуб меёбад.

4. Баҳодиҳии далелҳо чун унсури исботкунӣ аз фаъолияти мантиқии равонӣ ва дар асоси ақидаи ботинии субъектони исботкунӣ ҷиҳати муайян кардани мансубият, қобили қабул, саҳеҳият (боэътимодӣ) ва кофӣ будани далелҳо, ки боиси қабули ин ё он қарори мурофиавӣ мегардад, иборат мебошад.

5. Таҳлил ва омӯзиши паҳновари эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳӣ далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Бо мақсади такмил ва инкишофи падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ ва умуман муқарраротҳои КМҶ ҶТ зарур мешуморем, ки ба боби 2 КМҶ (Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи ҷудогона бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад.

6. Бо дарназардошти танҳо ҷанбаи равонӣ доштани ҷараёни саҳеҳияти далелҳо зарур аст, ки қ.4 м.88 КМҶ мавриди боздид қарор дода шавад. Ҷиҳати вусъатбахшӣ ва мукаммал намудани муқарраротҳои КМҶ ҶТ зарур мешуморем, ки вожаи «тафтиш» ба «баҳодиҳӣ» иваз карда шавад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки қ.4 м.88 дар таҳрири зерин таҳия карда шавад: «Далел боэътимод эътироф карда мешавад, агар дар натиҷаи баҳодиҳӣ маълум шавад, ки он ба ҳақиқат мувофиқ аст».

# ХУЛОСАҲО

Дар доираи диссертатсияи мазкур як қатор масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ роҷеъ ба падидаи исботкунӣ дар мурофиа ҷиноятӣ гузошта шуда, хулосабарориҳои амиқ манзур карда шудааст. Зимни таҳқиқот як зумра камбудӣ ва мушкилот дар самти мазкур ошкор карда шуд, ки рафъ намудани онҳо хусусияти навро пайдо намудаанд. Аз ин рӯ, хулосабарориҳои муаллиф дар ин хусус метавонанд ҷиҳати таҳқиқоти минбаъда ва амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ васеъ истифода карда шаванд.

**Хулосаҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд:**

1. Табиист, ки ҷаҳони муосир дер боз тағйир ёфтааст ва айни замон бо суръати баланд бо дарназардошти омилҳои гуногун масири худро дигар кардааст. Технологияҳои ҷадид, ки инсоният ҷиҳати беҳбуди зиндагӣ ба онҳо умед мебандад, бо худ оқибатҳои зиёди манфиро ба бор меоварад. Зеро дар шароити кунунӣ технологияи муосир василаи қулайи содиршавии ҷиноят гаштааст. Падидаи исботкунӣ дар баробари содиршавии ҷиноятҳои характери «муосирдошта» бояд дар ҳоли рушд қарор дошта бошад, зеро маҳз раҳёфтҳои муосири илмӣ, мантиқӣ, техникӣ, иттилоотӣ василаи асосии исбот намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта маҳсуб меёбад.

Мафҳуми «даркнамоӣ» ва «исботкунӣ» асосан категорияи илми фалсафӣ буда, бо мурури замон ба илмҳои хусусӣ дастрас гаштааст [4-М].

2. Омӯзиши ҷанбаҳои падидаи исботкунӣ нишон дод, ки алҳол бо дарназардошти мураккаб гардидани вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва васеъу доманадор гаштани предмети исботкунӣ мақсади исботкунӣ тағйир ёфтааст.

Исбот карда шудааст, ки муқаррар намудани ҳақиқат хоҳ мутлақ бошад хоҳ нисбӣ аз ҷинояти содиргардида, амалҳои бамаврид ва пайдарҳамии низомноки субъектони исботкунӣ вобастагӣ дорад. Яъне, дар бархе аз

ҷиноятҳои содиргардида ҳақиқат метавонад мутлақ бошад, дар дигар парвандаҳо метавонад нисбӣ муқаррар карда шавад [2-М].

3. Таҳлили густурдаи предмети исботкунӣ нишон медиҳад, ки воқеан зуҳуроти мураккабу серлаҳза буда, аз ҷанбаҳои мухталифи мурофиавӣ, фалсафӣ, мантиқӣ, криминалистӣ иборат аст.

Нисбати предмети исботкунии ноболиғон, ба ғайр аз ҳолатҳои муқаррарӣ ҳамчунин, ҳолатҳои дигар низ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд. Чун қоида, ҷиҳати ба даст овардани маълумотҳои зикргардида зарур аст, ки волидайн, муаллимон (роҳбари синф), шиносону рафиқон, ҳамсояҳо ва ҳамсинфони ноболиғ мавриди пурсиш қарор дода шаванд [9-М].

4. Дар раванди гуногунпаҳлуи исботкунӣ субъектони мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда, аммо на ҳамаи онҳоро ба субъектони исботкунӣ шомил намудан мувофиқи мақсад аст. Дақиқ карда шуд, ки бо вуҷуди афзун гардидани меъёрҳои диспозитивии дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ суд (ҳамчун субъекте, ки исботкунӣ барои ӯ уҳдадорӣ аст) ҳамоно яке аз субъектони намоёни исботкунӣ ба шумор меравад [1-М].

5. Омӯзиши ҷамъоварии далелҳо дар баробари дигар унсурҳои исботкунӣ, яъне тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар аломақамандӣ ба амал бароварда мешаванд. Ҷамъоварии далелҳо ҳамчун мафҳуми комплексӣ дар доираи он мазкур якчанд ҳаракатҳои муайян анҷом дода мешаванд, ба монанди кофтуков, дарёфт намудан, нигоҳ доштан ва ғ. Ба таври дахлдор риоя накардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми ҷамъ овардани далелҳо, истифода намудани далелҳоро ҷиҳати муқаррар намудани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ғайриимкон менамояд. Исботкунӣ аз фаъолияти муттаҳидшудаи амалӣ (ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо) ва равонӣ-ақлонӣ (баҳодиҳии далелҳо) иборат мебошад [4-М]; [8-М].

6. Бо дарназардошти мафҳуми комплексӣ будани ҷамъ овардани далелҳо амалҳои эмпирикии онро манзур намудан мувофиқи мақсад аст: 1) ошкор

намудан; 2) талаб намудан; 3) гирифтан; 4) мустаҳкам намудан (ба расмият даровардан) [3-М].

7. Муайян карда мешавад, ки ҳимоятгар чун рисолаташ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда мебошад, бояд аз ҳама гуна васила ва тарзҳои қонунӣ, ки КМЧ ва қонунҳои амалкунанда пешбинӣ намудаанд, истифода намояд. Дар мавриде ки ҳимоятгар далелҳоро ҷамъоварӣ намудааст, чун қоида бояд далелҳоро ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ пешниҳод намояд. Ҳимоятгар ягона муқарраროте дар ин хусус такя менамояд, ин м.175 КМҶ ҶТ ба шумор меравад. Маҳз дар асоси муқаррароти мазкур, муфаттиш метавонад дархости ҳимоятгарро вобаста ба пешниҳоди далелҳо ба назари эътибор гирифта, дар сурати пазирои далелҳоро ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ намояд [6-М].

8. Тафтиши далелҳо ҳамчун воситаи махсуси таъмини ҳимоя ва ҳифзи ашхос аз айбдоркунии беасос, маҳкумкунии ғайриқонунӣ, маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои ӯ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ва дигар чораҳои бо қонун пешбининашуда пазируфта мешавад. Маҳз ҳангоми тафтиш эътимоднокии манбаи далелҳои ҷамъовардашуда муайян карда шуда, минбаъд мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдоршуда нисбати қазияи баррасишаванда баҳои ҳуқуқӣ медиҳанд [10-М].

9. Аз нигоҳи назариявӣ тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо аз якдигар фарқ доранд, вобаста ба ҷанбаҳои амалиявӣ бошад, байни ин ду зуҳурот тафриқа гузошта намешавад. Зимнан бояд таъкид намуд, ки қонунгузор бешак ин ду унсури исботнамоиро аз ҳам ҷудо намудааст: тафтиши далелҳо (м.87 КМҶ ҶТ) ва баҳодиҳии далелҳо (м.88 КМҶ) [11-М].

10. Дар доираи омӯзиши падидаи исботкунӣ баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ мавқеи хосаеро ишғол менамояд. Натиҷаи таҳлил ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи назарияи далел ва исботкунӣ нишон медиҳад, ки бори нахуст баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи мубоҳисавӣ ташаккул ёфта, бештар дар кишварҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ (ИМА,

Сингапур, Британияи Кабир ва ғ.) баръало ба назар мерасид. Шакли мубоҳисавии мурофиаи судии ҷиноятӣ бо принсипи озодии баҳодиҳии далелҳо тавсиф мешавад, ки қувваи ҳуқуқии қаблан муқарраршудаи онҳоро истисно намуда, эътиқоди ботинии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судяро ҳамчун маҳаки асосии исботкунӣ пешбинӣ менамояд [5-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Мафҳуми пешниҳодгардидаи «исботкунӣ» дар м.85 КМҶ ҶТ воҷиб аст таҷдиди назар карда шавад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки мафҳуми исботкунӣ дар моддаи ҷудогона бидуни ишораи «ҳолатҳое, ки вобаста парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд» манзур карда шавад.

2. Пурра ва ҳамаҷониба омӯхтани шахсияти айбдоршаванда, яке аз вазифаҳои асосии таҳқиқбаранда, муфаттиш ва судя (дар раванди тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ) ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, муқаррароти сархати 2 қисми 2 моддаи 85 КМҶ ҶТ дар ин хусус мукаммал нест. Аз ин рӯ, рисоланавис ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки ба сархати 2 қисми 2 моддаи 85 КМҶ ҶТ калимаҳои судшаванда ва гумонбаршуда илова карда шуда, ин сархат бояд «ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро муайян мекунанд» номгузорӣ карда шавад.

3. Бо мақсади мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ зарур аст боби 4 КМҶ ҶТ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири зерин манзур карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар ин боб ишора намуд.

4. Айбдоркунанда тибқи талаботи м.15 КМҶ ҶТ субъекти асосиест, ки исбот кардан ба уҳдадории ӯ дохил мешавад. КМҶ ҶТ калимаи айбдоркунандаро пешбинӣ намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Аз ҳамин нуқтаи назар, муаллиф бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ пешниҳод менамояд, ки ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», «айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ» ворид карда шавад.

5. Ҳолати ишора накардани айбдоркунандаи хусусӣ дар м.86 КМҶ ҶТ собит менамояд, ки КМҶ ҶТ то кунун ба иштирокчии нави мурофиа, баҳои ҳуқуқии муносиб ва сазовор нагузоштааст.

6. Бинобар вусъат ва инкишоф ёфтани меъёрҳои диспозитивӣ дар КМҶ ҶТ ва дар заминаи принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, салоҳияти ҳимоятгар (м.53 КМҶ ҶТ) бояд боздид карда шавад. Ҳуқуқи гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби ҳимоятгар то андозае тавозуни тарафҳоро (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дар мурофиаи судии ҷиноятӣ нигоҳ медорад. Бинобар ин, дар КМҶ ҶТ дар баробари дигар ҳуқуқҳо – ҳуқуқи мусоҳиба ба шарти ризоияти худи шахс муқаррароте пешбинӣ карда шавад.

7. Бо мақсади ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда шудааст, бояд инъикос карда шавад.

Риоя намудани ин таклифот ба кори падидаи ҷамъ овардани далелҳо мусоидат менамояд.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки ба боби 2 КМҶ ҶТ (Принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи алоҳида бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо аз 23.07.2016 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815.
3. Кодекси протсессуалии ҷиноятии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 15-уми августи соли 1935 [Матн]. – Сталинабад: Госиздат. Тадж. ССР, 1939. – 48 с.
4. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/node/843 (санаи муроҷиат: 14.01.2023).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2009, № 564 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – м. 819; – 2010. – №7. – м. 551; – 2011. – №3. – м. 159; – №78. – м 626; ҚҶ Т аз 16.04.2012. – №809; ҚҶ Т аз 03.07.2012. – №864; ҚҶ Т аз 01.08.2012. – №878; ҚҶ Т аз 28.12.12. – № 927, №932.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 15 майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – №11. – мод. 696; – 2005. – №12. – мод. 646) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/82 (санаи муроҷиат: 06.03.2022).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 11.08.2011 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/762_tj (санаи муроҷиат: 21.04.2022).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июли соли 2005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/102_tj.pdf (санаи муроҷиат: 08.01.22).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №3. – мод. 204; – №11. – мод. 958; – 2016. – №5. – мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с. – №1391; аз 04.07.2020. – №1704.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/687_tj.pdf (санаи муроҷиат: 11.05.2022).
11. Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР [Текст] (с изменениями и дополнениями на 1 января 1988 г.). – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 296с.
12. Уголовно-процессуальный кодекс Азербайджанской Республики (утверждён Законом Азербайджанской Республики от 14 июля 2000 года, №907-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.02.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/? doc_id (дата обращения: 18.03.2023).
13. Уголовно-процессуальный кодекс Киргызской Республики от 28 октября 2021 года, №129 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 10.10.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=1697;-57 (дата обращения: 13.05.22с).
14. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь от 16 июля 1999 года, №295-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.07.2023 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414958 (дата обращения: 05.09.23).
15. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 года № 231-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2023 г.)

[Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (дата обращения: 15.09.23).
16. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан (утверждён Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2013-XII) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421101#pos=1310;-43 (дата обращения: 12.02.21).
17. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, №174-ФЗ (ред. от 04.08.2023) (с изм. и доп., вступ. в силу с 11.08.2023). [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481 (дата обращения: 13.08.2023).
18. Уголовно-процессуальный кодекс Туркменистана от 18 апреля 2009 года (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.08.2020 г.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=27706 (дата обращения: 11.12.2022).
19. Уголовно-процессуальный кодекс УзССР от 29 июня 1929 года, №133 [Текст] // Постановление ЦИК Совет УзССР от 29 июня 1929 года. – №133-СУ. – 1929. – №24.
20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №265. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://dushanbe.sud.tj/press/barnomai-davlatii-mu-ovimat-ba-inojatkor-dar-um-urii-to-ikiston-baroi-sol-oi-2021-2030/ (санаи муроҷиат: 03.09.2022).
21. Устав уголовного судопроизводства: текст по состоянию на 1898 г. / Под ред. М. Шрамченко, В. Ширкова. – СПб.: Изд. Н.К. Мартынова, 1899. – 948 с.
22. Закон СССР от 25.12.1958 «Об утверждении Основ уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc (дата обращения: 17.05.2021).

23. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://dushanbe.sud.tj/press/barnomai-davlatii-mu-ovimat-ba-inojatkor-dar-um-urii-to-ikiston-baroi-sol-oi-2021-2030/ (санаи муроҷиат: 03.09.2022).
24. Пункт 3 Постановления Конституционного Суда Российской Федерации [Текст] от 13.04.2021 г., № 13-П.
25. Основы уголовного судопроизводства Союза ССР и Союзных Республик от 31.10.1924 г. [Текст] // СЗ СССР. – 1924. – №24. – Ст. 206.
26. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/node/843 (санаи муроҷиат: 14.01.2023).
27. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» аз 23 июни 2007, №271 // Маҳзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 10.10.2017).
28. Указ Президента Киргизской Республики от 08.08.2012, №147 «О мерах по совершенствованию правосудия в Киргизской Республике» республик [Элекстронный ресурс]. – Режим доступа: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/61388 (дата обращения: 20.10.2018).
29. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 аз 5 январи соли 2015, №327 // Маҳзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 02.01.2018).
30. Конвенсияи «Зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф» аз 10 декабри соли 2010 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/tags (санаи муроҷиат: 13.09.2023).

31. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум» [Матн] аз 26 июни соли 2009.
32. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» [Матн] аз 24 декабри соли 2010.
33. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» [Матн] аз 26 июни соли 2009, №22.
34. Пункт 3 Постановления Конституционного Суда Российской Федерации от 13.04.2021 г., №13-П [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202104160011 (дата обращения: 01.09.2021).
35. Указ Президента Кыргызской Республики от 08.08.2012, №147 «О мерах по совершенствованию правосудия в Киргизской Республике» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/61388 (дата обращения: 20.10.2018).
36. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 [Матн] / Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ, №217А // Маҷмуи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 452 с.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

37. Benfer, J. Allgemeines Strafrecht [Text]. – Köln; Berlin; Bonn; München, 1984. – 304 s.
38. Абдуллоев, Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Қисми якум [Матн]: воситаи таълимӣ / А.Н. Абдуллоев. – Душанбе, 1979. – 150 с.
39. Абдуллоев, П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / П.С. Абдуллоев. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – 252 с.
40. Арсеньев, В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств в советском уголовном процессе [Текст] / В.Д. Арсеньев. – М.: Юрид. лит., 1964. – 179 с.

41. Баев, О.Я., Солодов, Д.А. Производство следственных действий: криминалистический анализ УПК России, практика, рекомендации. Практическое пособие [Текст] / О.Я. Баев, Д.А. Солодов. – М.: Эксмо, 2010. – 240 с.
42. Балакшин, В.С. Доказательства в теории и практике уголовно-процессуального доказывания [Текст]: монография / В.С. Балакшин. – Екатеринбург: «Изд-во УМЦ УПИ», 2004. – 533 с.
43. Башкатов, Л.Н., Ветрова, Г.Н., Донценко, А.Д., Зажицкий, В.И., Шестаков, В.И. Уголовный процесс [Текст] / Под ред. проф. Долговой. – М., 2001. – 352 с.
44. Безлепкин, Б.Т. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации [Текст] / Б.Т. Безлепкин. – М., 2010. – 688 с.
45. Безлепкин, Б.Т. Доказательства в советском уголовном процессе [Текст] / Советский уголовный процесс: учебник / Под ред. В.П. Божьева. – М.: Юрид. лит., 1990. – 421 с.
46. Белкин, А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст] / 2 ч. Часть 1: учебное пособие для вузов / А.Р. Белкин. – 2-е изд., испр. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2017. – 231 с.
47. Белкин, А.Р. Криминалистические классификации [Текст] / А.Р. Белкин. – М.: Мегатрон XXI, 2000. – 2-е изд. доп. – 334 с.
48. Белкин, А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст] / А.Р. Белкин. – М.: Москва: «Норма», 2005. - 528 с.
49. Белкин, А.Р. Теория доказывания [Текст]: научно-методическое пособие / А.Р. Белкин. – М.: Норма, Москва, 1999. – 429 с.
50. Белкин, Р.С. Избранные труды [Текст] / Р.С. Белкин. – М.: Норма, 2009. – 768 с.
51. Белкин, Р.С., Винберг, А.И. Криминалистика и доказывание (методологические проблемы) [Текст] / Р.С. Белкин, А.И. Винберг. – М.: Юрид. лит., 1969. – 216 с.
52. Белкин, Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств [Текст] / Р.С. Белкин. – М.: Наука, 1966. – 295 с.

53. Божьев, В.П. Уголовный процесс [Текст] / В.П. Божьев. – М.: Высшее образование, 2006. – 524 с.
54. Божьев, В.П. Принципы уголовного процесса [Текст] / Уголовный процесс. Общая часть / В.П. Божьев. – М.: Спарк, 1997. – 193с.
55. Божьева, В.П. Уголовный процесс [Текст] / В.П. Божьева. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Спарк, 2002. – 704 с.
56. Васильев, А.Н., Мудьюгин, Г.Н., Якубович, Н.А. Планирование расследования преступлений [Текст] / Под ред.: Голунский А.С. – М.: Госюриздат, 1957. – 199 с.
57. Васильев, Л.В. Юридическая психология [Текст]: учеб. / Л.В. Васильев. – М.: Юрид. лит., 1991. – 464 с.
58. Владимиров, Л.Е. Учение об уголовных доказательствах [Текст] / Л.Е. Владимиров. – Тула: Автограф, 2000. – 464 с.
59. Вопросы общей теории судебных доказательств в советском уголовном процессе [Текст] / Арсеньев В.Д. – М.: Юрид. лит., 1964. – 179 с.
60. Вышинский, А.Я. Проблемы уголовной политики [Текст] / А.Я. Вышинский. – М., 1937. – 467 с.
61. Глушков, А.И. Уголовный процесс [Текст]: учебное пособие / А.И. Глушков. – М., 2000. – 234 с.
62. Ғозиев, М.С. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / М.С. Ғозиев. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 403 с.
63. Головко, Л.В. Дознание и предварительное следствие в уголовном процессе Франции [Текст] / Л.В. Головко. – М.: СПАРК, 1995. – 130 с.
64. Горевой, Е.Д. Внутреннее судейское убеждение в оценке доказательств по уголовным делам [Текст] / Е.Д. Горевой. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2008. – 136 с.
65. Громов, Н.А. Уголовный процесс России [Текст]: учебное пособие / Н.А. Громов. – М.: Юристъ, 1998. – 552 с.
66. Громов, Н.А., Зайцева, С.А. Оценка доказательств в уголовном процессе. [Текст] / Н.А. Громов, С.А. Зайцева. – М.: «Издательство ПРИОР», 2002. – 128 с.

67. Гуковская, Н.И., Долгова, А.И., Миньковский, Г.М. Расследование и судебное разбирательство дел о преступлениях несовершеннолетних [Текст] / Н.И. Гуковская, А.И. Долгова, Г.М. Миньковский. – М.: Юрид. лит., 1974. – 208 с.
68. Давлетов, А.А. Основы уголовно-процессуального познания [Текст] / А.А. Давлетов. – Екатеринбург, 1997. – 191 с.
69. Даль, В.И. Толковый словарь русского языка. Современная версия [Текст] / В.И. Даль. – М., 2002. – 736 с.
70. Даньшина, Л.И. Возбуждение уголовного дела и предварительное расследование в уголовном процессе России [Текст]: учебное пособие / Л.И. Даньшина. – М.: Экзамен, 2003. – 192 с.
71. Дегтярёв, М.Г., Хмелевская, С.А. Логика [Текст]: учебник для студентов юридических вузов / М.Г. Дегтярев, С.А. Хмелевская. – М., 2003. – 312 с.
72. Демидов, И.В. Логика [Текст]: учеб. пособие для юрид. вузов / Под ред. Б.И. Каверина. – М.: Юриспруденция, 2000. – 208 с.
73. Доля, Е.А. Формирование доказательств на основе результатов оперативно-розыскной деятельности [Текст]: монография / Е.А. Доля. – Москва: Проспект, 2013. – 373 с.
74. Домбровский, Р.Г. Соотношение познания и доказывания в судебном исследовании [Текст] / Р.Г. Домбровский. Учен. Зап. Латв. ун. Рига, 1973. – 208 с.
75. Дорохов, В.Я., Николаев, В.С. Обоснованность приговора в советском уголовном процессе [Текст] / В.Я. Дорохов, В.С. Николаев. – М.: Госюриздат, 1959. – 236 с.
76. Пан, Т.Д., Якимович, Ю.К. Досудебное производство по УПК Российской Федерации (участники досудебного производства, доказательства и доказывание, возбуждение уголовного дела, дознание и предварительное следствие) [Текст]: учебно-практическое пособие / Т.Д. Пан, Ю.К. Якимович. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 297 с.

77. Зинатуллин, З.З. Уголовно-процессуальное доказывание [Текст]: учеб. пособие / З.З. Зинатуллин. Удмурт. гос. ун-т, каф. уголов. права и процесса. – Ижевск: Изд-во Удмурт. ун-та, 1993. – 180 с.
78. Зинатуллин, З.З., Егорова, Т.З., Зинатуллин, Т.З. Уголовно-процессуальное доказывание. Концептуальные основы [Текст]: монография / З.З. Зинатуллин, Т.З. Егорова, Т.З. Зинатуллин. – Ижевск, Детектив-Информ, 2002. – 228 с.
79. Искандаров, З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ихтисоси ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ [Матн] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе, 2015. – 312 с.
80. Искандаров, З.Ҳ., Маҳмудов, И.Т., Ҷалолов, Х.Ғ., Собиров, М.Ш. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (пешбурди тосудӣ ва судӣ дар нақша) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, Х.Ғ. Холиқов., М.Ш. Собиров. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2022. – 300 с.
81. Карнеева, Л.М. Доказательства в советском уголовном процессе [Текст]: учебное пособие / Л.М. Карнеева. – Волгоград: Изд-во ВСШ МВД СССР, 1988. – 68 с.
82. Карнеева, Л.М. Доказательства и доказывание в уголовном процессе [Текст] / Л.М. Карнеева. – М., 1994. – 143 с.
83. Кобликов, А.А. Уголовный процесс [Текст]: учебник для вузов / Под ред. В.П. Божьева. – М.: Спарк, 1998. – 591 с.
84. Кокарев, Л.Д., Кузнецов, Н.П. Уголовный процесс: доказательства и доказывание [Текст] / Л.Д. Кокарев, Н.П. Кузнецов. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1995. – 272 с.
85. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. В.И. Радченко. – М., 2003. – 932 с.
86. Кореневский, Ю.В., Токарева, М.Е. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам. Методическое пособие [Текст] / Ю.В. Кареневский, М.Е. Токарева. – М.: Юрлитинформ, 2000. – 144 с.

87. Костаков, А.А. Допустимость и относимость доказательств [Текст] / А.А. Костаков. – Л., 1991. – 120 с.
88. Кривошеев, А.С. Изучение личности обвиняемого в процессе расследования [Текст] / А.С. Кривошеев. – М.: Юрид. лит., 1971. – 80 с.
89. Криминалистика [Текст] / Под. ред. Р.С. Белкина. – М.: НОРМА-ИНФРА, 1999. – 990 с.
90. Кузнецов, Н.П. Доказательства и доказывание [Текст] / Уголовный процесс России / Под ред. З.Ф. Ковриги, Н.П. Кузнецова. – Воронеж: гос. ун-т, 2003. – 453 с.
91. Кузнецов, Н.П. Доказывание в стадии возбуждения уголовного дела [Текст] / Н.П. Кузнецов. – Воронеж: Изд-во Воронежского ун, 1983. – 117 с.
92. Курганов, С.И. Криминология [Текст]: учеб. пособие / С.И. Курганов. – 4-е изд., перераб. и доп. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – 185 с
93. Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1: Учение о преступлении [Текст]: учебник для вузов / Под ред. д-ра юрид. наук, проф. Н.Ф. Кузнецовой и канд. юрид. наук, доц. И.М. Тяжковой. – М., 2002. – 624 с.
94. Курылев, С.В. Основы теории доказывания в советском правосудии [Текст] / С.В. Курылев. – Минск: Изд-во БГУ, 1969. – 204 с.
95. Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе [Текст] / В.А. Лазарева. – М.: Юрайт, 2015. – 359 с.
96. Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе [Текст] / В.А. Лазарева. – Юрайт М., 2009. – 460 с.
97. Лазарева, В.А. Проблемы доказывания в современном уголовном процессе России [Текст]: учебное пособие / В.А. Лазарева. – Самара: Изд-во «Самарский университет», 2007. – 303 с.
98. Ларин, А.М. Расследование по уголовному делу: Процессуальные функции [Текст] / А.М. Ларин. – М.: Юрид. лит., 1986. – 160 с.
99. Ларин, А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М. Уголовный процесс России: Лекции-очерки [Текст] / Под ред.: Савицкий В.М. – М.: БЕК, 1997. – 314 с.

100. Ларин, А.М. Работа следователя с доказательствами [Текст] / А.М. Ларин. – М.: Юрид. лит., 1966. – 155 с.
101. Левченко, О.В. Презумпции и преюдиции в доказывании [Текст]: монография / О.В. Левченко. Астрах. гос. техн. ун-т. – Астрахань: [б. и.], 1999. – 231 с.
102. Лузгин, И.М. Расследование как процесс познания [Текст]: учебное пособие / И.М. Лузгин. – М.: Изд-во ВШ МВД СССР, 1969. – 178 с.
103. Лупинская, П.А. Относимость доказательств. Пределы доказывания / Уголовно процессуальное нраво Российской Федерации [Текст]: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М., 2003. – 797 с.
104. Лупинская, П.А. Оценка доказательств / Уголовный процесс [Текст]: учебник для вузов / Под общ. ред. проф. П.А. Лупинской. – М., 1995. – 544 с.
105. Лупинская, П.А. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации [Текст]: учебник / П.А. Лупинская. – М. Юристъ, 2005. – 408 с.
106. Люблинский, П.И. Вступительные статьи к книге Дж. Стивена «Очерк доказательственного права» [Текст] / П.И. Люблинский. – СПб., 1910. – 275 с.
107. Матюшин, Б.Т. Общие вопросы оценюа доказательств в судопроизводстве [Текст]: учебное пособие / Б.Т. Матюшин. – Хабаровск, высш. шк. МВД СССР, 1987. – 68 с.
108. Маҳмудов, М.А. Худоёров, Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон [Матн] / М.А. Маҳмудов, Б.Т. Худоёров. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 396 с.
109. Мешков, В.М. Время в уголовном процессе и криминалистике [Текст]: монография / В.М. Мешков. – 2-е изд., доп. и испр. – Москва: Юрлитинформ, 2018. – 237 с.
110. Михайловская, И.Б. Глава 11. Доказывание [Текст] // Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Под ред. И.Л. Петрухина. – М.: ООО «ТК Велби», 2002. – 896 с.
111. Михайловская, И.Б. Настольная книга судьи по доказыванию в уголовном процессе [Текст] / И.Б. Михайловская. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – 192 с.

112. Михайловская, И.Б. Оценка доказательств / Уголовный процесс [Текст]: учебник / Под ред. И.Л. Петрухина. – М., 2001. – 520 с.
113. Михеенко, М.М. Доказывание в советском уголовном судопроизводстве [Текст] / М.М. Михеенко. – К.: Вища шк., Киев, 1984. – 133 с.
114. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ [Матн] / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 556 с.
115. Насурдинов, Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан [Текст]: монография / Э.С. Насурдинов. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 184 с.
116. Научно-практический комментарий Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под. общ. ред. В.М. Лебедева; науч. Ред. В.П. Божьев. – 7-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство: Юрайт-Издат, 2010. – 1214 с.
117. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / Под общ. ред. проф. Л.И. Скворцова. – 24-е изд. – М.: ООО «Издательство Оникс»: ООО «Издательство «Мир и образование», 2008. – 1200 с.
118. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. – М., 2007. – 976 с.
119. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – 4-е изд., доп. – М., 2000. – 944 с.
120. Орлов, Ю.К. Основы теории доказательств в уголовном процессе [Текст]: научно-практическое пособие / Ю.К. Орлов. – М.: Проспект, 2000. – 144 с.
121. Орлов, Ю.К. Проблемы теории доказательств в уголовном процессе [Текст]: монография / Ю.К. Орлов. – М.: Юрист, 2009. – 175 с.
122. Очередин, В.Т. Доказательства в уголовном процессе: сущность, источники, способы собирания [Текст] / В.Т. Очередин. – М.: Юрлитинформ, 2009. – 216 с.
123. Пашкевич, П.Ф. Объективная истина в уголовном судопроизводстве [Текст] / П.Ф. Пашкевич. – М.: Госюриздат, 1961. – 171 с.

124. Петрухин, И.Л. Понятие и содержание оценки доказательств [Текст] / Теория доказательств в советском уголовном процессе. Изд. 2-е исп. и доп. / И.Л. Петрухин. – М., 1973. – 420 с.
125. Победкин, А.В. Уголовно-процессуальное доказывание [Текст] / А.В. Победкин. – М.: Юрлитинформ, 2009. – 416 с.
126. Притузова, В.А. Заключение эксперта как доказательство в уголовном процессе [Текст] / В.А. Притузова. – М.: Юрид. лит., 1959. – 162 с.
127. Рахимзода, Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность [Текст]: учебник / Р.Х. Рахимзода. Общая часть. 3-е изд. – Душанбе: «ЭР- граф», 2015. – 756 с.
128. Рахмаджонзода, Р.Р., Арипов, А.Л., Самиев, Н.М., Махмадализода, А.М., Касимова, М.А. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст]: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 44с.
129. Раҳматуллоев, А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.
130. Россинский, С.Б. Досудебное производство по уголовному делу: сущность и способы собирания доказательств [Текст]: монография / С.Б. Россинский. – Москва: Норма, 2021. – 408 с.
131. Рыжаков, А.П. Уголовный процесс [Текст]: учебник для вузов / А.П. Рыжаков. – 3-е изд. испр. и доп. – М.: Издательство НОРМА, 2004. – 704 с.
132. Саидов, Н., Аминов, Ф. Фалсафа. Маҷмуи саволҳои тестӣ барои имтиҳони ҷорӣ дар ихтисосҳои ғайрифалсафӣ [Текст] / Н. Саидов, Ф. Аминов. – Душанбе, 2009. – 450 с.
133. Сахаров, А.Б. О личности преступника и причинах преступности в СССР [Текст] / А.Б. Сахаров. – М.: Госюриздат, 1961. – 279 с.
134. Смирнов, А.В. Состязательный процесс [Текст] / А.В. Смирнов. – СПб.: Изд-во «Альфа», 2001. – 320 с.
135. Смирнов, А.В., Калиновский, К.Б. Уголовный процесс [Текст] / Под общ. Ред. А.В. Смирнова. – СПб., 2004. – 697 с.

136. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2008. – 566 с.
137. Строгович М.С. Материальная истина и судебные доказательства [Текст] / Отв. ред.: Никифоров Б.С. – М.: Изд-во АН СССР, 1955. – 384 с.
138. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Изд-во «Наука», 1968. – 460 с.
139. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.
140. Теория доказательств в советском уголовном процессе [Текст] / Отв. ред. Н.В. Жогин. – 2-е изд., испр. и доп. – М., 1973. – 736 с.
141. Уголовно-процессуальное законодательство СССР и союзных республик: сборник основных законодательных актов [Текст] / Под ред. Д.С. Караева. – М.: Госюриздат, 1957. – 531 с.
142. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации [Текст]: учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: Юристъ, 2003. – 797 с.
143. Уголовно-процессуальные основы деятельности органов внутренних дел [Текст]: учебное пособие / Под ред.: Б.Т. Безлепкин. – М.: Изд-во Акад. МВД СССР, 1988. – 181 с.
144. Уголовный процесс России. Лекции – очерки [Текст] / Ларин А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М.; Под ред.: Савицкий В.М. - М.: БЕК, 1997. – 314 с.
145. Уголовный процесс. Учебник для юридических вузов [Текст] / Под ред. В.П. Божьева. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Спарк, 2002. – 704 с.
146. Ульянова, Л.Д. Внутреннее убеждение в условиях формирования и его роль в оценке доказательств [Текст] / Л.Д. Ульянова. – М., 1974. – 194 с.
147. Ульянова, Л.Т. Оценка доказательств судом первой инстанции [Текст] / Л.Т. Ульянова. – М.: Госюриздат, 1959. – 168 с.
148. Устав уголовного судопроизводства: текст по состоянию на 1898 г. [Текст] / Под ред. М. Шрамченко, В. Ширкова. – СПб.: Изд. Н.К. Мартынова, 1899. – 948 с.

149. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) [Матн]: Ҷилди 1, А-Н / Зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Султон М.Ҳ. / Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2010. – 996 с.
150. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) [Матн]: Ҷилди 2, О-Я / Зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Султон М.Ҳ. / Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
151. Фаткуллин, Ф.Н. Общие проблемы процессуального доказывания [Текст] / Науч. ред.: Аврах Я.С. – 2-е изд., доп. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1976. – 206 с.
152. Философский словарь [Текст] / Под ред. И.Т. Фролова. – М.: Республика, 2001. – 719 с.
153. Философский словарь [Текст] / Под ред. М.М. Розенталя. – 3-и изд. – М., 1975. – 496 с.
154. Фойницкий, И.Я. Курс уголовного судопроизводства [Текст] / И.Я. Фойницкий. – В 2-х тт. Т. II. – СПб.: Изд-во «Альфа», 1996. – 607 с.
155. Холиқов, А. Ҳуқуқи исломӣ [Матн] / А. Холиқов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 476 с.
156. Холиқов, А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон [Матн] / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 92 с.
157. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – 527 с.
158. Чельцов, М.А. Уголовный процесс [Текст] / М.А. Чельцов. – М.: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1948. – 624 с.
159. Шарипов, Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ [Матн]: курси мухтасари лексияҳо / Ш.Т. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, М.Н. Насриддинов. – Душанбе, 2010. – 256 с.
160. Шейфер, С.А. Доказательства и доказывание по уголовным делам: Проблемы теории и правового регулирования [Текст] / С.А. Шейфер. – М., 2009. – 240 с.

161. Шейфер, С.А. Следственные действия. Система и процессуальная форма [Текст] / С.А. Шейфер. – М.: Юрлитинформ, 2001. – 208 с.
162. Шурухнов, Н.Г. Предварительная проверка заявлений и сообщений о преступлениях [Текст]: учеб. пособие / Н.Г. Шурухнов. – М., 1985. – 60 с.
163. Щерба, С.П., Химичева, Г.П. Рассмотрение органами дознания заявлений и сообщений о преступлениях [Текст]: учебное пособие / С.П. Щерба, Г.П. Химичева. – М., 1987. – 71 с.
164. Юлдошев, Р.Р. Реализация принципа состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан и Российской Федерации [Текст]: монография / А.Б. Острикова, Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: Издательство «Типография МВД», 2014. – 172 с.
165. Юсуфова, С. Мавқеи ҳуқуқии судяҳои советӣ [Матн] / С. Юсуфова. – Душанбе, «Ирфон», 1978. – 154 с.
166. Якимович Ю.К. Доказательства и доказывание в уголовном процессе России [Текст]: учеб. пособ. / Ю.К. Якимович. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 2015. – 80 с.
167. Якимович, Ю.К. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации [Текст] / Ю.К. Якимович. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2007. – 890 с.
168. Якубович, Н.А. Окончание предварительного следствия [Текст] / Н.А. Якубович. – М., 1962. – 148 с.
169. Якупов, Р.Х. Уголовный процесс [Текст]: учебник для вузов / Якупов Р.Х.; Под ред.: Галузо В.Н. – М.: Зерцало, 1998. – 448 с.

### III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо:

170. Абдуллоев, П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу [Текст] / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджик. нац. ун-та. Сер. гуманитарных наук. – 2013. – №3/4 (115). – С. 113-122.
171. Абдуллоев, П.С. Истина как цель доказывания в уголовном процессе [Текст] / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №3/3 (87). – С. 103-111.

172. Абдуллоев, П.С. Таълимот оид ба далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / П.С. Абдуллоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4 (12) – С. 72-76.
173. Агутин, А.В. К вопросу о понятии доказательств в уголовном судопроизводстве [Текст] / А.В. Агутин // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – Серия: Право. – 2001. – №2 (4). – С. 45-48.
174. Арсеньев, В.Д. К вопросу о предмете и объекте доказывания по уголовному делу [Текст] / В.Д. Арсеньев // Проблемы доказательственной деятельности по уголовным делам: Сб. науч. тр. Красноярск, 1987. – С. 18-23.
175. Балакшин, В.С. Иные процессуальные действия как средства доказывания [Текст] / В.С. Балакшин // ВЕСТНИК ОГУ. – 2006. – №3. – С. 27-28.
176. Барабаш, А.С. К вопросу об истине как цели уголовно процессуальной деятельности [Текст] / А.С. Барабаш // Актуальные проблемы борьбы с преступностью в Сибирском регионе. – Ч. 2. – Красноярск, 2003. – С. 77-82.
177. Баҳриддинзода, С.Э. Масоили пешгирии ҷиноятконрӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон [Матн] / С.Э. Баҳриддинзода // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – ш. Душанбе, 2015. – С. 107-113.
178. Будников, В.Л. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст] / В.Л. Будников // Российская юстиция. – 2008. – №5. – С. 22-27.
179. Быков, В.М. Правовое положение прокурора на предварительном следствии [Текст] / В.М. Быков // Следователь. – 2008. – №6. – С. 33-41.
180. Быков, В.М. Принципы уголовного процесса по Конституции Российской Федерации 1993 года [Текст] / В.М. Быков // Российская юстиция. – 1994. – №8. – С. 5-9.
181. Быков, В.М. Свобода оценки доказательств по уголовно-процессуальному кодексу РФ [Текст] / В.М. Быков // Право и политика. – 2004. – №3. – С. 66-69.

182. Валяев, А.И. Проверка доказательств как самостоятельный элемент процессуального доказывания [Текст] / А.И. Валяев // Актуальные проблемы судоустройства, судопроизводства и прокурорского надзора. – М., 1985. – С. 108-109.
183. Веселова, Н.Ю., Медведева, М.А., Воронкова, Н.В. Оценка доказательств в гражданском и арбитражном процессе [Текст] / Н.Ю. Веселова, М.А. Медведова, Н.В. Воронкова // Вопросы современной юрипруденции. – 2015. – №54-55. – С. 24-29.
184. Воскресенский, Д, Кореневский, Ю. Состязательсность в уголовном процессе [Текст] / Д. Воскресенский, Ю. Кореневский // Законность. – 1995. – №7. – С. 56-63.
185. Громов, Н.А., Николайченко, В.В. Принципы уголовного процесса, их понятие и система [Текст] / Н.А. Громов // Государство и право. – 1997. – №7. – С. 31-37.
186. Давлетов, А.А. Объект и предмет уголовно-процессуального познания [Текст] / А.А. Давлетов // Проблемы доказательственной деятельности по уголовным делам: Сб. науч. тр. – Красноярск, 1986. – С. 18.
187. Денисова, Т.Ю., Шамардин, А.А. Некоторые теоретические проблемы определения перечня и классификации субъектов доказывания по новому уголовно-процессуальному законодательству РФ [Текст] / Т.Ю. Денисова, А.А. Шамардин // Пятьдесят лет кафедре уголовного процесса УрГЮА (СЮИ): Материалы Международной научно-практической конференции, г. Екатеринбург, 27-28 января 2005. – С. 246-249.
188. Джамалова, Э.К., Гаджиев, Г.Г. Ретроспективный анализ принципов инквизиционного процесса [Текст] / Э.К. Джамалова, Г.Г. Гаджиев // Закон и право Республика Дагестан. – 2021. – №3. – С. 27-35.
189. Джатиев, В. Обвинение и защита [Текст] / В. Джатиев // Рос. юстиция. – 1995. – №3. – С. 15-23.
190. Джатиев, В.С. О некоторых вопросах теории доказательств обвинения и защиты [Текст] / В.С. Джатиев // Российская юстиция. – 1991.– №2. – С. 14-23.

191. Добровольская, Т.Н. Предмет доказывания при разрешении судами вопросов, связанных с исполнением приговоров [Текст] / Т.Н. Добровольская // Актуальные проблемы доказывания в советском уголовном процессе: Сб. науч. ст. – М., 1981. – С. 30-37.
192. Доля, Е.А. Оценка доказательств в российском уголовном процессе [Текст] / Е.А. Доля // Государство и право. – 1996. – №2. – С. 85-94.
193. Егоров, А.В. К истории понятия сравнительного правоведения [Текст] / А.В. Егоров // Государство и право. – 2009. – №3. – С. 89-101.
194. Егоров, К. Оценка доказательств как завершающий этап доказывания [Текст] / К. Егоров // Российская юстиция. - 2000. - № 12. – С. 32.
195. Жидков, В.И., Аширбекова, М.Т. О публично-правовой природе активности суда в уголовном процессе [Текст] / В.И. Жидков, М.Т. Аширбекова // Российский судья. – 2004. – №9. – С. 36-39.
196. Загорский, Г.И., Орлова, Т.В. Производство по уголовным делам в отношении несовершеннолетних [Текст] / Г.И. Загорский, Т.В. Орлова // Российский судья. – 2012. – №10. – С. 6-11.
197. Зажицкий, В.И. О направлениях совершенствования уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации [Текст] / В.И. Зажицкий // Государство и право. – 2004. – № 4. – С. 31-38.
198. Зеленецкий, В.С. Объект уголовно-процессуального познания действительности [Текст] / В.С. Зеленецкий // Вопросы государства и право развитого социалистического общества. – Харьков, 1975. – С. 244-252.
199. Искандаров З.Ҳ. Баъзе аз масоили қоидаи мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва масъалагузории хориҷ намудани он аз маҷмуи далелҳо [Матн] / З.Ҳ. Искандаров // Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи илмӣ – амалӣ бахшида ба 80-умин солгарди Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ, номзади

илмҳои ҳуқуқ, дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2019. – С. 19-38.
200. Искандаров, З.Ҳ. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд, дастовард ва дурнамо [Матн] / З.Ҳ. Искандаров // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш.Душанбе, 16 ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 10-19.
201. Искандаров, З.Ҳ. Мурофиаи ҷиноятӣ: мафҳум, моҳият ва мақсади он [Матн] / З.Ҳ. Искандаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. – 2016. – №2/11 (220). – С. 144-150.
202. Искандаров, З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд [Матн] / З.Ҳ. Искандаров // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ) / Зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 20-27.
203. Исоев, К.М. Муқаррар кардани ҳақиқат ҳамчун мақсади исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – Қ. II. – С. 213-216.
204. Исоев, К.М. Некоторые вопросы субъектов доказывания в уголовном процессе [Текст] / К.М. Исоев // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 119-124.
205. Исоев, К.М. Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон [Матн] / К.М. Исоев // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10 соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 16 ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 145-154.

206. Исоев, К.М. Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 340-351.
207. Исоев, М.Ш. Защита прав человека в судебном процессе [Текст] / М.Ш. Исоев // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №1. – С. 31-41.
208. Ковтун, Н.И. Состязательность и поиск истины (О роли и месте суда в доказывании по уголовному делу) [Текст] / Н.И. Кофтун // Рос. юстиция. – 1997. – №7. – С. 11-12.
209. Кокарев, Л.Д. Судебная реформа: идеи и реальность [Текст] / Л.Д. Кокарев // Юрид. Зап. – 1994. – №1. – С. 10-19.
210. Коновалов, С.Г. Новый УПК Киргизии: важнейшие изменения и перспективы реализации [Текст] / С.Г. Коновалов // Уголовный процесс. – 2017. – №12. – С. 84-91.
211. Кореневский, Ю. Нужна ли суду истина? [Текст] / Ю. Кореневский // Рос. юстиция. – 1994. – №5. – С. 20-27.
212. Куцова, Э.Ф. Уголовный процесс России: истина и состязательность [Текст] / Э.Ф. Куцова // Законодательство. – 2002. – №4. – С. 71-82.
213. Литвинова, Г.В. Психологическое консультирование и роль психолога в разрешении уголовных и гражданских дел с участием несовершеннолетних [Текст] / Г.В. Литвинова // Вопр. ювенальной юстиции. – 2010. – №6. – С. 12-18.
214. Маслов, А.Г. Проверка доказательств средство обеспечения законности в уголовном судопроизводстве [Текст] / А.Г. Маслов // Вопросы уголовного процесса. – 1989. – №4. – С. 41-47.
215. Маҳмудов, И.Т. Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фаъолияти исботкунӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов

// Қонуният Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 35-41.
216. Маҳмудов, И.Т. Нақши прокурор дар исботкунӣ [Матн] / И.Т. Маҳмудов // Нақши конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ. – Душанбе, 2012. – С. 38-46.
217. Маҷидов, А.М. Пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар [Матн] / А.М. Маҷидов // Қонуният. – 2014. – №5. – С. 85-95.
218. Назаров, В.В., Илларионов, В.А., Гелескул, В.В. Предмет доказывания в советском уголовном процессе (анализ содержания) [Текст] / В.В. Назаров, В.А. Илларионов, В.В. Гелескул // Вопросы организации суда и осуществления правосудия в СССР. – 1977. – №6. – С. 25-31.
219. Обидит, К.В. Особенности предмета доказывания по делам о взяточничестве [Текст] / К.В. Обидит // Уголовное судопроизводство. – 2017. – №4. – С. 5-12.
220. Пашкевич, П.Ф. Объективность судебного исследования уголовного дела [Текст] / П.Ф. Пашкевич // Сов. юстиция. – 1961. – №4. – С. 5-13.
221. Петрухина, А. Ответственность эксперта в уголовном процессе [Текст] / А. Петрухина // Законность. – 2004. – №12. – С. 35-42.
222. Рахмаджонзода, Р.Р. Электронные доказательства в уголовном судопроизводстве Таджикистана [Текст] / Р.Р. Рахмаджонзода // Доказывание в уголовном процессе: проблемы нормативного регулирования и правоприменения: материалы Международной научно практической конференции (Н. Новгород, ПФ ФГБОУВО «РГУП», 28 июня 2022 г.). – Н. Новгород: ООО «Печатная Мастерская РАДОНЕЖ», 2023. – С. 131-136.
223. Раҳимзода, Р.Ҳ. Ба сифати далелҳо мубаддал гардонидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашуда: проблемаҳои ҷойдошта [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимзода // Қонуният (Законность) Маҷаллаи

илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 17-20.
224. Раҳматуллоев, А.Э. Зарурати такмил додани роҳу услуб ва қоидаҳои тафтиши ҷиноят [Текст] / А.Э. Раҳматуллоев // Ҳолати муосири илм ва қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: «Вектор-Принт», 2016. – С. 138-145.
225. Резепов, В.П. Субъекты доказывания в советском уголовном процессе [Текст] / В.П. Резепов // Вопросы государства и права. – Л.: Изд-во ЛГУ 1958. – С. 110-123.
226. Рудин, А.В. Берзин. Доказательства в уголовном процессе: вопросы соотношения их проверки и оценки [Текст] / А.В. Рудин // Вестник Краснодарского университета МВД России. – 2017. – №1. – С. 55-61.
227. Рудин, А.В. Проверка доказательств в системе элементов процесса доказывания по уголовным делам [Текст] / А.В. Рудин // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2015. – №4. – С. 3-12.
228. Самойлов, А.В. Предмет доказывания и криминалистическая характеристика преступлений: соотношение понятий [Текст] / А.В. Самойлов // Провинциальные научные записки. – 2016. – №1. – С. 163-165.
229. Табалдиева, В.Ш. Уголовно-процессуальный статус следователя как субъекта применения норм права в процессе оказания международной правовой помощи по уголовным делам [Текст] / В.М. Табалдиева // Рос. следователь. – 2004. – №2. – С. 7-16.
230. Тумашов, С.А. Принцип состязательности сторон и его роль в обеспечении прав участников уголовного судопроизводства [Текст] / С.А. Тумашов // Обеспечение прав и свобод личности в уголовном судопроизводстве. – Волгоград, 2003. – С. 73-74
231. Халифазода, М.Н. Оқибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавии ба даст овардани далелҳо бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ [Матн] / М.Н. Халифазода // Қонуният

Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 64-72.

232. Ходжаева, Н.Б. Понятие субъекта доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст] / Н.Б. Ходжаева // Законодательство. – 2015. – №1 (17). – С. 19-22.

233. Хоҷаева, Н.Б Масоили танзими ҳуқуқии ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳогузории далелҳои шайъӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / Н.Б. Хоҷаева // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2013. – С. 99-104.

234. Ҳамидов, Б.Ҷ. Ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд [Текст] / Б.Ҷ. Ҳамидов // Қонуният (Законность) Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 41-49.

235. Шаҳидуллозода, М. Пешниҳод ва баҳодиҳии далелҳо аз ҷониби айбдоркунандаи давлатӣ дар мурофиаи судӣ [Матн] / М. Шаҳидуллозода // Қонуният (Законность). Маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №5. – С. 80-89.

236. Щадрин, В.С. Современные проблемы истины и её установление в уголовном процессе [Текст] / В.С. Щадрин // Современные проблемы уголовно-процессуального доказывания. – Волгоград, 2000. – С. 13-19.

237. Юлдошев, Р.Р. Возможности использования результатов оперативно-розыскной деятельности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Юлдошев // Современное состояние науки и законодательства об оперативно-розыскной деятельности (Материалы международной научно-практической конференции). – Душанбе, 2016. – С. 180-191.

238. Юлдошев, Р.Р. О понятии доказательств и доказывании в уголовном судопроизводстве Таджикистана [Текст] / Р.Р. Юлдошев // Доказательства и доказывание по новому УПК Украины» (в честь 75-летия доктора

юридических наук, профессора М.М. Михеенко): материалы международной научно-практической конференции, 6-7 декабря 2012 г.г. Киев. – Х.: Видавець Строков Д.В., 2013. – С. 365-369.

239. Юлдошев, Р.Р. Роль Устава уголовного судопроизводства 1864 года в становлении и развитии таджикского уголовно-процессуального законодательства [Текст] / Р.Р. Юлдошев // Актуальные проблемы российского права. – 2014. – №4 (41). – С. 642-653.

240. Юрченко, Л.В. Оценка доказательств: понятие и сущность [Текст] / Л.В. Юрченко // Актуальные проблемы права России и стран СНГ-2004 г. Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 75-летию и памяти профессора Ю.Д. Лившица. – 1-2 апреля 2004 г. – Челябинск, 2004. – С. 150-158.

**IV. Диссертатсия ва авторефератҳо**

241. Авилов, А.В. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Авилов Александр Владимирович. – Краснодар, 2011. – 165 с.

242. Агутин, А.В. Мировоззренческие идеи в уголовно-процессуальном доказывании [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Агутин Александр Васильевич. – Н. Новгород, 2005. – 448 с.

243. Арипов, А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Арипов Анвар Лутфиллоевич. – Москва, 2011. – 226 с.

244. Асеева, Ю.А. Свобода оценки доказательств - принцип российского уголовного процесса [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Асеева Юлия Александровна. – Ижевск, 2005. – 157 с.

245. Балакшин, В.С. Доказательства в теории и практике уголовно-процессуального доказывания (важнейшие проблемы в свете УПК Российской Федерации) [Текст]: / автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Балакшин Виктор Степанович. – Екатеринбург, 2005. – 64 с.

246. Воробьева, Ю.Ю. Современные проблемы процесса доказывания в российском уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Воробьева Юлия Юрьевна. – Оренбург, 2006. – 187 с.
247. Воронин, С.Э. Проблемно-ноисковые следственные ситуации и установление истины в уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Воронин Сергей Эдуардович. – Барнаул, 2001. – 404 с.
248. Гаврилин, Ю.В. Расследование преступлений, посягающих на информационную безопасность в сфере экономики: теоретические, организационно- тактические и методические основы [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Гаврилин Юрий Викторович. – Москва, 2009. – 404 с.
249. Грибов, И.В. Доказывание как способ разрешения противоречий уголовного судопроизводства [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Грибов Иван Владимирович. – Н. Новгород, 2006. – 22 с.
250. Гущин, А.Н. Проблемы использования результатов оперативно-розыскной деятельности в.доказывании по уголовным делам [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Гущин Александр Николаевич. – Саратов, 2002. – 180 с.
251. Егорова, Т.З. Средства доказывания и их оценка в судебных стадиях российского уголовного процесса [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Егорова Татьяна Зинуровна. – Ижевск, 2002. – 162 с.
252. Ефимичев, С.П. Окончание предварительного расследования с обвинительным заключением [Текст]: / дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Ефимичев Сергей Петрович. – Ленинград, 1968. – 359 с.
253. Зайцева, С.А. Оценка доказательств в российском уголовном процессе [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Зайцева Светлана Александрована. – Саратов, 1999. – 177 с.
254. Зверев, И.В. Субъекты доказывания в уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Зверев Илья Владимирович. – Волгоград, 2005. – 195 с.

255. Искандаров, З.Х. Правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Искандаров Зайниддин Хамидович. – Ташкент, 2010. – 50 с.
256. Кахаров, А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР, 1924-1929 гг. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кахаров Абдурахим Абдулахадович. – Душанбе, 1999. – 194 с.
257. Кузнецов, Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Кузнецов Николай Пантелеймонович. – Воронеж, 1998. – 444 с.
258. Левченко, О.В. Система средств познавательной деятельности в доказывании по уголовным делам и её совершенствование [Текст]: / дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Левченко Ольга Владимировна. – Астрахань, 2004. – 418 с.
259. Мирзамонзода, Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламе н тации и практики [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон. – Душанбе, 2021. – 63 с.
260. Морозова, Т.А. Свобода оценки доказательств в стадии предварительного расследования [Текст]: автореф. дис. …канд. юрид. наук: 12.00.09 / Морозова Татьяна Александровна. – Н. Новгород, 2007. – 210 с.
261. Негматов, Б.С. Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн]: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.09 / Негматов Баҳодур Сафарович. – Душанбе, 2023. – 205 с.
262. Пилюгина, Н.Н. Свобода оценки доказательств в уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Пилюгина Наталья Николаевна. – Саратов, 2007. – 194 с.
263. Прокопенко, А.А. Оценка доказательств в ходе рассмотрения уголовного деласудом первой инстанции [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Прокопенко Андрей Александрович. – Краснодар, 2009. – 27 с.

264. Рахмаджонзода, Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Рахмаджонзода Рифат Рахмаджон. – Душанбе, 2022. – Том 1. – 730 с.; – Душанбе, 2022. – Том 2. – 254 с.
265. Рахматулина, Н.Г. Убийство по мотиву национальной, расовой, религиозный ненависти или вражды либо кровной мести: вопросы квалификации и индивидуализации наказания [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Рахматулина Наталья Гаптрахмановна. – Ставрополь, 2005. – 203 с.
266. Раҳмон, Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ [Матн]: дис. ... док. илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Раҳмон Дилшод Сафарбек. – Душанбе, 2019. – 479 с.
267. Россинский, С.Б. Концептуальные основы формирования результатов «невербальных» следственных и судебных действий в доказывании по уголовному делу [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Россинский Сергей Борисович. – Москва, 2015. – 40 с.
268. Сибилева, Н.В. Допустимость доказательств в советском уголовном процессе [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Сибилева Наталья Васильевна. – Харьков, 1986. – 23 с.
269. Снегирев, Е.А. Оценка доказательств по внутреннему убеждению [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Снегирев Евгений Александрович. – Воронеж, 2002. – 198 с.
270. Чиганова, С.Д. Формирование убеждения суда первой инстанции в исковом производстве [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Чиганова Светлана Дмитриевна. – Томск, 1985. – 240 с.
271. Чирков, Ф.В. Оценка доказательств в ходе окончания предварительного следствия [Текст]: автореф. дис. ... юрид. наук: 12.00.09 / Чирков Филипп Викторович. – Краснодар, 2011. – 181 с.

**V. Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]:**

272. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 19 апрели соли 2019, №1242 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www.sud.tj/sanadho/barnomai-2019-2021 (санаи муроҷиат: 16.12.2023).
273. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 / Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/node/843 (санаи муроҷиат: 13.01.2024).
274. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 12.05.2023).
275. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ (ш. Душанбе, 21 ноябри 2019сол) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/21842. санаи муроҷиат: 19.09.2020).
276. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 14.09.2019).
277. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз 22.07.21 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/26167 (санаи муроҷиат: 15.10.2022).
278. Устав уголовного судопроизводства от 20 ноября 1864 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://constitution.garant.ru/history/act1600-1918/3137/ (дата обращения: 11.05.2022).

## VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор:

279. Бойгонии Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.

280. Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2022-2023.

281. Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Солҳои 2019-2023.

282. Парвандаи ҷиноятии №6786/23 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.

283. Парвандаи ҷиноятии №46444/22 // Бойгонии суди ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.

284. Парвандаи ҷиноятии №1-54/23 // Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

285. Бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2021 / Рахмаджонзода Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Том 2. – Душанбе, 2022. – 500 с.

286. Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2022.

287. Парвандаи ҷиноятии 1-14/20 // Бойгонии суди ш. Душанбе.

288. Бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Соли 2022.

289. Парвандаи ҷиноятии №11-167/19 // Бойгонии Суди ш. Душанбе.

290. Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – январ-март 2021. – №1. – С. 73-74.

291. Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – январ-март 2021. – №1. – С. 83-84.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Исоев, К.М. Некоторые вопросы субъектов доказывания в уголовном процессе [Текст] / К.М. Исоев // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 120-124; ISSN 2307-5198.

**[2-М].** Исоев, К.М. Муқаррар кардани ҳақиқат ҳамчун мақсади исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – Қ. II. – С. 213-216; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Исоев, К.М. Ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ, талаб намудани предмет ва ҳуҷҷатҳо ҳамчун воситаи ҷамъоварии далелҳо [Матн] / К.М. Исоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №2 (26). – С. 183-192; ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Исоев, К.М. Исботкунӣ ва махсусиятҳои гносеологии (маърифат) он дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2023. – №4 (22). – С. 242-250; ISSN 2414 9217.

**[5-М]** Маҳмудов, И.Т., Исоев, К.М. Баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои норавшани он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Т. Маҳмудов, К.М. Исоев // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 248-253; ISSN 2410-2903.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М].** Исоев, К.М. Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти

ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 341-345.

**[7-М].** Исоев, К.М. Соотношение процессуального познания и доказывания [Текст] / К.М. Исоев // Материалы республиканской научно-практической конференции: «Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» / Под редакцией к.ю.н., доцента Рахмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 206-209.

**[8-М].** Исоев, К.М. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конфренсияи илми амалӣ дар мавзуи: «Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-умин солгарди ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Н.А. ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ (ш. Душанбе, 25 июни соли 2019). – Душанбе, 2019. – 221-224.

**[9-М].** Исоев, К.М. Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбатиноболиғон [Матн] / К.М. Исоев // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе 16-уми ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе, 2022. – С. 146-150.

**[10-М].** Исоев, К.М. Консепсияи муосири тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 6 октябри соли 2022) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 160-165.

**[11-М].** Исоев, К.М. Таносуби тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва

ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 22 июни соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 280-284.